А. МУҲАММАДҶОНОВ

# ТАЪРИХИ ЎЗБЕКИСТОН

## (АЗ АСРИ IV ТО ИБТИДОИ АСРИ XVI)

**КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ 7-УМИ МАКТАБҲОИ МИЁНАИ ТАЪЛИМИ УМУМӢ**

***Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст***

***Нашри дуюми аз нав коркардашуда***



САРТАҲРИРИЯТИ ШИРКАТИ
САҲҲОМИИ ТАБЪУ НАШРИ "SHARQ"
ТОШКАНД — 2013

УЎК: 94(575.1)=222.8
ББК 63.(50)

**Муҳаррири масъул:** ***А.Замонов, дотсент***

***Сохтори методикаи китоби дарсӣ аз ҷониби Ф. Султонов тартиб дода шудааст***

**М у қ а р р и з о н:**

А. М. Отахўҷаев – мудири Шўъбаи Пажўҳишгоҳи таърихи ФУРЎ, доктори илмҳои таърих;

А. Ч. Яхшиев – мудири кафедраи таърихи Академияи андоз, номзади илмҳои таърих;

К. А. Матхолиқов – омўзгори Институти бозомўзӣ ва баланд бардоштани малакаи омўзгорони шаҳри Тошканд, номзади илмҳои таърих;

М. Ф. Холбоева – сарметодисти шўъбаи фанҳои иҷтимоии Маркази таълими республика;

У. Ф. Ҳайдаров – омўзгори мактаби миёнаи таълими умумии давлатии 13-уми ихтисосонидашудаи ноҳияи Бухорои вилояти Бухоро.

**Ба аломатҳое эътибор диҳед, ки дар ҷараёни дарс ба Шумо ёрӣ медиҳанд:**



**Аломати мазкур талаб мекунад, ки воқеаи муҳими таърихиро дар хотир нигоҳ доред.**



**Ин аломат ба санҷидани дониши хеш ҳидоят мекунад.**



**Аломати мазкур ба дарки мазмуни истилоҳат ва мафҳумҳои (асосие) даъват мекунад, ки дар матн дучор меоянд.**



**Аломати мазкур аз Шумо талаб мекунад, ки оид ба саволҳои мавзўъ ҷавоб гардонед ва супоришҳоро иҷро кунед.**

**Муҳаммадҷонов, Абдулаҳад.**

Таърихи Ўзбекистон: (аз асри IV то ибтидои асри XVI). Китоби дарсӣ барои донишомўзони синфҳои 7-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ.) Муаллиф. А. Муҳаммадҷонов/. Мутарҷим Э.Турдиқулов.«Sharq», 2013.— 160 саҳ.

**УЎК: 94(575.1)=222.8**

**ISBN 978-9943-26-038-2** **ББК 63.(50)**

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст**

© Муҳаммадҷонов А., 2009, 2013
© Сартаҳририяти ШСТН «Sharq», 2009, 2013
тарҷума ба забони тоҷикӣ.

*Таърих асоси маънавияти халқ аст.*

***Ислом КАРИМОВ***

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзи гиромӣ!

Ватанамон Ӯзбекистон ва халқи ӯзбек соҳиби таърихи бои қадимаи саршор аз воқеаҳои оламшумул мебошад. Гузаштаи мамлакати мазкур, ки бо номҳои Тӯрон, Туркистон ва Мовароуннаҳр шӯҳрат пайдо кардааст ва халқи ӯзбек, ки бо меҳнати худ онро ободгардондааст, ниҳоят шавқовар ва сабақомез аст.

Шумоён аз китоби дарсии мазкур аз воқеаҳое бархурдор мешавед, ки дар давоми садаҳои IV–XVI дар таърихи Ватанамон рух додаанд. Дар ин марҳалаи таърихӣ, ки давраи дувоздаҳ асрро фаро гирифтааст, халқи ӯзбеки соҳибкор ва озодидӯст таҳти сарпарастии даҳоҳои донои худ ташаккул ёфт, ки сараввал дар сафи қавмҳои умумитуркӣ бо истилоҳҳои «ӯзбий» ва «ӯзбек» ҳамду сано хонда шудааст.

*** «Ӯзбек» — беки қабила, ҳукмдор.**

Аҷдодонамон каналҳо кофта, ба дашту биёбонҳо об баровар-данд, заминҳои бекорхобидаро ба боғу бӯстонҳо тадбил доданд. Кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Ба ҷои воҳаҳои алафзор деҳаҳо ва шаҳрҳо қад кашиданд. Онҳо ба маркази илму маърифат ва касбу ҳунар мубаддал ёфтанд. Санъати тасвирӣ, мусиқӣ, меъморӣ ривоҷ ёфта, маданияти беназири ба худ хос ба вуҷуд оварда шуд.

Дар воҳаҳои кишоварзӣ сараввал ҳокимони воҳа, баъдтар бошад, Эфталҳо, Ҳоқонати Турк, давлатҳои Сомониён, Қарохониён, Хоразмшоҳиён, Амир Темур барин давлатҳои бузург ҳукм рондаанд. Давлатҳои мазкур, ки дар асрҳои миёна ба вуҷуд омаданд, ба ривоҷу равнақи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии аҳолии мамлакат таъсири худро расонданд. Дар ин давр соҳибони заминҳои калон «деҳқон»-ҳо, ки «Ҳокими деҳа» ном гирифта буданд ва шахсони безамине, ки дар киштзорҳои онҳо кор мекарданду «кадивар»-ҳо, яъне корандаҳо ташаккул ёфтанд. Муносибат ба замин, ва об ба куллӣ тағйир ёфт. Тартиби коркарди замин ва



дар онҳо истифода бурдани кироягон тағйир ёфт. Зулму истибдод аз болои меҳнаткашон пурзўр гашт, муносибати байниҳамдигарии табақаҳо ниҳоят ҷиддитар гардид. Дар ҳамин давр мамлакатамон аз тарафи Хилофати араб забт гардид. Дини ислом ва мафкураи мусалмонӣ қарор ёфт, дину эътиқодҳои маҳаллӣ барҳам ёфтанд. Имлои арабӣ ҷорӣ гардид, ки барои кишвар бегона буд. Дар асрҳои баъди ҳукмронии хилофат, барои ривоҷу равнақи илму маърифат шароит фароҳам омад. Асрҳои миёна дар сарзаминамон ба сафи мутафаккиронамон, аз қабили Муҳаммад ибни Мусо ал Хоразмӣ, Аҳмад ал Фарғонӣ, Абўрайҳон Берунӣ, Ибни Сино, Улуғбек ва Алишери Навоӣ, уламоҳои машҳур Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Аҳмад Яссавӣ, Наҷмиддини Кубро, Баҳоваддини Нақшбанд ва Хоҷа Аҳрор барин олимони машҳур ба камол расиданд.

Ҷасорати халқи озодидўстамонро дар лаҳзаҳое, ки ба дўши кишварамон санҷишҳои душвору пурмусибат афтод, дар рамзи ватанпарварон, аз қабили Ҷалолиддини Мангубердӣ, Темур Малик ва шайхи машҳур Наҷмиддини Кубро, Маҳмуд Торобӣ, Амир Темур дониста мегиред, ки дар роҳи мудофиаи Ватан ҷони худро нисор кардаанд. Ва мустақилӣ орзуи чандинасрина ва натиҷаи шарофати муборизаҳо буданаш гувоҳ мегардед. Маълум аст, ки Амударё ва Сирдарё ҳавзаҳои бузурги обии ҳудуди Тўрони қадима мебошанд. Дар ин ҳудуд баробари ўзбекони муқимӣ (сокинӣ) падару бобоёни бародарони тоҷик, қирғиз, қазоқ, қароқалпоқ ва туркман паҳлў ба паҳлў зиндагонӣ кардаанд. Аз ҳамин сабаб гузаштаи ҳалқи ўзбек аз нигоҳи этникӣ ва бисёр ҷиҳатҳои наздики ҳаётӣ ба таърихи ин халқҳои бародар вобастагӣ ва ҳамоҳангӣ пайдо намудааст. Алалхусус, мубориза ба муқобили истилогарони аҷнабӣ, ҳукмдорони ноадолатнок-мустабидон, зодагони бешафқати мулкдор халқҳои бародарро муттаҳид сохт. Ба туфайли он онҳо бисёр вақт ҳамчун шаҳрвандони умумии давлатҳо зиндагӣ карданд, барои ободонии кишвару диёр фаъолона иштирок намуданд.

Хулоса, дар китоби дарсӣ таърихи ҳаёти ниҳоят мураккаб ва пурмашаққати Ватанамон ва халқи ўзбек дар асрҳои миёна баён гардидааст. Ҳангоми ҷараёни равшанкунии воқеаҳои сиёсии он сатрҳоро оид ба фаъолияти бунёдкоронаи халқамон, маданияту эътиқоди ба худ хоси он, ҳамчунин муҳаббату садоқати бемисли онро нисбати Ватан хонда, аз он фахр мекунед, ки ворисони ана ҳамин халқи мўътабаред.

Зеро чуноне ки Президенти кишварамон ***Ислом Каримов*** зикр кардаанд: ***«Худшиносӣ аз донистани таърих оғоз меёбад... Таърихи ҳаққониро надониста, худро шинохтан мумкин нест».***

# БОБИ I
# ТАШАККУЛ ВА РИВОҶЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА

## § 1. ТАҒЙИРОТҲОИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Деҳқон. Кишоварз. Кадивар. Чокар.***

Пешрафти диёри Тӯрони қадим дар давраи равнақи давлатҳои бузурги замони худ — давлати **Қанғ** (Қанғуй) ва **шоҳигарии Кӯшон** оғоз ёфта буд. Ва ин пешрафтҳо, албатта, ба тағйироти муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсии аҳолии мамлакат оварда расонд. Миқдори шаҳрҳо афзуда, ҳудуди онҳо васеъ гардида, ба марказҳои ҳунармандӣ, савдо ва ҳаёти фарҳангӣ табдил ёфтанд.

Дар воҳаҳо, як қатор иншоотҳои калони обёрикунӣ бунёд ёфта, майдонҳои обёришавандаи кишоварзӣ васеъ шуданд. Иншоотҳои обӣ, аз қабили осиёи обӣ, ғарғара ва **чархипаррак** кашф гардиданд. Майдонҳои аз сатҳи оби ҷорӣ баланд обёрӣ шуда, обод гаштанд. Дар соҳаи кишоварзӣ баробари ғаллакорӣ, шоликорӣ ва полизкорӣ майдонҳои пахта ва боғу роғ низ вусъат ёфтанд.

*** «Чархипаррак» — иншооти обёрикунӣ.**

Ба воситаи такомули таҷрибаҳои обёрикунӣ ва коркарди майдонҳои кишт аҳолӣ акнун аз соҳаи деҳқонӣ ҳосили баланд мегирифтагӣ шуд.

Баробари зиёд шудани аҳолии шаҳрҳо, ривоҷи ҳунармандӣ, вусъати савдои дохиливу беруна эҳтиёҷ ба маҳсулоти кишоварзӣ афзуд. Оқибат нуфузи деҳот дар ҳаёти иқтисодии мамлакат ба сифати манбаи ашёи хом баланд шуда, аз як та-



Оилаи деҳқони мулкдор.

раф ба замин, хусусан, муносибати аслӣ ба майдонҳои зироаткорӣ ва алалхусус анъанаҳои соҳибӣ намудани онҳо тадриҷан тағйир меёфт. Аз тарафи дигар равобити байни аҳолии зироаткори муқим бо қабилаҳои чорводор ривоҷ ёфт. Ҷараёни гузариши аҳолии бодиянишин ва нимбодиянишини маскуни минтақаҳои дашт ва наздикӯҳии мамлакат ба ҳаёти муқимӣ пурзӯр гашт. Дар натиҷа эҳтиёҷ ба заминҳои обёришаванда зиёд шуда, суръати корҳои обёрикунии заминҳои лалмӣ ва нокорам, кушодани майдонҳои калони замин баланд гаштанд. Дар амалӣ гардондани ин гуна корҳои ободонӣ намояндагони табақаҳои мулкдорон, оқсақолони деҳот, инчунин сарварони авлоду қабила, ки дар ҳаёти иҷтимоии мардум ва кишвар соҳиби нуфузи калон буданд, ба сифати саркор фаъолона ширкат варзиданд. Як қисми муайяни майдонҳои нави заминҳои навкорам ба таври қонунӣ ба дасти саркорҳо гузашта, ба мулки меросии онҳо табдил ёфтанд. Ҳамин тавр, табақаи амволдороне ташаккул ёфт, ки асосашонро заминдорони калон ташкил медод.

### «Деҳқон»-ҳо ва ҳаёти хоҷагии онҳо

**Саркорон** майдони заминҳои ба худашон мансубро аз қисми болоии воҳаҳои обёрикунӣ, хусусан, аз гирду атрофи сарбандҳои об ҷудо карда, бо ин васила соҳиби имконияти истифодаи бемалоли обро дар кашоварзӣ ба даст оварда, тақсимоти обро зери назорат мегирифтанд. Ҳамин тариқ онҳо аз болои аҳолии зироаткор ҳукмронӣ саркарданд. Дар он замон онҳо **«деҳқонон»** номида мешуданд.

Деҳқонон дар шаҳрҳо соҳиби хоҷагии калони иборат аз қасру саройҳои ҳашаматнок, дӯкону растаҳои савдо ва шабакаҳои ҳунармандӣ буданд. Дар деҳот бошад, ғайр аз майдонҳои кишт кӯшк ва қалъаҳои истеҳкомдор, **обҷувозу ҷувози равғанкашӣ** ва осиёи онҳо мавҷуд буданд. Ҳар як заминдори калон хизматгорони зиёдеро аз ҷумлаи ғуломон, канизон, ятимони бекас, 30—40, 50—100 ва баъзан аз он зиёд гурӯҳи махсуси аскарҳо **чокар** (пешхизмат)-ҳо доштанд.



**Варахша. Тасвири гаҷкоришудаи ғурм (гӯсфанди кӯҳӣ).**

**Чокарҳо** аз ҳисоби ҷавонони бақуввату чусту чолок ва содиқ инчунин аз **оилаи деҳқони мулкдор** интихоб мешуданд. Деҳқонҳо бо чунин пешхизматҳои содиқ ва ҷанговар дар юришҳои ҳарбӣ ба муқобили душман ширкат меварзиданд. Дар замонҳои осоишта бошад, ба пешхизматҳо такя намуда кӯшиш мекарданд, ки аз болои аҳли зироаткори озоди деҳот ҳукми худро гузаронанд.

**Табақагардонии ҷамоаҳои деҳот**

Деҳқонон, ки сараввал аз меҳнати хизматкорони дар ихтиёрашон буда истифода мебурданд, баъдтар бо роҳҳои гуногун аз болои ҷамоаҳои деҳот ҳукмронӣ намуданд ва рафта-рафта аз қувваи кории онҳо низ истифода мебурдагӣ шуданд. Ҳамин тавр, баробари ташаккули муносибатҳои заминдорӣ дар мамлакат дар байни ҷамоаҳои деҳот, дар қатори деҳқононе, ки соҳиби заминҳои калон буданд, табақаи *кадиварҳо* пайдо шуданд. Дар мамлакат амволдории хусусӣ ба замину об афзуда, миқдори кадиварҳо зиёд гашта, ба яке аз қувваҳои асосии истеҳсолкунандаи хоҷагии деҳқонӣ табдил ёфтанд.

**Дар миёнаҳои асри V** ҳарчанд қисми муайяни заминҳои киштшаванда аз мулкҳои зери дасти деҳқонон иборат бошад ҳам, аммо қисми асосии заминҳои обёришавандаи воҳаҳои зироаткорӣ ҳанӯз дар дасти ҷамоаҳои деҳот буд.



*** Обикор – майдони обёришаванда.**

Ҳамин тариқ, баробари ташаккули муносибатҳои заминдорӣ дар ҳаёти иҷтимоии мамлакат тағйироти ҷиддӣ содир гардид. Чунин тағйиротҳо хусусан дар деҳот назаррас гардид. Ҷамоатҳои деҳот **ба деҳқони** соҳиби замин ва **кадиварони** безамину побанду тобеи вай ҷудо шуданд. Табақаи зироаткорони озод, ки дар сарзамини ҷамоаи деҳа зиста, соҳиби мулки умумии иборат аз замин ва об буданд, **кашоварзон (барзгарон)**

номида мешуданд. Як қисми муайяни онҳо аз заминҳои ҷамоа маҳрум гашта, тадриҷан ба кадивар табдил меёфтанд. Деҳқонони соҳиби заминҳои калони баъзе воҳаҳои кашоварзӣ дар вилоятҳои худ ҳатто ҳокимони мустақил мешаванд.*

*** Деҳқон (ҳокими деҳа) – табақаи мулкдори ибтидои асрҳои миёна.**

*** Кашоварз – деҳқони оддии зироаткор.**

*** Кадивар – аҳолии деҳоте, ки тобеи деҳқон буд.**

*** Чокар – ҳимоятгари мулки деҳқон, посбони ҳарбӣ.**

*** Обҷувоз – сохтори сафедкунии шолӣ, ки бо қувваи об кор мекард.**

*** Ҷувози равған – сохторе, ки аз тухми растанӣ равған мегирифт.**

1. Чӣ гуна комёбиҳо дар деҳқонӣ ба даст оварда шудаанд?
2. Ба афзудани нуфузи деҳот кадом омилҳо сабабгор шуданд?
3. Аз чӣ сабаб эҳтиёҷ барои аз худ кардани заминҳои лалмӣ ва нокорам афзуд?
4. Табақаи деҳқонҳо ва кадиварҳо чӣ тавр ташаккул ёфтанд?
5. Кашоварзон киҳоянд, дар бораи онҳо чиро донистед?

## § 2. ДАВЛАТҲОИ ИБТИДОИИ АСРҲОИ МИЁНА

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Африғиҳо. Хиониҳо. Кидариҳо. Эфталҳо.***

**Ташкилёбии давлати Хоразм**

Аз таркиби давлати заифгаштаи Қанғ аввалин шуда Хоразм ҷудо шуд. Онро хоразмшоҳиёни мансуби сулолаи Африғиҳои маҳаллӣ идора мекарданд. **Миёнаҳои асри III** мелодӣ пойтахти давлати Хоразм саравval дар ҷои харобаҳои шаҳри **Тӯпроққалъаи** қадим ҷой дошт, ки он дар ноҳияи ҳозираи Элликқалъаи Қароқалпоқистон ҷойгир аст.

Аз ҷиҳати мудофиа пойтахт хеле мустаҳкам сохта шуда буд. Шаҳр дарвозахонаи мустаҳкаме дошт. Дар рӯ ба рӯи дарвоза қадқади ду канори кӯчае, ки маркази шаҳрро бурида мегузашт, ҷои зисти шаҳриён қарор дошт. Болотар аз маркази шаҳр маҷмӯи ибодатхона, дар қисми шимолӣ-ғарбии он бошад, қасри семанорадори баландиаш 25 метраи Хоразмшоҳиён қад кашида буд. Дар ин давр дар Хоразм шаҳрҳои бо деворҳои мустаҳкам иҳота гашта ва деҳаҳоҳи истеҳкомдор хеле зиёд буданд.

**Соли 305 мелодӣ** Хоразмшоҳ **Африғ** ном қароргоҳи худро ба пойтахти қадимаи Хоразм — шаҳри **Кат** кӯчонд. Кат аз нав барқарор карда, дар паҳлӯи он, дар дохили қасри **Ал Фир** шоҳ барои худ саройи нав месозонад. Аз ҳамин вақт сар карда, шоҳони Африғии Хоразм тангаҳои нуқрагини дар рӯи он акси шоҳ ва пушташ расми савора тасвиршударо зарб карда, муносибатҳои тиҷоратуву савдои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро мустаҳкам мегардонад.

Абурайҳон Берунӣ таъкид кардааст, ки унвони Хоразмшоҳиён сараввал аз ҷониби сулолаи Сиёвушиҳо қабул гардидааст. Берунӣ дар ин бора чунин гуфтааст: **«Сиёвуш ибни Кайхусрав** баробари омадан ба Хоразм... таърих карданд. Аз ҳамин вақт **Кайхусрав...** ҳукмдориро аз (болои) шоҳигарии турк ба роҳ монда буд». Дар ҳамон замон **Кайхусрав, Саксафар, Фарасман, Хусрав барин** ҳукмдорон ба унвони «Хоразмшоҳ» сазовор шудаанд.

*** Хоразмшоҳ – унвони ҳукмдорони давлати Хоразм.**
*** Аз маълумотҳои Берунӣ бармеояд, ки сараввал бо унвони Хоразмшоҳ Хоразмро Кайхусрав идора намудааст. Ҳукмдорони 4 сулолаи мазкур: африғиҳо, маъмуниён, сангитиллоён, ануштегиниҳо ҳам ба унвони “Хоразмшоҳ” мушарраф шудаанд.**

Аз бозёфтҳои моддиву маданӣ аён мегардад, ки дар **садаи III** ҳудуди Хоразм аз якчанд ҳокимони хурди воҳаҳои кашоварзиашон обёришавандае таркиб ёфта буд, ки аз ҷиҳати иқтисодиву сиёсӣ мустақил буданд. **Аз Тӯпроққалъа** ёфт гардидани ҳайкали ҳукмдори тоҷдори дар дасташ уқоб нишаста, ё ки тангае, ки шахси тоҷдор дар дасташ шоҳбоз тасвир ёфтаву аз наздикии **Анкақалъа** ёфтгардида бешак аз рамзи ҳукмронӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар ин давр дар Хоразм кишоварзии обёришаванда, ҳунармандӣ, чорводорӣ, савдову тиҷорат, илму фан, санъат, алалхусус ҳайкалтарошӣ ба дараҷаи баланд инкишоф ёфта буд. Дар **садаи III** Хоразм, ки аз давлати Қанғар ҷудо шуда мустақил гардида буд, дар муборизаи байниҳамдигарӣ ғолиб мебарояд. Дар натиҷа ба ҳукмдории **сулолаи Африғийҳо** асос гузошта мешавад.

Хоразм дар давраи Хиониҳо, Кидариҳо, Эфталҳо, ҳамчунин Ҳоқонати Турк мустақилияти сиёсии худро нигоҳ дошта буд. Муаррихи византиягӣ **Менандр** баъзе маълумотҳоро оид ба Хоразм дар **солҳои 60-уми садаи VI** оид ба роҳ мондани алоқаҳои дипломатӣ бо Византия ва туркҳо қайд намудааст.





* Уқоб ва шаҳбоз рамзҳои ҳукмронии Хоразм буд.

**Давлати Хиониҳо**

**Дар миёнаҳои асри IV** аз самти Еттисув ва Туркистони Шарқӣ ҳуҷуми чорводорони кӯчманчии қабилаҳои номашон **Хион** ба Осиёи Миёна оғоз меёбад.

**Соли 353** Хиониҳо бо сарварии ҳукмдори худ **Грумбат** ба Суғд зада медароянд. Сипас онҳо бо давлати Сосониён, ки дар Эрон ташкил ёфта, торафт пурзӯр мегашт, задухӯрд карданд. Дар набардҳои нахустин шоҳи Сосониён **Шопур II (309—379)** аз хиониён мағлуб мегардад. Пас аз он тарафайн ба сулҳ муваффақ гашта, дар байни онҳо ҳатто иттифоқ ба вуҷуд оварда мешавад. Ин иттиҳод гоҳ вайрон мешуду гоҳи дигар барқарор мегашт.

Ниҳоят, **солҳои 70-уми асри IV** дар Осиёи Миёна ҳукмронии Хиониҳо барқарор гардид. Дар майдони васее, ки аз соҳилҳои Сирдарё то ҳавзаи Амударё тӯл кашида буд, давлати пурзӯри Хиониҳо қарор меёбад. Ин давлат бештар аз 120 сол ҳукмронӣ кардааст.

**Давлати Кидориҳо**

**Солҳои 20-уми асри V** аз Шарқ ба воситаи Сирдарё ва соҳилҳои Арал ба Хоразм ва ҳавзаи Амударё боз як қабилаи чорводорони бодиянишин — **тахорҳо** дохил мешаванд. Тахорҳо аз авлодони кушониён буда, **Кидор** ном ҳоким ба онҳо сарварӣ мекард. Бинобар ин онҳо бо номи **Кидориҳо** ба забон гирифта мешаванд. **Кидориҳо** ба зудӣ ҳавзаи Амударё ва заминҳои ғарбиву ҷанубии Суғдро ишғол намуда, дар қисми ҷанубии давлати Хиониҳо ҳукмронии худро барқарор мекунанд. Шаҳри **Балх** пойтахти ин давлати нав мегардад.

**То солҳои 30—50-уми асри V** онҳо чун душмани асосии шоҳони сосонӣ дар Шарқ боқӣ монданд. Дар яке аз задухӯрдҳои навбатӣ, ки **соли 456** ба амал омадааст, аз зарбаи ҳалокатовари сосониён кидориҳо дигар натавонистанд қомати худро рост намоянд. Чунки онҳо боз бо як қабилаи чорводори бодиянишин — **эфталҳо**, ки аз шимол ба самти ҷануб сарозер шуданд, даст ба гиребон мешаванд. Оқибат кидориҳо Осиёи Миёнаро тарк намуда, ба ҷануб — ба самти шимоли Ҳиндустон ақибнишинӣ карданд ва дар он ҷойҳо 75 сол ҳукмронӣ менамоянд.



## Давлати Эфталҳо

Аҷдодони нахустини Эфталиҳо дар ҳудуди шимоли ғарбии Чин дар таркиби иттифоқи қабилаҳои хуни туркӣ (Хесӣ) зиндагонӣ кардаанд. Онҳо **дар садаи III** ба чарогоҳҳои ҷануби Тӯрон ва шимоли баҳри Харкон (Каспӣ) омада, бо дигар қавмҳои туркӣ омехта шудаанд. Баъдтар эфталҳо афзуда, аввало хиониҳо, сипас дигаронро мутеъ сохта, давлат ташкил менамоянд. **Дар асри V** давлати Кидориҳоро мағлуб сохта, бисёр ҳудуди Хуросонро забт намуда, бо Сосониён рӯ ба рӯ мешаванд.

Эфталҳо, ки **дар миёнаҳои асри V** ба кишвари мо ворид гардидаанд, дар манбаъҳои хаттӣ бо номҳои **эфтал**, хафтал, ҳайтал ба забон гирифта мешаванд. Вожаи **“эфтал”** бори аввал дар манбаъҳои армании асри V дар шакли **“хептал”** дучор меояд. Ин ном аслан аз номи шоҳе ба номи **“Эфталон”** гирифта шудааст. Ӯро **Вахшунвар** ҳам меномидаанд. Вай ба юришҳои эфталҳо раҳбарӣ намудааст. Дар муддати кӯтоҳ **Чағониён, Тахористон** ва **Бадахшон** мутеъ карда шуданд. Онҳо бо як зарба ҳукмронии худро дар Суғд ҳам барпо мекунанд. Давлати Эфталҳо ниҳоят пурзӯр мегардад. Ҳатто онҳо ба мақсади барқарор намудани робита **соли 456** ба Чин сафир мефиристанд. Сосониён аз таҷовузи рӯзафзуни эфталҳо хавф бурда, ба муқобили онҳо юриш сар мекунанд. Ҷангу ҷидоли тарафайн хусусан дар давраи ҳукмронии шоҳ **Перӯз (459—484)** ба авҷи аълои худ мерасад. Шоҳи Сосониён бар зидди эфталҳо се маротиба юриш мекунад. Дар аввалин задухӯрд ӯ ба мағлубият дучор гардида, худ асир меафтад. Бар ивази хироҷе, ки аз ҷониби императори Византия **Зенон** пардохта шуд, ӯ аз асирӣ озод мешавад. Баъди гузаштани каме вақт бори дуюм бар зидди эфталҳо лашкар мекашад. Юриши дуюм низ бемуваффақият анҷом меёбад. **Қубод** ном писари ҷавони шоҳ ба кишвари эфталҳо ҳамчун гаравгон фиристода шуда, **Перӯз** аз асирӣ озод мешавад.

**Перӯз соли 484** бори сеюм бар муқобили эфталҳо ба юриш баромад. Ин ҷанг бо марги шоҳи Сосониён анҷом ёфт. **Марв** ишғол гашта, ба дӯши Эрон хироҷи гарон бор карда мешавад. Дар давраи ҳукмронии ворисони **Перӯз, Қубод (488—531)**, **Анушервон (531—579)** муносибат бо эфталҳо хеле нарм гашта, осоиштагӣ қарор ёфт. Сосониён ҳар сол муттасил боҷи муайяншударо ба ҳисоби нуқра месупориданд. Минбаъд Эфталҳо шаҳрҳои **Кобул, Панҷоб, Урумчӣ, Қарошар, Хӯтан, Кошғарро** низ ба зери тасарруфи худ даровარданд.



# РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ



*** Боҷ-боҷ, андоз, Пардохти махсус, ки аз ҷониби як давлат ба дигараш дода, ҳамчунин аз тоҷиронӣ бозорҳои шаҳру деҳот ситонда мешуд.**

Ҳамин тариқ Эфталҳо ба қӯшуни пурзӯри иборат аз саворагон соҳиб гардида, давлатеро барпо карданд, ки аз иттифоқи мулкдорони ниммустақил иборат буданд. Мулкҳои мазкур аз ҷониби ҳукмдори сулолаи меросии ба **Шо**(Шоҳ) тобеъ идора гардидааст. Ҳатто ҳар кадоми онҳо тангаҳои нуқрагину мисини худро сикка занондаанд.

Ҳамин тавр, **нимаи дуюми асри V ва ибтидои асри VI давлати** нави асримиёнагии соҳибқудрати **Эфталҳо**, ки заминҳои Осиёи Миёна, Эрони Шарқӣ, Ҳиндустони Шимолӣ ва Туркистонро муттаҳид мекард, ташкил меёбад.

1. Давлати Хоразм чӣ тавр ташкил ёфт?
2. Хиониҳо аз кадом ҳудуд барои забти Осиёи Миёна шурӯъ карданд?
3. Чаро Кидориҳо Осиёи Миёнаро тарк карданд?
4. Дар бораи Эфталҳо ва давлати онҳо чиро медонед?
5. Дар бораи муносибатҳои Сосониён ва Эфталҳо нақл кунед.

## § 3. ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНӢ ДАР ДАВРАИ ЭФТАЛҲО

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Заминдорӣ. Савдо. Муомилоти пулӣ. Забон. Робитаҳои маданӣ. Такягоҳи давлат.***

### Ҳаёти хоҷагӣ

Таркиби этникии аҳолие, ки дар давлати Эфталҳо муттаҳид шуданд, мухталиф буд. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо бошад, аз якдигар хеле фарқ мекард. Ба туфайли мансуби қабилаҳои кӯчманчӣ будан эфталҳо бо чорводорӣ машғул шуда, дар чарогоҳҳо, дар хаймаҳо ҳаёт ба сар мебурданд. Баъдтар дар сарзаминҳои истилокардаи эфталҳо савдо ривоҷ ёфт. Баробари сипарӣ шудани солҳо бо аҳолии маҳаллӣ омехта мешаванд.

**Тахористон** ва **Суғд** марказҳои ривоҷёфтаи деҳқонӣ ва боғдорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар водиҳои Қашқадарё ва Зарафшон ғайр аз ғалладона, шолӣ низ парвариш меёфт. Чуноне ки дар манбаъҳои чинӣ қайд гаштааст, **асрҳои V—VI** дар заминҳои **Туркистони Шарқӣ** ва **Осиёи Миёна** бештар пахта мекориданд. Аз нахи он газвори ҳарир ва хеле маҳин бофта

мешуд. Дар бозорҳои Чин талаб ба чунин матоъ калон буд. Чунки он замон дар Чин ҳанӯз пахта намекориданд.

Қисми нимбодиянишини аҳолӣ, ки дар даштҳо мезистанд, бо чорводорӣ, махсусан нигоҳубини ҳайвоноти бузу гӯсфанд, гов ва шутурпарварӣ, дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ бошад, бо асппарварӣ шуғл меварзиданд. **Водии Фарғона** бошад, бо аспҳои даванди зотӣ машҳур буд.

### Заминдорӣ

Ҳарчанд қисми калони заминҳои киштшаванда ҳанӯз дар тасарруфи ҷамоаҳои деҳотӣ бошанд ҳам, вале бар асари ташаккули муносибатҳои феодалӣ дар мамлакат ҷамъ омадани як қисми муайяни майдонҳои кишт дар дасти вакилони табақаи мулкдорон — **“деҳқон”**-ҳо ва ихтиёри ибодатхонаҳо будааст. Дар натиҷа *барзгарони* озоди ҷамоаҳои деҳотӣ ба дараҷаи муайян ба зери асорати деҳқонҳо афтода, ба *кадиварҳои* мутеъ табдил меёфтанд.

Қисми асосии чарогоҳҳо дар тасарруфи ҷамоаҳои қабила ва авлод, инчунин пиронсоли онҳо — **хвабуҳо** буданд. **Зоғарик** ва **Бӯзсув**, ки имрӯзҳо воҳаи Тошканд ва як қисми заминҳои Қазоқистони ҷанубиро бо об таъмин мекунанд ва канали **Дарғам**, ки манбаи асосии оби ноҳияҳои ҷанубии вилояти Самарқанд аст, аз калонтарин шабакаҳои обёрие ба ҳисоб мерафтанд, ки дар асри V бунёд гаштаанд.

Маҳз дар ҳамин давра **Чағониён (Сурхондарё), Самарқанд, Бухоро, Кеш (Шаҳрисабз), Нахшаб (Қаршӣ)** ва атрофи **Тошканд** пурра аз худ карда шуда, воҳаҳои ҷудогонаи деҳқонӣ инкишоф ёфтанд. Минбаъд дар ин воҳаҳо мавқеи сиёсии соҳибони замин — деҳқонон баланд гардида, дар маҳалҳои хурде, ки онҳо сару сарвар буданд, ҳокимиятҳои воҳа ба вуҷуд омаданд.

### Муносибатҳои молию пулӣ

Эфталҳо, ки аз боҷи савдои беруна манфиатдор буданд, кӯшиш мекарданд «Роҳи абрешим»-ро таҳти назорати худ қарор диҳанд. Дар савдои байналхалқӣ бо Чин, Ҳиндустон, Эрон ва Византия онҳо фаъолона ширкат меварзиданд. Дар корҳои савдои «Роҳи абрешим», дар рақобат бо савдогарони сосонӣ нақши миёнравиро асосан суғдиён мебозиданд.

Баробари инкишофи муносибатҳои савдои байналхалқӣ дар мамлакат муомилоти пули танга ба тартиб андохта мешавад. Эфталҳо дар боби ба роҳ мондани муносибатҳои савдои дохилаву беруна аввал аз тангаҳои нуқрагини ҳокимони сосонӣ васеъ истифода менамоянд. Ғайр аз ин, дар савдои дохи-

## ОСИЁИ МИЁНА ДАР ИБТИДОИ АСРҲОИ МИЁНА



лии мамлакат тангаҳое, ки ҳокимони маҳаллии **Бухоро, Пойканд, Вардона, Нахшаб, Самарқанд ва Хоразм** ба муомилот бароварда буданд, низ васеъ истифода мегардид. Ин ҳол бешубҳа аз нуфузи калон доштани ҳокимони маҳаллӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат гувоҳӣ медиҳад.

Дар давраи эфталҳо табақабандӣ ва нобаробарии амволӣ пурзӯр буд. Аз ин рӯ, дар идораи давлат қоидаву қонунҳо муқаррар шуданд. Давлат ба нерӯҳои ҳарбӣ такя намудааст. Мувофиқи ҷиноят ҷазоҳои сахтро муқаррар мекарданд.

**Тағйиротҳои ҳаётӣ**

Баробари дар атрофи воҳаҳои деҳқонӣ ҷойгир шудани қабилаҳои бодиянишин, бешубҳа, оинҳои саҳроӣ ва тасаввуроти эътиқодии онҳо низ ба ҳаёти аҳолии муқимнишин дохил гардид. Дар воҳаҳои **Тахористон** ва **Суғди Шарқӣ**, ки анъанаҳои фарҳангии асрина пурзӯр буданд, кӯчманчиён ба зудӣ муқим шуданд. Дар воҳаҳои деҳқонӣ, аз қабили **Самарқанд, Бухоро**, **Нахшаб** ва **Чоч (Тошканд)** бисёр қасрҳои истеҳкомдор ва қалъаҳои феодалие қад афрохтанд, ки дар болои таҳкурсии баланд бунёд шуда буданд.

Баъзеи онҳо ҳатто дуошёна буда, ба ошёнаи дуюм бо воситаи роҳи зинадор — *пандус* мебаромаданд.

**Забон ва робитаҳои маданӣ**

Аҳолии Осиёи Миёна бо забонҳои гуногун ҳарф мезаданд. Дар байни аҳолии чорводор бештар забони туркӣ ҳукмрон буд. Як қисми аҳолии муқимнишин бо *забони суғдӣ*, як қисми он бо *забони туркӣ* ҳарф мезаданд. Дар он давра забони суғдӣ бо мақоми забони байналмиллалии савдо аз тариқи Еттисув ва Фарғона ба Туркистони Шарқӣ дохил шуда, то ба ҳудудҳои Чин рафта расидааст. Асрҳои V—VI *хати Суғдӣ, хатҳои Хоразм* ва *Эфталҳо* мавриди истифода буданд. *Хати Эфталҳо* дар асоси хати Бох-



**Тангаи Миҳиракула — ҳукмдори Эфталҳо.**



**Порчаи дастхати суғдӣ. Асри VIII.**



**Кӯзаи сафолин. Кофирқалъа. Асрҳои VII—VIII.**

тар пайдо шуда, асосан аз 25 ҳарф иборат буда, аз чап ба рост навишта мешуд.

Эфталҳо оташпарастон буда, ба оташ ва Офтоб саҷда кардаанд. Дигар халқҳое, ки дар Осиёи Марказӣ буданд, ба буддоӣ, динҳои насронӣ ва зардуштӣ эътибор додаанд. Авлодони охирини онҳо ба таркиби қавмҳои ӯзбек, туркман ва туркҳо омехта гаштаанд. То замони мо дар таркиби туркман ва туркҳои анатулӣ бо номи *«абдал»* гурӯҳи этникӣ нигоҳ дошта шудааст. Ҳамин тавр, олами туркӣ васеъ гардида, камол ёфтааст ва дар Авроосиё мақоми муҳимеро ишғол намудааст.

Дар ин давр равобити иқтисодӣ ва маданӣ бо Чин, Ҳиндустон ва Эрон инкишоф меёбад. Дар **асри V** шишасозони Осиёи Миёна ба ҳунармандони чинӣ офаридани шишаҳои ранга ва ашёҳои шишагинро меомӯзонанд. Шишаи Осиёи Миёна аз ҷиҳати ранг, дурахшӣ ва шаффофии худ аз шишаи Византия бартарӣ дошт. Императорони Чин дар ороиши саройҳои худ аз шишаҳои рангдори Осиёи Миёна истифода мебурданд. Ҳамин тавр, анъанаҳои мадании аҳолии Осиёи Миёна бо услубҳои тасвирии Ҳиндустон ва Эрон омехта шуда, дар боби рушди маданияти давраи аввали асри миёна ба таҳкурсии мустаҳкаме табдил меёбад.



1. Таркиби этникии аҳолии давлати Эфталҳо чӣ гуна буд?
2. Кадом соҳаи ҳаёти хоҷагии давлати Эфталҳо равоҷу равнақ ёфтааст?
3. Дар заминдорӣ чӣ гуна тағйиротҳо рух додаанд?
4. Дар давлати Эфталҳо чӣ гуна тағйиротҳои ҳаётӣ рӯй додаанд?
5. Дар савдо кадом тангаҳо мавриди муомилот буданд?
6. Дар бораи ҳаёти маданӣ чиро донистед?
7. Аҳолӣ бо кадом забонҳо ҳарф мезад, аз кадом хатҳо истифода мебурд?

## § 4. ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ ҲОҚОНАТИ ТУРК

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳоқонати Турк. Идораи ҳоқонат. Барҳам хӯрдани давлати Эфталҳо. Ҷудошавии ҳоқонат.***

**Ташкил ёфтани ҳоқонат**

**Дар миёнаҳои асри VI** давлати наве созмон ёфт, ки қабилаҳои туркии маскуни Олтой ва Сибири Ҷанубиро муттаҳид месохт. Давлати мазкур ба таърих бо номи Ҳоқонати Турк ворид гардидааст. Асосгузори он **Бӯмин** буда, **соли 552** вай *«ҳоқон»* эълон карда мешавад.



## ҲАРАКАТИ ҚАБИЛАҲОИ ТУРКИИ ЧОРВАДОР



Олтой маркази ҳоқонат муқаррар мегардад. Ба юришҳои самти ғарбии туркҳо **Истамӣ** роҳбарӣ менамояд. Ба ӯ унвони ***«Ябғу ҳоқон»*** дода мешавад. Ҳанӯз **соли 555** туркҳо кишварҳои васеъро аз соҳилҳои Сирдарё то баҳри Арал ишғол мекунанд. Сарҳади ҳоқонат ба сарҳадҳои давлати Эфталҳо рафта мерасад.

**Соли 558** туркҳо соҳилҳои **Ёйиқ (Урал)** ва **Итил (Волга**)-ро забт намуданд. **Солҳои 575—576** заминҳои бепоёни Қафқози Шимолиро соҳибӣ карда, ба нимҷазираи Қрим дохил шуданд. Дар натиҷа ҳудудҳои шимолии давлати эфталҳо зери хавф мемонад. Аз ин гуна вазъияти қулай истифода бурда, Сосониён Тахористон ва Чағониёнро аз эфталҳо кашида мегиранд.

**Барҳамхӯрии давлати Эфталҳо**

Бархӯрди Ҳоқонати Турку эфталҳо муқаррар буд. Ин гуна вазъияти мураккаби сиёсӣ ҳоқонатро ба Эрон ва сипас ба Византия наздик мекунад. Сосониён, ки муддати зиёд зери таъзиқи эфталҳо монда буданд, аз пурра барбод рафтани ин давлат манфиатдор буданд. Иттифоқи ҳарбии байниҳамдигарӣ, ки бо ташаббуси **Хусрав I Анӯшервон (531—579)** ташкил ёфт, ба воситаи ба **Истамӣ** домод шудани шоҳи Эрон боз ҳам мустаҳкам гардид.



**Балбали туркӣ. Ҳайкали санги қабр.**

Дар натиҷаи кӯмаки аскарҳои Эрон ба Балх туркҳо **соли 563** ба сарзамини давлати Эфталҳо зада медароянд. Водии **Парак** (Чирчиқ) ва маркази он шаҳри **Чоч** ишғол мегардад. Аз Сирдарё гузашта ба водии Зарафшон ворид мешаванд. Самарқанд, Кеш ва Нахшаброо ишғол карда, онҳо ба Бухоро наздик мешаванд. Дар ҷанги шиддатноки *ҳаштрӯза* лашкари эфталҳо мағлуб мегардад. Ҳамин тавр, давлати Эфталҳо, ки дар ҷануб ба зарбаҳои Сосониёни Эрон, дар шимол бошад, **солҳои 563—567** ба зарбаҳои Ҳоқонати Турк дучор омада буданд, пас аз ҳукмронии беш тар аз якасрина тамоман аз байн меравад. Дар натиҷа, мероси давлати мағлуб байни онҳо тақсим шу-



**Тангаи биринҷии Чағониён бо тасвири парранда.**

да, вилоятҳо то соҳили ҷанубии Амударё ба Эрон ва заминҳо аз соҳилҳои он то баҳри Каспӣ ба зери итоати Ҳоқонати Турк мегузаранд.

Пас аз барҳам хӯрдани давлати Эфталҳо вазъият куллан тағйир меёбад. Акнун Эрон, ки сарҳадҳои худро ба самти шимолу шарқ васеъ карда буд, ба роҳ аз Амударё то ба Сурия Роҳи абрешим сорбони ҳақиқӣ мегардад. Туркҳо бошанд, назорати роҳи корвонро аз ҳудуди Шарқи Дур то Эрон дар даст доштанд ва бо Византия бевосита ба воситаи Эрон савдо мекарданд.

### Низоми идораи Ҳоқонати Турк

Ҳоқонати Турк ҳарчанд бузург бошад ҳам, воқеан давлати муттамарказ набуд. Асосашро иттифоқи қабилаҳои туркизабон ташкил медоду онро ҳоқон идора мекард. Асоси ҳокимияти ҳукмронро идоракунии ҳарбӣ-маъмурӣ ташкил медод, ки ба оинҳои хешуақрабогӣ такя мекард.

Мамлакат ба аҳолии чорводори бодиянишин ва деҳқони муқимнишин тақсим мешуд. Аҳолии чорводори бодиянишин ***«будун»*** **ё** ***«қаробудун»*** тавсиф мегардид. Дар навбати худ будун иттиҳодияи иттифоқи қабилаҳоро ташкил медод. Ӯн ӯқ будун ё ки ҳокими халқ ***«ябғу»*** **ё** ***«жабғу»*** ном дошт. Ба дараҷаи ябғу танҳо шахсоне бардошта мешуданд, ки ба авлоди ҳоқон мансуб буданд. Таҳти роҳнамоии сарвари халқ як туман (яъне даҳ ҳазор) савора саф мекашиданд. Сарвари ин гуна қисми ҳарбӣ (туманбошӣ)-ро *«шод»* меномиданд.

- **Будун — аҳолии чорводор.**
- **Ҳоқон — ҳукмдори олӣ, подшоҳ, император.**
- **Ябғу ҳоқон — ҳокими маҳалла аз авлоди ҳоқон.**
- **Шод — сарфармондеҳи қӯшуни даҳҳазора.**
- **Ясоқ – андози аз деҳқонон ва чорводорон мегирифта.**

**Асри VI** дар ҳавзаҳои Чирчиқ, Зарафшон, Қашқадарё ва Амударё *беш аз даҳ ҳокимияти хурд* мавҷуд буд. Идоракунии иқтисодӣ ва сиёсии онҳо дар дасти ҳукмдорони сулолаи заминдор буда, туркҳо фақат бо гирифтани боҷ ва ясоқ аз онҳо маҳдуд мешаванд.

### Тақсимшавии ҳоқонат

Қабилаҳои калон ё иттифоқи қабилаҳо ҳаракат мекарданд то ки ба ҳокимияти марказӣ итоат накунанд. Ҳокимони ҳудудҳои мутеи Ҳоқонати Турк мехостанд мус-

тақил бошанд. Ин қабил омилҳо имкон намедоданд, ки ҳоқонат ба давлати мустаҳками муттамарказ табдил ёбад.

Тартиби идораи ҳудудҳои мутеъгашта тавассути ҳокимони маҳаллӣ ҳоқонатро торафт суст менамуд. Илова бар ин, рақобати доимӣ бо Византия, Чин ва Эрон аҳволи ҳоқонатро боз ҳам вазнинтар мекард. Оқибат, Ҳоқонати Турк охирҳои **солҳои 80-уми асри VI** ба ду қисм — **Ҳоқонати шарқии турк** ва **Ҳоқонати ғарбии турк** тақсим шуда рафт.

Сарзамине, ки Ҳоқонати бузурги Турк барпо кардааст, ҳудудро аз шарқии кӯҳҳои Олой то Шарқи Дур, яъне Сибири Ҷанубӣ, ҳавзаи Ӯрхун (Муғулистон), Чини Шимолӣ дар бар гирифта, дар зери тасарруфи Ҳоқонати шарқӣ идора карда шудааст. Пойтахти ҳоқонати мазкур дар водии Ӯтукан (Муғулистон) қарор ёфтааст. Кишварҳои мустамликаи дар ғарбии кӯҳҳои Олой ҷойгиршуда — *Еттисув, Туркистони Шарқӣ, ҳавзаҳои Сирдарё* ва *Амударё*, ҳамчунин ҳудудҳои ҳамҷавори онҳо аз тарафи Ҳоқонати ғарбӣ идора карда шудааст, қароргоҳаш дар Еттисув буд. Ҳоқонати ғарбӣ ҳангоми идоракунии воҳа ва вилоятҳои муқим ҳарчанд як қатор сулолаҳои мавҷудаи маҳаллиро нигоҳ дошта бошад ҳам, аммо ба мақсади ташкил додани ҳокимияти туркӣ дар як қатор кишварҳои дорои аҳамияти стратегӣ мансабдоронеро таъин кардааст, ки ба хонадони ҳоқон мутааллиқ буданд.

**Давлати мустаҳками марказонидашуда — давлате мебошад, ки дорои ҳудудҳои ягона буда, аз ҷониби ҳоким идора мегардад.**

1. Ҳоқонати Турк кай ва дар куҷо ташкил ёфт, асосгузораш кӣ буд?
2. Ба кадом мақсад байни Ҳоқонати Турк ва Эрон иттифоқи ҳарбӣ баста шуд?
3. Юриши Ҳоқонати Турк ба Осиёи Миёна чӣ гуна оқибатҳоро овард?
4. Ҳоқонати Турк чӣ тавр идора карда мешуд?
5. Бо кадом сабабҳо Ҳоқонати Турк тақсим шуда рафт?

## § 5. ҲОҚОНАТИ ҒАРБИИ ТУРК

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳоқонати ғарбии Турк. Ябғу. Тартиби идоракунӣ. Ҳаёти иҷтимоӣ. Шӯриши Абрӯй.***

### Худудҳои ҳоқонот ва идораи он

Ҳоқонати ғарбии Турк, Осиёи Миёна ва як қисми Туркистони Шарқиро ба зери тасарруфаш гирифта буд. Марказаш дар **Еттисув** қарор дошт. Ҳоқонати ғарбӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ аз Ҳоқонати шарқӣ ба куллӣ фарқ мекард. Қисми асосии аҳолии Ҳоқонати шарқӣ чорводорони бодиянишин буданд. Қисми зиёди аҳолии Ҳоқонати ғарбӣ бошад, бо зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат шуғл меварзиданд.

**Дар чоряки аввали асри VII** Ҳоқонати ғарбӣ хеле пурзӯр мегардад. Сарҳади шарқии он то ба Олтой ва ҷанубиаш то соҳилҳои дарёи Ҳинд рафта мерасад. Дар давраи ҳукмронии ҳоқон **Тӯнг ябғу (618—630)** ба тартиботи идоракунӣ ислоҳот дароварда мешавад.

Бо мақсади ба маъмурияти ҳоқонат бевосита тобеъ намудани ҳокимони вилоятҳои муқимнишин ва пурзӯр кардани назорат аз болои онҳо ба ҳукмдорони маҳаллӣ унвони **«ябғу»** дода мешавад.

Оқибат, онҳо ба ноиби (вакили) ҳоқон табдил меёбанд. Дар баробари ҳамин назорати сиёсӣ аз болои ҳокимони ба андозае мустақили Осиёи Миёна, Туркистони Шарқӣ ва Тахористон пурзӯр карда мешавад. Ба ҳузури онҳо ноибони ҳоқонат ***«тудун»***-ҳоро мефиристанд. Лекин аз сабаби мубоқизаи дохила Ҳоқонати ғарбии Турк заиф мегардад.

### Ҳаёти иҷтимоӣ

Ҳам тарзи ҳаёт ва ҳам хоҷагидории аҳолие, ки дар Ҳоқонати Турк муттаҳид буданд, гуногун буд. Машғулияти асосии бодиянишинонро чорводорӣ ташкил медод. Аспарварӣ ва шутурдорӣ мавқеи муҳим дошт. Ҳамин тариқ, қисми аҳолии муқимнишини машғули кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат, ки дар Ҳоқонати ғарбии Турк муттаҳид шуданд, аз ҷиҳати маданӣ пешрафта буда, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳоқонат нақши пешбарро доштанд.

Дар ҳоқонат шаҳру деҳот бисёр буд. Аҳолӣ бо корҳои деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат шуғл меварзид. Зару зевар ва яроқу аслиҳае, ки ҳунармандони туркӣ месохтанд, алалхусус бо гуногунӣ ва мустаҳкамии худ фарқ мекарданд.

# ҲОҚОНАТИ ТУРК



Дар **Фарғона** ва **Суғд** *тилло, мис, оҳан ва симоб*, дар **Элоқ** *қӯрғошим, нуқра* ва *тилло* канда гирифта мешуд.

Корҳои савдову тиҷорати дохиливу беруна низ яке аз машғулияти асосии аҳолии шаҳр ба ҳисоб мерафт. Дар он давра алалхусус мавқеи савдогарони **Суғд** баланд буд.

**Дар нимаи якуми асри VII** алалхусус робитаҳои иқтисодии байни Ҳоқонати Ғарбии Турк ва Чин васеъ гашт. Дар ин давра ба Чин нӯҳ маротиба ҳайати савдогарон фиристода мешавад. Танҳо дар **соли 627** корвони хеле калони савдои муттаҳида аз вилоятҳои **Бухоро, Самарқанд, Иштихон** ва **Уструшона** (вилоятҳои Ҷиззах ва Ӯротеппа) ба Чин рафта мерасад.

**Дар асрҳои V—VII** дар Осиёи Миёна ҷараёни аз тарафи деҳқонон соҳибӣ кардани заминҳо авҷ гирифта, зулм пурзӯр мегардад. Кишоварзони зироаткори озод, ки аз замин ва об маҳрум гашта қашшоқ мешуданд, ба зери асорати деҳқонони мулкдор афтида ба кадиварҳои мутеъ табдил меёбанд. Ба муқобили қашшоқӣ, ҷабру зулм ва асорати деҳқонҳо аҳолӣ



**Афросиёб. Тасвири деворӣ.**

маҷбур мешавад, ки сар бардорад. Яке аз чунин ошӯби халқӣ **солҳои 585—586** дар Бухоро рӯй дод. Ба шӯриш **Абрӯй** раҳбарӣ намуд, ки мансуби хонадони ҳоқон буд. Дар натиҷаи ин шӯриш деҳқонони мулкдор ва савдогарони бой, ки аз ошӯб ба ваҳима афтода буданд, вилояти Бухороро тарк намуда маскуни атрофи Туркистон ва Тароз мешуданд. Онҳо ба Ҳоқонати Турк муроҷиат намуда аз он дар мубориза бар муқобили шӯришчиён кӯмак металабанд. Ҳоқони турк **Қорачурин** таҳти сарварии писараш **Шери Кишвар (Эл Арслон)** қӯшун мефиристад. Абрӯй кушта шуда, шӯриш пахш мегардад. Кадивар ва

хизматкорон ба хӯҷаинҳои худ — деҳқонон бозгардонда меша-ванд.



*** Солҳои 585–586 дар Бухоро таҳти сарварии Абрӯй ба муқобили қашшоқӣ, ҷабру зулм ва асорати деҳқонон ошӯб сар зад. Ошӯб аз ҷониби қӯшун таҳти сарварии Шери Кишвар (Эл Арслон) пахш мегардад.**




1. Низоми идораи Ҳоқонати Ғарбии Турк чӣ гуна буд?
2. Фарқияти ҳоқонатҳои шарқӣ ва ғарбии турк аз чиҳо иборат буд.
3. Ҳаёти иҷтимоии Ҳоқонати ғарбӣ чӣ хел буд?
4. Аз чӣ сабаб дар Бухоро шӯриши халқӣ сар зад?
5. Нисбати шӯришгарон чӣ гуна чора андешида шуд?

## § 6. ТАШКИЛ ЁФТАНИ ҲОКИМИЯТҲОИ МАҲАЛЛӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳокимони маҳаллӣ. Ихшидҳои Суғд. Тахористон. Фарғона. Чоч. Элоқ. Меъмории шаҳр.***

**Ҳокимони маҳаллӣ**

Дар асрҳои V—VII мамлакат ба якчанд ҳокимиятҳои хурд тақсим гардид. Беш аз **15** ҳокимияти мустақил ташкил ёфтанд, ки аз вилоят ва шаҳрҳои калон иборат буданд.

Ин давлатҳои хурд аввал ба эфталҳо, сипас ба Ҳоқонати Турк мутеъ гардида бошанд ҳам, лекин ҳам эфталҳо ва ҳам туркҳо ба ҳаёти дохилии онҳо дахолат намекарданд. Тавассути ба ҳокимияти марказӣ супоридани боҷ онҳо ба дараҷаи муайян мустақилияти худро нигоҳ медоштанд.

**Суғд**

Дар байни ҳокимони мустақил аз ҳама калонаш ҳукмрони воҳа **ихшидҳои Суғд** буд. Дар иттифоқи муттаҳидаи давлатҳои асримиёнагӣ **ихшидҳои Суғд** ба нуфузи калони сиёсӣ молик буд. Дар иттиҳоди мазкур ***ёздаҳ мулкҳои калони*** воҳаҳои **Самарқанд, Бухоро, Кеш** муттаҳид гашта буданд, ки дар водиҳои **Зарафшон** ва **Қашқадарё** маскан доштанд. Ҳар кадоми онҳо соҳиби ҳокими худ, навкарони ҳарбӣ ва воҳиди пулии мисин буданд. **Дар саройи ихшиди Самарқанд** барои хотираи рӯҳи аҷдодон ибодатхона барпо кард. Ҳар сол дар он маросими хотира гузаронда, тамоми ҳукмдорони вилоят иштирок мекарданд. Дар Суғд аҳолӣ хеле зич истиқомат



мекард. Суғдиён дар кишоварзӣ ва боғдорӣ, хусусан дар токпарварӣ хеле чашмикордон буданд. Дар соҳаи чорводорӣ шӯҳрати гӯсфандони ҳисорӣ ва аспҳои даванди Суғд машҳур буд.

Шаҳрҳои Суғд дар ин давр ба маркази ҳунармандӣ табдил ёфтанд. **Соли 718** аз рӯи дубулға (сарпӯши оҳанин)-и ба тариқи ҳадя аз Самарқанд фиристода шуда, яроқсозони Чин аз он нусха гирифта, қӯшунро бо сарпӯши оҳанин таъмин намудаанд. Аз кӯҳҳои Суғд *тилло, биринҷӣ, навшодир* ва *намаксангҳоро* ҳосил менамуданд.

## Тахористон

Якчанд ҳокимиятҳои нисбатан мустақил дар вилояти **Тахористон** ҷойгир буданд. Онҳоро 27 вилояти кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ташкил дода, шаҳри Балх пойтахти Тахористон буд.

**Тахористон** аввал аз ҷониби эфталҳо ва сипас аз тарафи Ҳоқонати Турк тобеъ гардонда мешавад. Бино ба баёни манбаъҳо, аҳолии **Тахористон** ба дини буддоӣ эътиқод мекард. **Тахористон** соҳиби хати иборат аз алифбои 25 ҳарфа буд.

Қисми асосии аҳолии **Тахористон** бо кишоварзии муқимӣ машғул мегардид. Дар **Тахористон** хусусан, силоҳсозӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Вилояти мазкури таърихӣ, ки ҳоли ҳозир Ӯзбекистони ҷанубӣ ва Тоҷикистону Афғонистони шимолиро ба таркиби худ гирифтааст, аз шимол бо кӯҳҳои Ҳисор, аз



**Варахша. Тасвири деворӣ.**

ҷануб бо Ҳиндикуш, аз ғарб бо водии Мурғоб ва Ҳерирӯд, аз шарқ бо Помир ҳамсарҳад аст. Номи Тахористон **дар садаи II** пеш аз мелод аз номи *юечҷиён* – қабилаи чорводор гирифта шудааст, ки давлати Юнону Бохтарро вожгун сохтаанд. Тахористон бо бисёр мамлакатҳо, Ҳиндустон, Шарқи Наздику Дур алоқаҳои тиҷоративу сиёсиро ба роҳ монда, тангаи худ дар муомилоти савдои дохилӣ будааст. Дар боби паҳншавӣ ва ривоҷи динҳои *буддоӣ* ва *монигӣ* дар Осиёи Марказӣ Тахористон нақши калоне бозидааст.

### Фарғона

Ҳокимони **Фарғонаро «ихшид»** меномиданд. Заминҳои **Фарғона** ниҳоят ҳосилхез буда, аҳолии он бо деҳқонӣ рӯз мегузаронд, пахта ва шолӣ мекошт. Дар шаҳрҳои калонаш, аз қабили **Косон, Ахсикат (Хушкат)** ва **Қува (Қубо)** соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ ривоҷ ёфта, маҳсулоти он дар бозорҳои дохила ва беруна харидорони зиёде дошт. Ба мамлакатҳои ҳамсоя **ранг, ашёҳои шишаи ранга** ва **дорувор** бароварда мешуданд.

Дар водии Фарғона дар қатори аҳолии муқимнишин чорводорони бодиянишин низ сукунат доштанд. Дар пуштакӯҳҳои **Қурама** ва **Қаромозор** аз қадим бо асппарварӣ шуғл меварзиданд. Насли аспҳои даванди ин диёр шӯҳрати ҷаҳонӣ доштанд.

### Чоч ва Элоқ

Дар водиҳои **Чирчиқ** ва **Оҳангарон** дуҳокимиятӣ ҳукмрон буд. Дар манбаъҳо яке давлати **Чоч** ва дуюмӣ мулки **Элоқ** ном бурда мешаванд. Маркази Чоч шаҳри Чоч, подшоҳи он ***Тудун*** номида мешуд. Пойтахти Элоқ **Тункат**, ҳокимони он ***«деҳқон»*** ном доштанд. Дар асри V онҳо ба Давлати Эфталҳо ва дар охири асри VI ба Ҳоқонати Турк тобеъ гаштанд.

Дар чоряки аввали садаи VII Ҳоқонати ғарбии турк қароргоҳи ҳукмронии худро ба вилояти Чоч мекӯчонад. Барои ҳукмдор ва малика қароргоҳҳои ба худ хоси **Ябғукат** ва **Хотункат** барпо карданд. Тангаҳои навиштаҷоташон тубини Чоч (чакинаки тубин) ва тегини Чоч (чакинаки тегин) сикка зада шуданд. Ба рӯи танга сурати ҳукмдор, ба пасаш расми асп, ё паланги думаш каҷ, ё ки тасвири шер, баъзан тамғаи каҷи сулолавӣ кашида шуда буд. Дар баъзе тангаҳо ҳатто тасвири малика акс ёфта буд, ки дар паҳлӯи ҳукмдор менишаст. Ин тасвири ҷуфтгона аз ҳамин далолат медиҳад, ки дар давлатдории қадимаи туркӣ бешак маликаи ҳукмдор-**хватун** (завҷа),



Тангаи Чоч. Асри VII.



Оссуарии нақшин, ки дар болои пештоқ меистод. Садаҳои VI—VII.

яъне ба дараҷаи вазириро соҳиб буда, дар идоракунии давлат фаъолона иштирок намудааст. Дар сарой ӯ баъди ҳоқон мақоми минбаъда доштааст.

Ҳоқонати ғарбии турк, ҳамчунин кишвари Чоч, ки вилояти калони муқимии он ба ҳисоб мерафт, ба низоми худии тангаҳо молик будааст.

Чоч ва Элоқ мамлакатҳои соҳиби хоҷагии серсоҳа буданд. Дар онҳо деҳқонии обёришаванда, чорводорӣ, ҳунармандӣ, истихроҷи маъдан, савдои дохила ва беруна инкишоф ёфта буд.

Кӯҳҳои Чоч ва Элоқ аз *тилло, нуқра, маъданҳои ранга, оҳан* ва *сангҳои чақмоқии ҷилвадор* ғанӣ буданд.

Аз тариқи кишвар гузаштани роҳи корвон ба вусъати савдову тиҷорати дохилаву беруна ва серодам гардидани шаҳрҳои Чоч ва Элоқ имкон медод.

**Маъмурияти идоракунӣ**

Ибтидои асрҳои миёна дар ҳокимиятҳои Осиёи Миёна маъмурияти идоракунӣ бо тартиби муайян ташкил ёфта буд. Вазифаи асосии маъмурияти идоракунӣ аз сари вақт ғун кардани боҷ, андоз ва хироҷи шаҳрвандон, сафарбар намудани онҳо ба корҳои ҷамоатӣ иборат буд. Сарф ва даромад аниқ қайд карда шуда, ба аснод табдил меёфтанд. Ба онҳо бо ангуштон имзо гузошта, ҳатто бо мӯҳр тасдиқ мекарданд.

**Меъмории шаҳр**

Дар асрҳои V—VII дар Осиёи Миёна, аз як тараф барқарор ва мустаҳкам шудани муносибатҳои заминдорӣ ба чашм расад, аз тарафи дигар бардавом ва шиддатнок ворид шуда ба аҳолии муқимӣ табдил ёфтани бодиянишинони чорводор ба қиёфаи шаҳру деҳот ва тарзи зисту зиндагонии аҳолӣ таъсири ҷиддие мерасонад. Заминҳои деҳқонӣ васеъ гардида, таъминоти оби

воҳаҳо беҳтар ба роҳ монда мешавад. Ба майдонҳои наздикӯҳӣ об бароварда, заминҳои навро мекушоянд. Дар деҳот маҳалҳои зисти истеҳкомдор бо номҳои ***«кӯшк», «қаср», «қалъа», «қалъача»*** қад бардоштанд.

Қаср, қалъа ва кӯшкҳои истеҳкомдор асосан вазифаи иншоотҳои мудофиавиро аз ҳуҷумҳои душманони беруна, ҷои ҷамъ омадани пешхизматчиёни ҳарбӣ, маркази маъмурӣ ва анбори яроқу аслиҳаро иҷро мекарданд.

Шаҳрҳо дар ибтидои асрҳои миёна аз **се қисм** иборат буданд. Онҳо *кӯҳандиз* (арк)*, «шаҳристон», «работ»* номида мешуданд. Ҳар се қисми шаҳр бо деворҳои алоҳида иҳота шуда буданду якчанд дарвозаҳо доштанд. Анҳоре, ки қад-қади деворҳои шаҳр ҷорӣ буд, вазифаи хандақро иҷро мекард. Дар асрҳои миёна мувофиқи қайди муаллифони араб (Ибн Ҳавқал ва Иштахрӣ) танҳо арки *Бинкат* (Тошканд) бисту ду дарвоза доштааст.



*** Кӯҳандиз (Арк) — қисми қасре, ки ҳокими шаҳр ҷойгир буд.**
*** Работ — қисми берунаи шаҳр.**
*** Ихшид — ҳокими вилоят.**
*** Шаҳристон — қисми дохилаи шаҳр.**



**1.** Дар бораи ихшидҳои Суғд нақл кунед.
**2** Тахористон кадом ҳудудҳоро дар бар мегирифт?
**3.** Шаҳрҳои калони Фарғонаро қайд кунед?
**4.** Дар вилоятҳои Чирчиқ ва Оҳангарон кадом ҳокимиятҳо мавҷуд будаанд?
**5.** Вазифаи асосии маъмурияти идоракунии ҳокимиятҳои Осиёи Миёна аз чӣ иборат буд?
**6.** Дар асрҳои миёна шаҳрҳо аз чанд қисм иборат буда, чӣ тавр номгузорӣ шудаанд?

## § 7. ҲАЁТИ МАДАНӢ ДАР АСРҲОИ VI—VII

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Хат. Эътиқодҳои динӣ. Санъат. Мусиқӣ.***

### Хат

Дар ин давра аҳолии Суғд, Хоразм ва Тахористон ҳар кадом хати худро дошта, хатҳои *Суғд* ва *Хоразм* дар пояи хати қадимаи оромӣ ба майдон омада, хати *Тахор* дар асоси хати Бохтар инкишоф ёфта буд.Мактубҳо, аз қабили хат, ҳуҷҷатҳо ва баъзе ахборотҳо



Навиштаҷоти суғдӣ.

асосан ба чарм, чӯб, сафол ва кам андар кам ба коғаз навишта мешуданд. Чунки нархи коғаз ниҳоят баланд буд. Баъзе катибаҳо ҳатто дар деворҳои сарои подшоҳ ва ибодатхонаҳо иншо мегардиданд. Дар байни онҳо мактубҳои сафирӣ, ҳуҷҷатҳои масраф ва даромади хоҷагӣ, шартномаҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои астрономӣ, солномаҳои таърихӣ, ҳамчунин бозёфтҳои дастнависҳои нодири ақидаҳои динӣ сабтшуда мавҷуданд. *Хатҳои суғдии* то замони мо расида омада дар **қалъаи Муғи** назди Панҷакент, наздикии **шаҳри Турфани** Туркистони Шарқӣ, харобаҳои қадимаи **Афросиёби** Самарқанд сабт шудаанд.

Дар онҳо оид ба таърихи сиёсӣ, ҳудуд ва қонунҳо, иқтисод ва эътиқодҳои динии Суғд маълумотҳои муҳим гирд омадаанд.

Дар Суғд ба писарбачаҳо аз синни панҷсолагӣ навиштан ва ҳисобро ёд медоданд ва ҳамин ки ба синни 20-солагӣ расид, ӯро барои омӯхтани корҳои тиҷорат ба дигар мамлакатҳо мефиристоданд.

Ҳамчунин хати **руни туркӣ** (кӯктурк) васеъ истифода мешуд. Ин хати нави туркҳо аз 38—40 ҳарфи ба ҳамдигар часпон иборат буда, барои дар сангу чӯб ба тарзи кандакорӣ сабт намудан қулай ба ҳисоб мерафт. Катибаҳои қадимаи кӯктурк (катибаҳои ҳоқонҳои **Қултегин** ва **Билга**) ғайр аз Олтой ва Туркистони Шарқӣ дар Еттисув, Фарғона ва водии Зарафшон низ ёфта ва омӯхта, дар сангҳои қабр, ашёҳои сафол ва фулузот, чӯб ва тангаҳо сабт шудаанд.



*** Ибтидои асрҳои миёна дар кишварамон хатҳои суғдӣ, хоразмӣ, тохарӣ ва руни туркӣ мавҷуд буд.**

## Эътиқодҳои динӣ

Дар садаҳои VI—VII дар Осиёи Миёна якчанд динҳои маҳаллӣ, аз қабили *зардуштӣ, буддоӣ, насронӣ, монӣ* ва *қам* (шоммонӣ)ва динҳои дигари кишварҳои гуногун мавҷуд буданд. Аксарияти аҳолӣ ба *дини зардуштӣ* эътиқод доштанд.

**Ноҳияи Ургути** вилояти Самарқанд на танҳо дар Суғд, балки дар тамоми Осиёи Миёна маркази дини *насронӣ* ба ҳисоб мерафт. Дар ибтидои асрҳои миёна дар ҳаёти мафкуравии халқҳои Осиёи Миёна дини *монӣ* низ амиқ реша давонда буд. Мувофиқи таълимоти Монӣ ибтидои олам аз ду офарандаи

ба ҳам зид — рӯшноиву некӣ ва зулмоту бадӣ иборат аст мегуфтанд. **Ибодат, рӯза, садақа** рукнҳои дини монӣ ҳисобида мешуданд.

Аҳолии чорводори Ҳоқонати Турк аз қадим ба дини *шоммонӣ* эътиқод мекарданд. Ин дин эътиқоди саҷдаро ба тасаввуроти анимистикӣ, ҷон ва рӯҳ тарбия мекард. Дар қадим туркҳо дини худро ***«қам»*** меномиданд. Чунки дар онҳо вожаи ***«шоммон»*** набуд. Ин дин дини тавҳиди (яккахудоӣ) ба *«Кӯктангрӣ»* эътиқодкунанда мебошад, ки кайҳонро аз нестӣ пайдо кардааст. Аҳолии чорводори кӯчманчӣ бахшида ба ин худоҳо маросимҳо гузаронда, қурбониҳо мекарданд. Масалан, ба шарафи худои бузург — Кӯкхудо бо мақсади қурбонӣ аспи сиёҳу қашқа мекуштанд.



**Кува. Қисми болоии ҳайкале, ки аз ибодатхонаи буддоӣ ёфт шудааст.**

## Санъат

Якчанд соҳаҳои санъати тасвирӣ, аз қабили **мусаввирӣ** ва **пайкаратарошӣ** равнақ меёбад. *Суратҳои деворӣ, ҳайкалҳо ва нақшҳои гаҷкорие*, ки аз **Болаликтеппаи воҳаи Сурхон, Панҷакенти водии Зарафшон, Варахша ва Афросиёб**, харобаҳои **Куваи** водии Фарғона ва дигар ёдгориҳо ёфт шудаанд, аз асарҳои санъати волои ҳамон замон ба ҳисоб меравaнд. Тасвирҳои деворӣ манбаест, ки аз ҳаёти хеле мураккаби он замон, дину эътиқод ва робитаҳои мамлакатҳо ҳикоя мекунад. Ба ривоҷи ҳайкалтарошӣ хусусан дини буддоӣ таъсири пурзӯр дошт. Дар водии Фарғона аз **Кува** ва дар наздикии Қӯрғонтеппа аз **Аҷинатеппа** ҳайкалҳои баҳайбати буддоӣ ёфта, омӯхта шудаанд. Баландии **ҳайкали буддоӣ**, ки аз **Аҷинатеппа** ёфт шудааст, қариб 12



**Варахша. Расми Ҳумои гаҷкоришуда. Садаҳои VI—VII.**



*** Аркон — вазифаи муҳимтарини дин.**
*** Қам-шомон — дини яккахудоӣ, такягоҳ, маъмурият ки ба Кӯкхудо саҷда мекунад.**

метр мебошад. Дар ин давр санъати кандакорӣ аз чӯб низ дар зинаи баланд қарор дошт.



Духтари арфанавоз (айритом, чилторнавоз).

Ёдгории нодири санъати гаҷкории ибтидои асрҳои миёна ба воситаи бозёфтҳои **Варахша** тадқиқ шуданд. Шаклҳои гуногуни геометрӣ, нақшҳои кандакории дарахтҳои мевадор ва растаниҳо, манзараи шикор деворҳои сарои боҳашамати қароргоҳи дар Варахша будаи ҳукмдорони Бухороро оро медоданд.

Дар Осиёи Миёна соҳаҳои мухталифи санъат, аз қабили мусиқӣ, рақс, сурудхонӣ ва дорбозӣ ривоҷ ёфта буданд. Дар ин давра дар соҳаи санъат *Бухоро бо мазҳакачиён, Самарқанд бо найнавозҳо, Тошканд бо ҷавонони раққосу раққосадухтарони* худ шӯҳрат доштанд.

## Санъати мусиқӣ

**«Рақси Чоч»**-и машҳуре, ки ҷавонони раққоси Чоч иҷро менамуданд ва ё **«рақси доира»**, ки дар ҳавои садои доира бо ҷунбонидани китф иҷро мегашт, аъёнҳои чиниро мафтун сохта, онҳоро дар ҳайрат мегузошт. Танҳо дар шаҳри Бухоро аз тарафи ҳунармандони моҳир даҳ намуди асбобҳои мусиқӣ сохта шуда буданд.

1. Аҳолӣ аз кадом хатҳо истифода бурдааст?
2. Пурзӯр будани саъю кӯшишро нисбати саводомӯзӣ дар Суғд дар чӣ дидан мумкин аст?
3. Аҳолӣ ба кадом динҳо эътиқод мекарданд?
4. Таълимоти дини монӣ, аркони он дар чӣ ифода ёфтааст?
5. Дар бораи санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва ҳайкалтарошии садаҳои VI—VII ҳикоя кунед.

**Кори мустақилона.**

Аз матни китоби дарсӣ истифода бурда, ҷадвалро пур кунед

| Хатҳо | Дар асоси кадом хат ташаккул ёфтааст | Намудҳои санъат | Аз кадом худуд ёфт шудааст |
|---|---|---|---|
| Суғд | | | Панҷакент |
| Хоразм | | | Варахша |
| Тоҳар | | | Афросиёб |
| Кӯктурк | | | Қува |



# БОБИ II
# ИСТИЛОИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ТАРАФИ ХИЛОФАТИ АРАБ. ОШӮБҲОИ МАРДУМӢ
## (Садаҳои VII—VIII)

## § 8. ДИНИ ИСЛОМ ВА ХИЛОФАТИ АРАБ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Дини ислом. Хуросон. Мовароуннаҳр. Забти Мовароуннаҳр.***

**Ба вуҷуд омадани дини ислом**

Арабҳо аз қадим дар нимҷазираи Арабистон сукунат дошта, дар парокандагӣ умр ба сар мебурданд. Дар ибтидои асри VII дар Арабистон ҳаракати муттаҳид намудани мамлакат дар пояи эътиқоди ягона оғоз меёбад. Ин эътиқоди бузург дини ислом буд, ки асосашро яккахудоӣ ташкил медод.

**«Ислом» маънои «тобеият», «итоат», «худро ба иродаи Оллоҳ супоридан»-ро дорад.**

Расули оллоҳ **Муҳаммад (соллалоҳи алайҳи вассалам) бинни Абдуллоҳ (570—632)**, ки дар шаҳри Макка ба дунё омадааст, ба ин ҳаракат раҳнамоӣ намудааст. Пайравони ӯ, ки исломро қабул карда аз паи Расулуллоҳ рафтаанд, *муслимин* (мусулмонон) номида мешуданд. Онҳо баробарии ҳар як инсон дар назди Худо, ба ҳамагон расонидани ризқу рӯзӣ аз тарафи худи офаридгор ва ҳамчунин ҳақ будани ногузирии барҳам хӯрдани беадолатиро дар ҷомиа тарғиб мекунанд. Тарғиботи дини ислом, ки дар шаҳри **Макка** оғоз ёфта буд, ба **Мадина** мекӯчад. **Соли 630 Муҳаммад (с.а.в)** арабҳоро дар зери давлати ягона муттаҳид месозад.

Пас аз вафоти Муҳаммад наздиктарин ҳамсафи ӯ **Абӯбакр (632—634) халифа** эълон мегардад. Аҳамияти **Қуръони Карим**, ки ақидаҳои ислом, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии онро дар бар мегирад, дар роҳҳои исломро пазируфта аз ҷиҳати сиёсӣ ба ҳокимияти ягона муттаҳид шудани қабилаҳои араб, ба яке аз динҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтани он ниҳоят бузург буд.

Хилофати араб, ки бисёр мамлакатҳо, аз қабили **Миср, Сурия, Фаластин, Ироқ, Эронро** забт намуда, соҳиби боигариҳои беҳисоб шуда буд, юришҳои ҳарбии худро ба кишвари мо нигаронид.

**Соли 651** арабҳо бе ҷанг шаҳри **Марвро** ишғол мекунанд. Баъд ҳудудҳои қисми шимолии Афғонистони имрӯза, қисми шимоли ғарбии Эрон, аз ҷануби Туркманистон то Амударё забт мегарданд. Арабҳо ин ҳудудро **Хуросон** номиданд. Маркази он шаҳри **Марв** буд. Ба ин вилоят ноиби махсус таъин мегардад, ки қароргоҳаш шаҳри Марв буд. Арабҳо дар ин масканҳо мавқеъ гирифта, барои ғасби вилоятҳои бои воқеи шимоли Амударё тайёрӣ мебинанд. Ин ҷойҳоро арабҳо **Мовароуннаҳр**, яъне, **«он сӯи наҳр»** меномиданд.

### Юришҳо ба сӯи Мовароуннаҳр

Арабҳо ба Мовароуннаҳр нахустин маротиба барои истилогарӣ не, балки аз ҷиҳати ҳарбӣ омодагӣ дидан, санҷидани ҳукмдорони маҳаллӣ юришро анҷом медиҳанд. Ҳуҷумҳои нахустин ба Мовароуннаҳр **соли 654** аз **Маймурғ** ва **соли 667** аз **Чағониён** оғоз меёбанд.

Дар манбаъҳо қайд мегардад, ки дар ин давра Хоразм аз тарафи арабҳо ду маротиба толону тороҷ гардидааст.

Бинобар навиштаҳои Наршахӣ **тирамоҳи соли 673** мувофиқи фармони халифа **Муовия I (661—680) Убайдуллоҳ ибни Зиёд** аз Амударё гузашта ба ҳудуди Бухоро зада медарояд. **Пойканд** ва **Рометанро** забт карда, қӯшунҳои ҳокими Бухороро мағлуб сохта, ба фоидаи худ сулҳ баста, дар ҳаҷми як лак (сад ҳазор) дирҳам боҷ меситонад. Ғайр аз боҷ арабҳо бо сарвати зиёди иборат аз чаҳор ҳазор асир, аслиҳа, сару либос, ашёҳои тиллогин ва нуқрагин ба Марв бармегарданд. Арабҳо дар сари роҳ шаҳри Тирмизро низ забт менамоянд.



**Пойканд. Нақшаи работ. Асри VII.**

> *** Хилофати Араб — давлате, ки тамоми ҳокимият ба дасти муовин (халифа)-ҳои Муҳаммад (с.а.в.) дода шудааст.**

### Забти Мовароуннаҳр

**Аввалҳои асри VIII** арабҳо ба пурра забт кардани Мовароуннаҳр шурӯъ мекунанд. **Соли 704 Қутайба ибн Муслим** ноиби Хуросон таъин мегардад. Ба юриши ҳарбӣ **Қутайба** аз забти атрофи **вилояти Балх соли 705** шурӯъ мекунад. Ба зудӣ, бидуни ҷанг **ҳокими Чағониён** таслим мегардад. **Соли 707 Қутайба** бо лашкари зиёд **Пойкандро** муҳосира мекунад. Баъди муҳосираи *50-рӯза* **Пойканд** ишғол шуда, тамоми мардони ба даст силоҳ бардошта метавониста қир ва шаҳр вайрон карда мешавад. Сипас, **Қутайба** бо қӯшун **ба Бухоро** роҳ пеш гирифт. Аз рӯи *навишти Наршахӣ*, ҳудуди ҳокимияти Бухорхудотҳо аз 12 қалъаи калон ва баъзе шаҳрҳо иборат буд. Дар ин давр дирҳами дар водӣ зарбшудае дар муомилот будааст, ки дар он расми ҳукмори тоҷдори воҳа бо зернавишти *«Бухорхудот»* тасвир ёфта буд. Давлатро **Туғшода** (692–724) идора намудааст. Аҳолии Бухоро ӯҳдадор мешаванд, ки ҳар сол ба хилофат боҷ дода, ними хонаҳои худро ба арабҳо вомегузоранд.

Қутайба ибодатхонаи оташпарастони дар маркази Бухоро ҷойгир бударо ба масҷиди ҷомеъ табдил медиҳад. Асарҳои бо забон ва хати суғдӣ офаридашударо нобуд месозад. Кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки аҳолии маҳаллиро ба дини ислом ҷалб созад. Ба ҳамин мақсад ба ҳар як шахсе, ки дар масҷид омада ибодат мекард, 2 дирҳам пул ҳадя карданро ҷорӣ намуданд.

**Соли 710** Қутайба **Нахшаб** ва **Кешро** ишғол карда, барои ҳуҷум ба Самарқанд тайёрӣ мебинад. Лекин бар асари зиддиятҳои дохилие, ки дар Хоразм оғоз ёфтанд, фурсати мусоиде ба миён омад, то ки Қутайба ба юриши Хоразм шурӯъ кунад ва юриши Суғд ба таъхир гузошта шавад. Шоҳи Хоразм **Чағон** аз шӯриши халқӣ тахти сарпарастии додараш **Ҳурзод** тарсида, **соли 711** барои ёрӣ ба Қутайба муроҷиат мекунад. Гарчанд **Ҳурзод** бо дасти душман торумор ва кушта шуда бошад ҳам, аммо Хоразмшоҳ аз ин мустақилии худро аз даст



**Дирҳами Бухорхудотҳо. Асри VIII.**

дода, ба боҷдиҳандаи хилофат табдил меёбад. Қўшунаш бошад дар юришҳои ҳарбии Кутайба барои иштирок кардан маҷбур карда мешавад.

Баъди истилои **Кутайба** кишвари Хоразм ба қисмҳои *шимолӣ* ва *ҷанубӣ* тақсим гардид. Қисми шимолии он аз ҷониби мири **Гурганҷ** (Урганҷи кўҳна), қисми шимолиаш **аз тарафи Хоразмшоҳ** идора карда шудааст. Ҳар дуяш ҳам билвосита ба халифат тобеъ буда, ҳар кадомаш ба алоҳидагӣ боҷ супурдааст.

**Соли 712** қўшуни **Кутайба** ба сўи **Самарқанд** роҳ пеш мегирад. Дар ин давр ихшид **Тархун** аз тахт дур шуда, ба ҷои он **Ғурак** (710—737) подшоҳи Суғд шуда буд. Ғурак бар зидди арабҳо мубориза бурд. Дар натиҷаи нобаробарии қувваҳо Самарқанд таслим шуд. Дар байни **Ғурак** ва **Кутайба** шартномаи сулҳ имзо гардида, мувофиқи он Ғурак ба арабҳо мебоист якбора 2 ҳазор, ҳар сол 200 ҳазор дирҳам боҷ, боз 30 ҳазор нафар ғулом, дар шаҳр ягон сарбоз нигоҳ надошта, шаҳри дохиларо ба арабҳо холӣ карда, дар он ҷо масҷидҳо бунёд мекард. Бар ивази ҳамаи ин Кутайба Ғуракро ҳукмдори *Самарқанд, Кеш* ва *Нахшаб* таъин мекунад. Ҳамин тавр, ў ноиби мутеи арабҳо мегардад.

*** Наршахӣ – олими муаррих. Дар деҳаи Наршахи Бухоро таваллуд ёфтааст. Асари «Таърихи Бухоро»-ро навишта, боқӣ гузоштааст.**
*** Амир (ба забони арабӣ – «амркунарда», «сарвар», «ҳоким») – сарлашкар, ҳоким, бек. Халифаҳои аввалини хилофати араб ва давраи уммавиён сардори қўшунҳои алоҳида амир номида, онҳо одатан ба вилоятҳои забтгардида ноиб таъин гаштаанд.**
*** Фатҳ (арабӣ) – соҳибӣ кардан, забту ишғол намудан.**

### Забти Чоч ва Фарғона

**Соли 713** як қисми қўшуни **Кутайба** ба вилояти **Чоч**, қувваи асосиаш тахти сарварии ў бошад, ба сўи **водии Фарғона** роҳ пеш мегирад. Воҳаи Чоч забт шуда, шаҳри асосии он **Мадинат аш Шош**, бисёр қалъа ва деҳот оташ зада шуда, вайрон мегардад. Ибтидои **соли 715** водии Фарғона истилоъ шуда, то ба **Қошғар** рафта мерасад. Ба тамоми вилоятҳо аз арабҳо *амирон* таъин мегарданд. Вале Кутайба аз сабаби бахалифа **Сулаймон** заддият нишон додан, дар Фарғона аз тарафи аскарони араб кушта мешавад.

1. Дар бораи ба вуҷуд омадани дини ислом нақл кунед.
2. Аз забти Мовароуннаҳр Хилофати араб чӣ мақсадҳо дошт?
3. Дар бораи муҳосираи Пойканд ва мутеъгии он нақл кунед.
4. Дар бораи забти Бухоро ва ба ислом ҷалб сохтани аҳолӣ чиро донистед?
5. Хоразм ба хилофат чӣ тавр тобеъ карда шуд?

## § 9. ОҚИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МАЪНАВИИ ЗАБТИ МОВАРОУННАҲР

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Оқибати истилоъ. Андозҳо. Даъват ба ислом.***

**Оқибатҳои иқтисодӣ**

Хилофат ҳангоми истилои кишвар тамоми воҳаҳои кишоварзии ободи онро зери по намуда, шаҳру деҳоти зиёдеро сӯзонд, вайрон кард. Иншоотҳои обёрикунӣ вайрон карда, майдонҳои кишт аз беобӣ хушк шуданд. Аз аҳолии шаҳру деҳоти фатҳшуда тилло, нуқра, ашёҳои қимматбаҳо ва яроқу аслиҳаи зиёдеро кашида гирифтанд. Аз ҳукмдорони **Бухоро, Пойканд, Суғд**, ки ихтиёран ба имзои сулҳ маҷбур гашта буданд, ба миқдори зиёд боҷу товон рӯёнда шуд. Хилофат ба қӯшунҳои худ ҳазорҳо нафар ҷавононии маҳаллиро ҷалб сохт.

Истилогарон ба неруи ҳарбӣ такя карда, аз аҳолӣ ҳар гуна андоз рӯёнда, онҳоро ба корҳои гуногуни ҷамоатӣ ҷалб месозанд. Дар шаҳрҳо, аз қабили **Марв, Пойканд, Бухоро** ва **Самарқанд** нисфи шаҳристон ё хонадонҳои воқеи он барои арабҳо ва аҷамҳои аз Эрон омада холӣ карда дода мешаванд. Андозҳо, аз қабили *«хироҷ», «ушр», «закот», «ҷизя»* ҷорӣ мегарданд.

**Даъват ба ислом**

Арабҳо барои мустаҳкам намудани ҳокимияти сиёсии худ дар Мовароуннаҳр ва таъмини барқарории он ба даъвати ислому паҳншавии он дар байни аҳолӣ аҳамияти калон медоданд. Аз ин рӯ, бар зидди оташпарастӣ (зардуштӣ), ки дини асосии аксарияти аҳолии Мовароуннаҳр буд ва дигар динҳо муборизаи сахт мебаранд. Ибодатхонаҳо вайрон карда, ба ҷои онҳо масҷидҳои ҷомеъ бунёд мегарданд.

**Роҳҳои исломигардонии аҳолӣ**

Солҳои аввал намояндагони аҳолии таҳҷоӣ, ки дини исломро пазируфта, мусулмон шуда буданд, аз андозҳои

*** Ҷизя — андози сарикасӣ аз аҳолие, ки исломро қабул накардаанд.**
*** Закот – андозе, ки дар ҳаҷми аз 1/40 қисми молу мулк ситонда мешуд.**
*** Хироҷ — андози замин, ки дар ҳаҷми аз 1/3 қисми ҳосил гирифта мешуд.**
*** Ушр — андозе, ки дар ҳаҷми 1/10 даромад барои корҳои идора ситонида мешуд.**

хироҷ ва ҷизя озод карда шуданд. Аз ашхосе, ки аз қабули дини ислом саркашӣ намудаанд, андози сарикасии *ҷизя* руёнда мешуд. Шахсонеро, ки андозро саривақт намепардохтанд, дошта ба гарданашон тахтачаро бо навиштаҷоти *«қарздор»* меовехтанд. Чунин тадбирҳои амалӣ ва чораҳо бешубҳа, ба васеъ паҳн шудани дини ислом дар байни аҳолии Мовароуннаҳр кӯмак мерасонад. Лекин, бо вуҷуди ҳамин аксари аҳолие, ки дини исломро қабул карда, танҳо бо ном мусулмон шуда буданд, муддатҳои тӯлонӣ пинҳонӣ ба дин ва эътиқоди худ содиқ мемонанд.

Аз сабаби забти Мовароуннаҳр аз ҷониби Хилофати араб урфу одат, дину эътиқод ва маданияти аз қадим ривоҷёфтаи халқҳои таҳҷоӣ поймол карда, ба ҳаёти маънавии он ба дараҷаи назаррас футур расонида шуд. Китобҳои маърифатӣ ва динӣ, асарҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои нодиреро, ки бо хати суғдии маҳаллӣ иншо шуда буданд, дар гулханҳо сӯхта нобуд мекунанд. Пора-пора намудани ҳайкалҳои гуногуни мавҷудаи ибодатхонаи буддоии Қува, кофта партофтани чашмон ва бо шамшер тарошидани танаи расми одамоне, ки дар деворҳои сарои Афросиёб тасвир ёфта буданд, мисоли равшани ин суханон мебошанд.

1. Барои ба ислом даровардани аҳолии маҳаллӣ аз кадом роҳҳо истифода намудаанд?
2. Хилофат ба Мовароуннаҳр чӣ гуна андозҳоро ҷорӣ кард?
3. Истилои хилофат ба маданияти маҳаллӣ чӣ гуна таъсир расонд?
4. Истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби Хилофати араб ба кадом оқибатҳо овард?

## § 10. ОШӮБҲОИ ХАЛҚӢ БАР ЗИДДИ ХИЛОФАТ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Норозигии халқ. Шӯришҳои Ғурак ва Деваштич. Ислоҳоти молиявӣ. Уммавиён.***

### Сабабҳои шӯриш

Сиёсати тороҷгаронаи хилофат халқи маҳаллиро аз тамоми ҳаққу ҳуқуқҳояш маҳрум сохт. Дар натиҷаи зери по шудани фарҳанг, бо роҳи зулму зӯрӣ ҷорӣ намудани дини ислом, забон ва хати арабӣ, қоидаву қонуни хилофат норозигӣ дар байни халқи маҳаллӣ торафт пурзӯр шуда, сабабгори сар задани ошӯбҳо гардид.

**Халифа Умар ибни Абдулазиз (717—719)** вазъияти мураккабро ба ҳисоб гирифта маҷбур мегардад, ки сиёсати муросоро бо аҳолии заминашон мутеъ шуда ба амал барорад. *Ӯ дар бораи боздоштани забт кардани дастовари минбаъдаи заминҳои нав* ва *гузаронидани ислоҳоти молиявӣ* фармон баровард.

Дар асоси ин фармон дар қатори арабҳо гирифтани *хироҷ* ва андози *ҷизя* аз аҷамиёне, ки исломро пазируфта буданд, бекор карда шуд. Вале, аксари аслзодагони Мовароуннаҳр худро мусалмони ҳақиқӣ ҳисобида, андозҳоро намепардохтанд. Сипас маъмурони хилофат фармон медиҳанд, ки аз ҳама саросар *ҷизя* рӯёнда шавад. Дар натиҷа дар Мовароуннаҳр маъракаи саросари аз ислом баромадан ва рӯй овардан ба динҳои пешина оғоз меёбад. Баробари ин, зиддияти байни амволдорони маҳаллӣ ва намояндагони хилофат тезутунд гардида, дар саросари мамлакат бар зидди хилофат ошӯбҳои халқӣ сар мезананд.

### Оғози шӯришҳо

**Соли 720** яке аз чунин шӯришҳо дар Суғд оғоз ёфт. Ба шӯриш *ихшиди Суғд* **Ғурак** ва *ҳокими Панҷакент* **Деваштич** раҳбарӣ менамоянд.

Барои кӯмак ба Суғдиён аз **Еттисув** лашкари турк меояд. Аҳолии ҳамаи ҳокимигариҳои Суғд ошӯб мебардоранд. Нерӯҳои муттаҳидгардидаи шӯришгарон ба арабҳо зарбаи сахт мерасонанд. Танҳо қисмҳои ҳарбие, ки дар дохили баъзе шаҳрҳо ва қалъаҳо дар муҳосира монда буданд, бо додани хироҷ ва бо роҳи ба ихтиёри шӯришгарон ба гарав вогузоштани намояндагони боэътибори худ ҷон ба саломат бурданд.

**Соли 721 Саид Харошӣ** ба Хуросон ноиб таъин мегардад. Ӯ бо бераҳмии худ дар пахш кардани шӯриш дар Ироқ ном ба-





* **Ислоҳот —тағйир додани тартиботи мавҷуда;**
* **Фармон— амре, ки дорои эътибори қонун аст.**

роварда буд. Ба ӯҳдаи вай пахш намудани шӯриши Суғдиён ва боз онҳоро ба ислом баргардонидан супорида мешавад. Дар ҷангҳое, ки дар **Хуҷанд** ба амал омаданд, шӯришгарон мағлуб мегарданд. **Саид Харошӣ** дар шаҳру деҳоти Мовароуннаҳр чораҳои ҷазоро пурзӯр намуд. Аммо, ба пурра пахш намудани шӯриш муваффақ нагардид.

**Имконият додан (гузаштҳо) ба шӯришгарон**

Бо мақсади ором намудани аҳолии Мовароуннаҳр ва мустаҳкам кардани ҳокимияти арабҳо ноиби Хуросон **Ашрос** қарор медиҳад аз мардуме, ки дини исломро пазируфтаанд, андозҳои *хироҷ* ва *ҷизя* нагирад. Он як тадбири муваққатӣ барои ором намудани аҳолӣ буд. Аксарияти зодагон, деҳқонон бо пешхизмат ва кишоварзони худ исломро аз сари нав қабул карда, ба ҷониби арабҳо гузаштанд.

Ноиби нави Хуросон **Наср ибн Сайёр (738—748)** бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеаш дар мамлакат *ислоҳоти молиявӣ* гузаронд. Одамоне, ки исломро пазируфта буданд, аз андози ҷизя озод карда шуданд. Ҳамаи мусулмононро баробарҳуқуқ донистанд. Қатъи назар аз эътиқоди худ шарт будани хироҷсупории соҳибони замин муайян гардид.

Ҷорӣ намудани робитаҳои ақрабогии байни лашкаркашони олимартабаи арабро бо деҳқонони мулкдор ҳимоя мекунад. Дар айни замон худи ӯ чун намунаи ибрат ба духтари Бухорхудот хонадор мешавад. Дар натиҷаи чунин сиёсат, бешак, байни арабҳо ва зодагони маҳаллӣ ба дараҷаи муайян иттиҳод ба вуҷуд омадан мегирад. Аммо, ҷунбиши халқро дар роҳи озодӣ барҳам зада наметавонад. Мовароуннаҳр чун яке аз кишварҳои ноором ва исёнкори хилофат боқӣ мемонад.

**Солҳои 40-уми асри VIII** дар хилофат мубориза барои тахту тоҷ авҷ мегирад. **Муҳаммад ибн Алӣ** — набераи Аббос ном амаки Муҳаммад пайғамбар барои халифагӣ муборизаро оғоз кард. *Умавиён* барои қир (несту нобуд) намудани авлоди Расулуллоҳ муттаҳам карда шуданд. Даъвои ба Аббосиён супоридани хилофат ба миён омад. Ҳамин тавр, барои сарнагун кардани ҳокимияти Уммавиён дар хилофат ҳаракати тезутунд оғоз гашт.





1. Сабабҳои шўриши зидди истилои халифатро номбар кунед
2. Дар бораи шўриши Суғд ва натиҷаҳои он нақл кунед.
3. Дар натиҷаи ошўбҳои зидди хилофат чӣ гуна тағйиротҳо рўй доданд?
4. Омилҳоеро номбар кунед, ки сабаби шиддат ёфтани вазъияти сиёсӣ дар хилофати араб гаштаанд.

## § 11. ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ АББОСИЁН. ИСЁНИ АБЎМУСЛИМ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Пурзўршавии зулм. Тарғиботи Абўмуслим. Шўриши Абўмуслим. Аббосиён.***

**Пурзўр гардидани эътирози халқ**

Эътирози умумӣ бар зидди Умавиён хусусан дар давраи ҳукмронии халифа **Марвон II (744—750)** хеле пурзўр гашт. Ба ин афзудани миқдори андози хироҷ ва мунтазам ҷалб намудани аҳолӣ ба ҳашарҳо сабаб мешавад. Барои даъват ба мубориза зидди Уммавиён Аббосиён ба вилоятҳои гуногун тарғиботгарони зиёдеро мефиристанд. Яке аз чунин тарғиботгарон **Абмуслими** куфагӣ буд.

**Соли 746** ба Хуросон омада, ў ба аҳолии Хуросон муроҷиат намуда, барои дастгирӣ намудани авлодони пайғамбар даъват месозад.

**Ҷамъ шудани шўришгарон**

Аввало зодагони араб ва баъдан деҳқонони маҳаллӣ **Абўмуслимро** дастгирӣ мекунанд. Садои ташвиқот зидди Уммавиён ба зудӣ саросари вилоятҳои Хуросон, Мовароуннаҳр ва Тохаристонро фаро мегирад. Гуё ҳамаи хурду калони аҳолии мамлакат бар зидди арабҳо бархестанд. Лашкар сараввал дар бошишгоҳи **Абўмуслим**-қалъаи **Мохувон** ҷамъ оварда мешавад. Ба шахсоне, ки ба лашкари **Абўмуслим** ба рўйхат гирифта ҳамроҳ шудаанд, аввал се дирҳам, баъд боз панҷ дирҳамӣ маош дода мешавад. Аҷибаш он, ки қисми зиёди шахсоне, ки аз рўйхат гузаштаанд, иборат аз ғуломони гўшаву канори мухталиф буданд. Дар он давра ҳам ғуломон дар байни аҳолӣ табақаи паст ба ҳисоб рафта ва ор донista шудани бо онҳо дар як саф истодани намояндагони дигар табақаҳоро ба инобат гирифта, **Абўмуслим** барои ғуломон дар деҳаи **Шаввал** ҷои махсус ташкил мекунад ва **Довуд** ном тарғиботгарро ба онҳо сарвар таъин менамояд.



### Мақсади шӯришгарон

Дар сафи шӯришгарон ашрофзодагони араб, деҳқонони мулкдори маҳаллии Мовароуннаҳр ва Хуросон, аҳолии мазлуми шарқи хилофат, ҳунармандони шаҳр ва кадиварҳои деҳот, ҳамчунин ғуломон буданд. Мақсадашон низ гуногун буд. Зодагони араб ҳокимиятро ба дасти Аббосиён супорида мавқеи худро дар мамлакат боло бардоштанӣ буданд. Амволдорони маҳаллӣ аз ҷиҳати сиёсӣ бо арабҳо баробариро ба даст оварда, мақсад доштанд, ки имкон пайдо шавад мамлакатро аз хилофат ҷудо намуда идоракунии мустақилонаи онро таъмин созанд.

Озод гаштан аз зулми Уммавиён, андозҳои гарон ва ҳашарҳои муттасил барои аҳолии меҳнаткаши мазлум ва аз занҷирҳои ғуломӣ халосӣ ёфтан барои ғуломон орзуи асосӣ буд. Барои амалӣ гардондани умедҳои мазкури нек онҳо ба муборизаи зидди золимон омода шудаанд. Ошӯбгарон дар бар либоси сиёҳ доштанд. Аввало, либоси сиёҳ рамзи мотам, баробари ин ливои қувваи забардаст, нишоне буд, ки ошӯбгаронро аз ҳарбиёни Умавиён дар набардгоҳ фарқ мекунонд.

### Оғози ошӯб

**Соли 747** Абӯмуслим аҳолиро ба муборизаи зидди уммавиён даъват намуд. **Ибтидои соли 748** Абӯмуслим пойтахти Хуросон шаҳри **Марвро** забт мекунад. Ҳарчанд халифа Марвон неруҳои ҳарбии дар ихтиёраш бударо бар зидди шӯришгарон сафарбар кунад ҳам, аммо Уммавиён натавонистанд ҳокимиятро дар даст нигоҳ доранд.

**Соли 749** шӯришгарон таҳти сарварии **Абӯмуслим** ба вилоятҳои марказии хилофат роҳ пеш мегиранд. Пойтахт ба даст даровarда, халифа **Марвон II** аз тахт сарнагун карда мешавад. Ба ҷои он **Абулаббос Саффоҳ (750—754)** аз хонадони Аббосиён ба тахти хилофат менишинад. Дар маҳалҳо намояндагони хонадони Уммавиён ва наздикони онҳо қир мегарданд. Ҳамин тариқ, дар хилофати араб ҳокимияти давлат ба дасти *Аббосиён* мегузарад.

### Мовароуннаҳр дар давраи ҳукмронии Аббосиён

Ба сари тахти хилофат омадани *Аббосиён* ба аҳолии меҳнаткаш ҳеҷ гуна сабукӣ надод. Ҳеҷ як аз ваъдаҳои ба воситаи Абӯмуслим ба халқ додаи Аббосиён амалӣ нагардид. Абӯмуслим дар Бағдод ба мансаби баланди давлатӣ ва неруҳои ҳарбӣ таъин мегардад. Лекин Аббосиён ба торафт афзудани обрӯи ӯ



дар байни аҳолӣ хайрхоҳ набуданд. Ниҳоят **Абӯмуслим** аз пойтахт дур карда, ба Хуросон ва Мовароуннаҳр ноиб таъин мегардад.

Дар байни аҳолии меҳнаткаш кайфияти барангехтани шӯриш ба муқобили Аббосиён пайдо мешавад. Яке аз чунин шӯришҳо **соли 750** дар Бухоро сар зада, Абӯмуслим бо кӯмаки неруҳои маҳаллӣ онро базӯр пахш намуд.

Аз зиддиятҳои дохилии Мовароуннаҳр истифода намуда, қӯшунҳои императори Чин ба сарзамини Туркистон зада медароянд. Нерӯи ҳарбии иборат аз араб, суғд ва турк, ки аз ҷониби Абӯмуслим таҳти сарпарастии **Зиёд ибни Солеҳ** гуселонида шуд, **соли 751 дар водии Талос ба қӯшунҳои Чин** зарба зада, онҳоро аз хоки мамлакат пеш мекунад.

Ҳарчанд, Абӯмуслим ба Аббосиён хизмати содиқона кунад ҳам, аммо онҳо ба ӯ боварӣ надоштанд. Ниҳоят **соли 755** Абӯмуслими танҳову бесилоҳ ҳангоми ташриф ба сарой бо фармони халифа ба қатл расонда мешавад. Қатли Абӯмуслим ба авҷ гирифтани ҷунбишҳои халқ бар зидди Аббосиён дар шарқи хилофат, хусусан Хуросон ва Мовароуннаҳр баҳона мегардад.



*** Солҳои 747—749 ошӯб таҳти сарпарастии Абӯмуслим дар Хуросону Мовароуннаҳр ба амал омад. Оқибат ҳокимияти Уммавиён дар хилофат барҳам хӯрда, сулолаи Аббосиён ба сари қудрат омад.**



1. Барои чӣ дар хилофат бар зидди Уммавиён эътирози халқ ба вуҷуд омад?
2. Мақсадҳои гуногуни табақаҳоеро муқоиса намоед, ки дар шӯриши Абӯмуслим ширкат доштанд.
3. Ошӯби Абӯмуслим ба чӣ гуна оқибатҳо овард?
4. Баъди ба сари ҳокимият омадани Аббосиён вазъи Мовароуннаҳр чӣ тавр тағйир ёфт?

## § 12. ШӮРИШИ «САФЕДҶОМАГОН»

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Шӯриши «Сафедҷомагон». Муқаннаъ. Рофеъ ибни Лайс***

**«Сафедҷомагон»**

**Солҳои 769—783** дар Мовароуннаҳр шӯриши мардумии хеле калон сар зад. Бинобар бар тан либоси сафед доштани шӯришгарон, он дар таърих бо номи **«Шӯриши сафедҷома-**

**гон»** шӯҳрат меёбад. Раҳбари ин ҷунбиш (ҳаракат) ҳунарманди марвӣ **Ҳошим ибни Ҳаким** мутахаллис ба **Муқаннаъ** буд. Ӯ дар *деҳаи Козаи* наздики шаҳри Марв таваллуд ёфта, ба сар ва рӯяш пардаи гулобӣ гирифта мегашт. Бинобар ӯ бо лақаби *«Муқаннаъ»*, яъне *«Ниқобдор»* машҳур буд. Муқаннаъ дар ҷавонӣ бо касби *кудунгарӣ* (оҳардиҳандаи матоъ) шуғл варзидааст. Ӯ шахси босавод, боақл ва тадбиргар буд. Дар Хуросон аз *сарҳанг* (лашкаркаши хурд) то ба дараҷаи вазирӣ бардошта шудааст. Вай таълимотеро, ки асосаш ғояҳои ***Маздакро*** дар бар мегирифт ва ба баробарии иҷтимоӣ ва ҳаёти озод даъват мекард, тарғиб менамуд. Муқаннаъ дар исёни амири Хуросон иштирок намуда, барои даъвогарӣ оид ба пайғамбарӣ ба зиндон партофта шуда, сипас гурехта ба Марв омада буд. Ӯ дар атрофи худ тарафдоронашро ҷамъ оварда, бар зидди ҳукмронии аҷнабиён ва зулми онон даъватро ба амал оварда, тарғиботчиёни худро ба вилоятҳои Мовароуннаҳр фиристод. Тарғиботи ӯ дар шаҳрҳои **Кеш** ва **Нахшаб** самараи хуб мебахшад. Сафи *«сафедҷомагон»* торафт зиёдтар мегардад. Бо мақсади роҳбарии бевосита ба онҳо Муқаннаъ ба тарафи Суғд ҳаракат мекунад. Барои аз Марв ба Суғд нагузаронидани ӯ маъмурони хилофат таъқиботро пурзӯр мегардонанд. Неруи бузурги ҳарбӣ иборат аз саворагон шабу рӯз муттасил соҳили Амударёро посбонӣ мекунанд.

*** Кудунгар — оҳардиҳандаи мато.**
*** Сарҳанг — сарлашкари хурд.**
*** Маздак ибн Ҳамдодон (479–529) – сарқоҳини Эрон. Ӯ тарафдори тақсимоти баробари боигарии ҷаҳон дар байни одамон буд ва онро бо роҳи бо зӯрӣ ба амал бароварданро тарафдор буд.**

## Оғози шӯриш

**Муқаннаъ** ба Мовароуннаҳр роҳ пеш мегирад ва бо наздикони худ ба соҳили рости Амударё гузашта, ба шаҳри **Нахшаб** ва **Кеш** рафта мерасад. **Қалъаи Сомро**, ки дар теппагии кӯҳии назди Кеш бино шуда буд, ба қароргоҳи худ табдил медиҳад. Аксар кадиварҳои деҳот, ҳунармандони шаҳр ва баъзе деҳқонони амволдор аз паи ӯ мераванд. Дар фурсати кӯтоҳ тамоми водии Қашқадарё ба дасти тарафдорони **«сафедҷомагон»** мегузарад. Оқибат, ҳаракати **«сафедҷомагон»** инкишоф ёфта, ба шӯриши оммавии мардумӣ мубаддал мегардад. Он махсусан дар маркази Мовароуннаҳр — **Суғд** авҷ гирифта, ба



водии **Элоқ** (Оҳангарон) ва **Шош** низ таъсири худро мегузорад. Дар ошӯб табақаҳои мухталиф иштирок мекунанд.

**Рафти шӯриш**

Барои зарба задан ба шӯриши «сафедҷомагон» ***халифа Мансур*** **соли 775** қувваи калони ҳарбиро таҳти сарварии **Ҷаброил ибни Яҳё** ба Мовароуннаҳр сафарбар мекунад. Аммо Ҷаброил аз шӯришгарон мағлуб мегардад. Ӯ баробари додани талафоти зиёд базӯр ба қӯшунҳои дар Самарқанд будаи арабҳо омада ҳамроҳ мегардад. Шӯришгарон ҳуҷумро ба самти ҷануб идома медиҳанд. Дар наздикии Термиз ба қӯшунҳои ба кӯмак шитофтаи араб ҳуҷуми ногаҳонӣ намуда, онҳоро торумор месозанд. Воҳаҳои ***Нахшаб*** ва ***Чағониён*** ба дасти шӯришгарон мегузарад. **Соли 776** шӯриш дар воҳаи Бухоро пурзӯр мегардад. *Қалъаи Наршах* ба қалъаи ошӯбгарон табдил дода, дар он қисми зиёди сафедҷомагон ҷамъ омада буданд. Баъди муборизаи **чаҳормоҳа шӯришгарон** нашъаи мағлубиятро мечашанд.

**ШӮРИШИ «САФЕДҶОМАГОН» дар солҳои 769—783.**



Баъди пахши ошӯби Наршах арабҳо қувваҳои асосиро ба Самарқанду Кеш сафарбар карданд.

«Сафедҷомагон» ва қабилаҳои туркӣ дар Самарқанд бар зидди арабҳо *ду сол* ҷанг мекунанд. Ниҳоят шӯришгарон мағлуб шуда, Самарқанд таслим мегардад.

### Мағлубияти «Сафедҷомагон»

Баробари мағлубияти «сафедҷомагон» дар **Наршах** ва **Самарқанд** деҳқонҳои амволдори маҳаллӣ хоинона ба кӯмаки арабҳо мешитобанд. Зинаи охири мубориза дар **водии Кеш** шуда мегузарад. **Соли 783** қароргоҳи Муқаннаъ дар қалъаи Сом ба муҳосираи дурудароз гирифта муқаннаъчиён таслим мегарданд. Муқаннаъ ба истилогарон таслим шуданро нахоста, худро ба танӯри пури оташ мепартояд ва ҳалок мегардад.

### Сабабҳои мағлубияти шӯриш ва оқибатҳои он

«Сафедҷомагон» муташаккилона ҳаракат карда натавонистанд. Ин омил сабаби асосии мағлубияти шӯришгарон гардид. Дуюм, амволдорони маҳаллӣ аз оммавӣ гаштани ҳаракат ба воҳима афтода паиҳам ба арабҳо ҳамроҳ шуданд. Сеюм, дурудароз тӯл кашидани шӯриш меҳнаткашонро хаставу монда кард.

Шӯриш пахш гашта бошад ҳам, ҳаракати халқи маҳаллӣ бар зидди истилогарон қатъ нагашт. Пас аз 20 соли шӯриши «сафедҷомагон» **соли 806** боз як шӯриш ба муқобили хилофат таҳти сарварии **Рофеъ ибни Лайс** сар мезанад. Шӯриш дар Самарқанд оғоз ёфта, ба вилоятҳои **Шош, Фарғона, Бухоро, Нахшаб** ва **Хоразм** доман паҳн мекунад бо зудӣ ин вилоятҳо аз дасти хилофат меравад. Ноиби Хуросон **Маъмун** аз деҳқонони набераҳои *Сомонхудот* — **Нӯҳ, Аҳмад** ва **Яҳё** кӯмак мепурсад. Онҳо **Рофеъ ибни Лайсро** ба даст гирифта, маҷбур мекунанд, ки ба хилофат таслим шавад. Ҳамин тавр, ошӯби навбатии халқ пахш мегардад.

Муборизаҳои халқҳои маҳаллӣ бар зидди истилогарон зоеъ нарафт. Оҳиста-оҳиста ҳукмронии хилофат заиф гардид. Ин ҳол ҷараёни ба озодӣ ноил гаштани аҳолии Мовароуннаҳрро тезонид.



1. Сабабҳои шӯриши «Сафедҷомагон»-ро номбар кунед.
2. Дар бораи рафти шӯриш ҳикоя кунед.
3. Барои чӣ шӯришгарон мағлуб гардиданд?
4. Раҳнамоии Муқаннаъро арзёбӣ намоед.



# БОБИ III
# ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛИ МОВАРОУННАҲР

## 13-§. СУСТШАВИИ ХИЛОФАТ, ОҒОЗИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Қарлуқҳо. Ӯғузҳо. Қарохониён. Тоҳириён. Идораи давлат.***

### Заифшавии хилофат

**Дар охири асри VIII ва ибтидои асри IX** Хилофати араб ба бӯҳрони гарони сиёсӣ дучор гардид. Зери итоат нигоҳ доштани халқҳои тобеъшуда барои хилофат торафт душвор мегашт. Шӯришҳои мунтазами аҳолии Мовароуннаҳр ва Хуросон, ҷангҳои муттасили дохилии мамлакат ҳокимияти Хилофати арабро заиф намуданд. Ниҳоят, ин ҳама ба пайдо шудани давлатҳои мустақил оварда расонд.

Ин гуна давлатҳо даставвал дар ҳудудҳои шимолӣ ва шимолу шарқии Мовароуннаҳр, яъне дар кишварҳои ҳамсарҳади ҳанӯз ба хилофат тобеънашуда ташкил ёфтанд. Яке аз онҳо **давлати Қарлуқҳо** буд.

### Давлати Қарлуқҳо

Қарлуқҳо, ки аз қадим *дар ғарби Олтой*, сипас *дар соҳилҳои миёнаоби дарёи Иртиш* умр ба сар мебурданд, аз қабилаҳои қадимаи туркӣ ба ҳисоб мерафтанд. **Дар асрҳои VI—VII** онҳо ба таркиби Ҳоқонати Турк дохил буданд. **Дар миёнаҳои асри VIII** дар *кишвари Еттисув* **давлати Қарлуқҳо** ташкил ёфт. Пойтахти ин давлат шаҳри Суёб буд, ки он *дар шимолтари дарёи Чу* ҷойгир шудааст. Ҳокими давлати Қарлуқҳоро *«ябғу»* ё худ *«жабғу»* ном мебурданд.



Дар миёнаҳои **асри X** қисми зиёди қарлуқҳо мусулмон буданд. Ҳамон давр дар якчанд шаҳрҳои қарлуқҳо масҷидҳои ҷомеъ бунёд шуданд.

Давлати қарлуқҳо аз шимолу шарқ то водии *дарёи Илӣ,* саҳроҳои *қабилаҳои чиғил* то саҳроҳояш; аз ғарб ***кишвари Ўғуз*** ва *водии Фарғона*; аз ҷануб бошад, бо воҳаи ***яғмоҳо*** ва бо *Туркистони Шарқӣ* ҳамсарҳад буд.Дар диёри мазкур ба ҷуз пойтахт шаҳрҳои **Чўл, Навкат, Карманкат**, *Ёр* ва як қатор шаҳр ва деҳаҳо қад кашида буданд. Аҳолӣ *бо гўсфандпарварӣ*, дар соҳилҳои дарёҳои кўҳӣ *бо зироаткорӣ* машғул буданд. Бо Туркистони Шарқӣ ва Мовароуннаҳр савдову тиҷоратро ба роҳ мондааст. Ба хориҷ асосан пашм ва маҳсулоти пашмин: *гилем, қолинча, намад* ба фурўш бароварда шудааст.

**Дар садаи X** қарлуқҳо ҳудудҳои шимолии Мовароуннаҳрро забт намуда, ба атрофи Чоч, ҳамчунин водиҳои Фарғона ва Зарафшон омада ҷойгир шуданд. Баъдтар ба аҳолии муқим омехта гаштанд.



*** Қарлуқҳо — яке аз қабилаи қадимаи туркӣ. Сараввал дар оғўши Олтой, силпас дар миёнаоби Иртиш умр ба сар бурдаанд.**

*** Дар миёнаҳои садаи VIII давлати Қарлуқҳо дар кишвари Еттисув ташкил ёфтааст. Пойтахташ шаҳри Суёб буд.**

**Ўғузҳо**

Дар давраи ҳукмронии Ҳоқонати Турк Ўғузҳо ба таркиби онҳо шомил буданд. Пас аз пошхўрии Ҳоқонати Турк қисми калони ўғузҳо дар *ҳавзаи Сирдарё* ва соҳили *баҳри Арал* муқим гашта, дар ин ҳудуд дар **асри IX** ва ибтидои **асри X** онҳо ба **давлати Ўғузҳо** асос гузоштанд.

**Шаҳри Янгикенти** *поёноби Сирдарё* пойтахти давлати Ўғузҳо ҳисоб меёфт. Дар **асри X** ўғузҳо дини исломро қабул карданд.

**Дар чоряки аввали асри X** давлати Ўғузҳо ба зарбаи ҳалокатовари *қипчоқҳое*, ки аз шимоли шарқ хурўҷ карданд, рў ба рў гашта, пароканда мешавад.Онҳо сарзамини худро тарк намуда, як қисм ба ғарб ба даштҳои *Қафқози Шимолӣ* ҷойгир мегарданд. Қисми дигари онҳо аввал вориди *Мовароуннаҳр* шуда, аз он ҷо ба ҷануби ғарб ҳаракат намуда, тахти сарварии сулолаи нави *Салҷуқиён* барои забти мамлакатҳои Осиёи Пеш шурўъ мекунанд.



*** Ӯғузҳо — қабилаи туркӣ, ки дар Осиёи Миёна сукунат доштанд.**
*** Ӯғузҳо дар ҳавзаи Сирдарё ва соҳили баҳри Арал муқим гашта, дар ин ҷо дар асри IX ва ибтидои асри X онҳо ба давлати Ӯғузҳо асос гузоштанд. Пойтахташ шаҳри Янгикент буд.**

Ин ду давлати туркӣ на танҳо ба Мовароуннаҳр, балки ба ҳаёти сиёсии аҳолии тамоми Шарқи Миёна ва Осиёи Пеш таъсири пурзӯр расонд. Аҳолиашон ба таърихи этникии халқҳои маскуни ин ҳудуд таъсир расонд. Масалан, *қарлуқҳо* дар этногенези ӯзбекҳову тоҷикҳо ва *ӯғузҳо* дар этногенези туркман, озорбойҷон, қароқалпоқ ва туркҳо мавқеи муҳим бозидаанд.

## Давлати Тоҳириён

Вазъияти душвори сиёсии охири **асри VIII ва ибтидои садаи IX**, ки хилофатро ба ларза оварда буд, Аббосиёнро водор сохт, ки сиёсати худро дар Мовароуннаҳр ва Хуросон тағйир диҳанд. Зодагони маҳаллӣ ба зери тасарруфи худ тадриҷан на танҳо Мовароуннаҳр ва Хуросонро даровcovered, балки дар идоракунии ҳокимияти марказии хилофат бозидани нақши муҳимро низ ба даст оварданд. Ба ин, хусусан, пас аз вафоти халифа **Ҳорун ар-Рашид (786—809)** мубориза байниҳамдигарии барои тахт бурдаи писарони ӯ **Маъмун** ва **Амин солҳои 809—813** роҳи васеъ кушод.

Арабҳои хилофати қисми марказӣ Аминро ба тахти хилофат мешинонанд. **Маъмун**, ки аз чунин ҳол норизо буд, бар зидди додари худ мубориза мебарад. Ба ӯ мулкдорони Мовароуннаҳр ва Хуросон таҳти сарварии яке аз зодагони вилояти Ҳирот **Тоҳир ибни Ҳусайн** дасти кӯмак мерасонанд. **Соли 813** онҳо ба Бағдод юриш сар мекунанд. Пойтахт тасарруф гардида Маъмун ба тахт менишинад. Бар ивази он **соли 821** Тоҳир ноиби *Хуросон* ва *Мовароуннаҳр* таъин мегардад. Ҳамчунин **Маъмун** кӯмаки зодагони Мовароуннаҳрро низ фаромӯш намекунад. Набераҳои *Сомонхудотро* ба баъзе шаҳру вилоятҳо ноиб таъин менамояд. Ба **Нӯҳ** *Самарқанд*, ба **Аҳмад** *Фарғона*, ба **Яҳё** *Шош* ва *Уструшона* ва ба **Илёс** бошад, *Ҳирот* мерасад. Бар ивази ин, бародарон Сомониён аз хироҷи ҳарсолаи Мовароуннаҳр маблағи хеле калонро ба воситаи Тоҳириён ба хазинаи халифа мефиристоданд.



**Соли 822** ба мақсади мустақилона идора кардани корҳои давлат **Тоҳир** номи халифаро аз хутба мебарорад. Ин амалан маънои бо Бағдод кандани робита ва эълон намудани истиқлолияти худро дошт. Вале дере нагузашта ӯ ногаҳон вафот мекунад. Писарони **Тоҳир Талха** ва **Абулаббос Абдуллоҳ** ба ҷои падари худ паи ҳам бо навбат ноибӣ мекунанд. Ҳамин тавр, идоракунии Мовароуннаҳр ва Хуросон ба хонадони Тоҳириён мерос мегардад. Дар давраи ноибии ***Абулаббос Абдуллоҳ*** **(830—844)** пойтахт аз *Марв* ба *Нишопур* кӯчонда мешавад.

Ноибони маҳаллии авлодони Сомонхудот, ки дар якчанд шаҳрҳои Мовароуннаҳр ноибӣ мекарданд, аз тарафи Тоҳириён эътироф карда мешавад. Сомониён бошанд, дар навбати худ Мовароуннаҳрро ба сифати тобеиёни Тоҳириён идора менамоянд. Ин бешубҳа, дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба охир расидани ҳукмронии беш аз якасраи Хилофати арабро ифода месохт.

### Барҳам хӯрдани ҳокимияти Тоҳириён

Дар замони Тоҳириён ҳам аҳволи аҳли меҳнаткашон хеле душвор буд. Аз ҷабру зулми деҳқонони мулкдор ва андозҳои вазнини давлат безор шуда, халқ шӯриш мебардорад. Ба онҳо ***«ғозиён»*** ҳам ҳамроҳ мешаванд. Ба шӯриш бародарон Саффориён – **Яъқуб** ва **Амр ибни Лайс** сарварӣ мекунанд. **Соли 873** ғозиён пойтахти Хуросон шаҳри **Нишопурро** ишғол менамоянд. Дар натиҷа ҳукмронии Тоҳириён ба охир расида, ҳокимият ба дасти ***Саффориён*** мегузарад.



*** Тоҳириён – сулолаи ҳукмдори Давлати Тоҳириён дар Хуросон. (821–873) Расман тобеи Аббосиён буд. Ба сулола Тоҳир ибни Ҳусайн соли 821 асос гузоштааст.**
*** Саффориён – сулолаи ҳукмдори давлати Саффориён. Номи Саффориён аз номи асосгузори он Яъқуб ибни Лайс ас-Саффор гирифта шудааст. Ҳукмдорони бузурги Саффориён – Яъқуб ибни Лайс (873–879); Амр ибни Лайс (879–900).**
*** Хутба – дар намози ҷумъа номи ҳукмдорро ба забон гирифта дар ҳаққаш дуо кардан, ситоиш намудан.**
*** Ғозӣ – ҷанговари мубориз барои кори дини ҳақ.**



1. Давлати Қарлуқҳо дар кадом ҳудуд ташкил ёфтааст?
2. Дар бораи Ӯғузҳо ҳикоя кунед.
3. Давлати Тоҳириён чӣ хел ба вуҷуд омад?



4. Дар Хуросон ҳокимиятро ба даст гирифтани Саффориён чӣ тавр содир гардид?
5. Карлукҳо бо давлатҳои ҳамсоя бо воситаи кадом маҳсулот савдоро ба роҳ монда буданд?

**Кори мустақилона.**

Аз матни китоби дарсӣ истифода бурда,ҷадвалро пур кунед.

| Номи давлатҳо | Давраи ташкилёбӣ | Ҳудуд | Пойтахт |
|---|---|---|---|
| **Давлати Қарлуқҳо** | | | |
| **Давлати Ўғузҳо** | | | |
| **Давлати Тоҳириён** | | | |

## § 14. СОМОНИЁН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳукмронии Сомониён. Низоми идораи давлат. Корҳои мудофиа. Девонҳо.***

**Ҳукмронии Сомониён**

Дар **асри IX** дар ҳаёти сиёсии Мовароуннаҳр ҳам тағйирот рўй медиҳад. Ба кишвар аввал **Нўҳ** ва баъд **Аҳмад** сарварӣ менамоянд. Ҳар яке дар давраи ҳукмронии худ аз номи хеш тангаҳои миссин сикка мезананд. Пас аз фавти **Аҳмад (865)** писари вай **Наср Самарқандро** марказ интихоб мекунад. Ў чораҳои муттаҳид намудан ва аз Хуросон ҷудо намудани тамоми вилоятҳои Мовароуннаҳрро меандешад.

**Дар чоряки охири садаи IX** тамоми вилоятҳои Мовароуннаҳр ба зери тасарруфи *Сомониён* медарояд. **Наср** ба ҳукмдори тамоми Мовароуннаҳр табдил меёбад. Ў дирҳами нуқрагинҳо ба муомила мебарорад.

Дере нагузашта байни додарон Исмоил ва Наср барои тоҷу тахт мубориза оғоз меёбад. Дар он Исмоил ғолиб омада, **соли 888** ў тамоми Мовароуннаҳрро зери дасти худ муттаҳид мегардонад.

**Исмоили Сомонӣ** арбоби давлатии қобилиятнок, серғайрат ва ниҳоят заковатманди асрҳои миёна буд. Ў Мовароуннаҳрро муттаҳид сохта, ба бунёди давлати мустаҳкам шурўъ кард. Ба ҳудудҳои шимолӣ-шарқӣ юриш намуд. **Соли 893** шаҳри Таррозро ишғол намуда, ба саҳронишинон зарбаи ҳалокатовар зад.





**Бухоро. Мақбараи Исмоили Сомонӣ.**

Соҳиби истиқлол шудани аҳолии Мовароуннаҳр, бешубҳа, ба Хилофати араб маъқул набуд. Хилофати арабро маҳрум шудан аз боигариҳои калони мунтазам аз вилоятҳои шарқӣ аз як тараф ранҷонида бошад, аз ҷониби дигар ба ҳарос ҳам андохт. Аз ин рӯ, хилофат кӯшиш кард, то ки байни Саффориён ва Сомониён низоъ андохта, ҳарду давлатро заиф гардонад ва дар вилоятҳои мазкур ба дараҷаи муайян таъсири худро барқарор созад. **Халифа Мӯътазид (892—902)** дар бораи ҳукмдори Хуросон ва Мовароуннаҳр таъин кардани намояндаи *Саффориён* **Амр ибни Лайс** фармон баровард ва ӯро ба **Исмоил** муқобил гузошт. Оқибат, соли 900 байни онҳо ҷанг оғоз меёбад. Ҷанг бо ғалабаи Исмоил анҷом меёбад Тамоми Хуросон ба дасти Сомониён мегузарад. Аз ноилоҷӣ халифа маҷбур мешавад ба ӯ ваколатномаи ҳукмрониро бифиристад.

*** Давлати Сомониён (865−999) − давлати асримиёнагӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон. Ташкилёбии Давлати Сомониён ба вожгуни Хилофати араб, ҳамчунин ба сари қудрат омадани Сомониёне вобаста аст, ки Мовароуннаҳру Хуросонро забт кардаанд. Ҳангоми равнақёбӣ Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони Шимолӣ ва Шарқиро ба дохили худ гирифтааст.**

**Исмоили Сомонӣ**

**Исмоили Сомонӣ** тамоми Мовароуннаҳрру Хуросонро дар зери дасти худ ҳамчун як давлати пурзӯр муттаҳид намуд. Шаҳри **Бухоро** ба пойтахти ин ду кишвар тадбил ёфт. Сомониён дар идораи мамлакат, сараввал, маъмурияти мӯъҷази давлатиро ташкил медиҳанд, ки он аз **даргоҳи амир** ва **девонҳо (вазоратҳо)** иборат буд.

Дар **даргоҳ** *ҳарам ва қароргоҳи амир, ҳамчунин ҷои истиқомати аъёнҳои сарой, навкарон ва хизматкорон ҷой* дошт. Бинобар таъкиди Наршахӣ, давлати Сомониён асосан ба воситаи раёсати **даҳ девон**, аз қабили *вазир, муставфӣ, амидул мулк, соҳиби шӯҳрат* идора карда, дар байни онҳо *девони* вазир сарраёсат ҳисоб мешуд. Дар давраи **Насри II (914—943)** дар майдони *Регистони* Бухоро, дар рӯ ба рӯи қасри подшоҳ барои девонҳо сарой сохта ва идораи давлатӣ дар ҳамин бинои махсус ҷойгир шуд. Хизматчиёни идора забонҳои арабӣ, форсиро пурра аз худ мекарданду аз байни асилзодагони босаводи донандагони хуби Қуръон ва қоидаҳои асосии шариат ва бохабар аз илмҳои гуногун интихобан гирифта мешуданд.
Дар равнақи Мовароуннаҳр саҳми рӯҳониёни дини ислом беандоза буд. Аз ин рӯ, обрӯи онҳо пайваста афзуда, пойтахти **Бухоро** ба яке аз бонуфузтарин марказҳои дини исломи Шарқ табдил ёфт. Дар шаҳрҳо бисёр ибодатхонаҳо, аз ҷумла *масҷиди ҷомеъ, хонақо (ғарибхона)* ва *намозгоҳҳо* бунёд гардиданд. Маҳз дар ҳамин давра яке аз **мадрасаҳо** — аввалин илмгоҳи Шарқи мусалмон дар шаҳри Бухоро қад афрохт. Ин мадрасаи қадимаи Бухоро **дар садаи X** дар наздикии *маҳаллаи кафшдӯзони* шаҳр бино гардидааст. Он **мадрасаи Фарҷак** номида шудааст.



*** Мадрасаи аввалини олами исломе, ки дар садаи X дар Бухоро қад кашидааст, мадрасаи Фарҷак мебошад.**

Ба ҳаёти маънавии мамлакат ҳамон давр пешвоёни илму дин, ки **«устод»** ном гирифта буданд, раҳнамоӣ мекарданд. Баъдан раҳнамои пешвоёни дин ва уламои ислом ба номи **«шайхулислом»** шарафманд гардиданд. Пас аз устод **хатибҳо** меистоданд.

Сомониён барои сохтани масҷид, мадраса ва хонақоҳҳо ҷойҳои махсус ва барои сарфу хароҷоти онҳо мулкҳои калонро ҷудо карда медоданд. Равнақи дини ислом бешак, барои мустақил шудани аҳолии муттаҳидгаштаи Осиёи Миёна аҳамияти муҳим касб намуд.

**Корҳои мудофиавӣ**

**Исмоили Сомонӣ** қӯшуни хуб мусаллаҳгардида ва қисми *сарбозони мунтазамамалкунандаи махсуси саройро* ташкил медиҳад. Сарбозони хуб ва тӯлонӣ хизматкарда ба



вазифаи *«ҳоҷиб»* бардошта мешуданд. Сардори ҳоҷибҳо *«ҳоҷибул ҳуҷҷоб»* ё *«ҳоҷибул бузрук»* номида мешуданд. Ин унвон дар сарои Сомониён унвони олӣ ба ҳисоб мерафт.

*** Амидулмулк — вазири ҳуҷҷатҳои давлат ва робитаҳои сафоратӣ.**
*** Вазир — сарвари девонхона, сарвазир.**
*** Муставфӣ — вазири молия.**
*** Соҳиби шӯҳрат — вазири корҳои ҳарбӣ.**
*** Уламо — олимони дин.**
*** Ҳоҷиб — унвони ҳарбӣ.**
*** Хонакоҳ – ғарибхона, мусофирхона.**

1. Давлати Сомониён чӣ тавр аз Хилофати араб мустақил шуд?
2. Дар бораи Исмоили Сомонӣ нақл кунед.
3. Барои чӣ мустақилии Мовароуннаҳр ба Хилофати араб маъқул набуд?
4. Барои чӣ байни Саффориён ва Сомониён низоъ пайдо гардид?
5. Низоми идораи Сомониён чӣ гуна буд?
6. Сомониён ба дини ислом чӣ гуна эътибор додаанд?
7. Корҳои мудофиавӣ дар давлати Сомониён чӣ тавр ба роҳ монда шуда буд?

## § 15. ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ДАВРАИ СОМОНИЁН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳаёти иқтисодӣ. Савдои дохила ва беруна. Муомилоти пул.***

**Хоҷагии деҳот**

**Дар асрҳои IX—X** қисми асосии аҳолии **Мовароуннаҳр** ва **Хоразм** *ба зироаткории обёришаванда* машғул буд. Дар воҳаҳои ҳосилхез, ки ба воситаи шабакаҳои обёрӣ сабзу хуррам гардида буданд, *ғаллакорӣ, шоликорӣ, пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, полизкорӣ ва боғдорӣ* ба дараҷаи баланд инкишоф ёфт. Пахтакорӣ дар воҳа мавқеи калон дошт.

**Боғдорӣ ва чорводорӣ**

Маданияти боғдорӣ васеъ равнақ ёфта буд. Дар Мовароуннаҳр ва Хоразм киштзори сабзавот ва полиз доманадор буда, харбузаҳо хеле сершира мешуданд.

Андози деҳқонӣ, яъне *хироҷе*, ки аз даромад ба хазина пардохта мешавад, қисми зиёди даромад-масрафи давлатиро мепӯшонд. Барои ҳамин Сомониён ба ривоҷи хоҷагии деҳқонии мамлакат эътибори ҷиддӣ медоданд.

**Асрҳои IX—X дар Мовароуннаҳр** ва **Хуросон** чорводорӣ ба дараҷаи баланд рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар чарогоҳҳои даштӣ ва наздикӯҳии мамлакат рамаҳои *гӯсфанду буз, асп ва шутурҳоро* парвариш мекарданд. Дар деҳот, алалхусус, *ҳайвоноти калони шохдор* беҳисоб буд. Соҳаи чорводорӣ танҳо ба таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти чорво маҳдуд нагашта, балки ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ асп ва дигар воситаҳои нақлиётро расонда медод. Таъмини қӯшунҳои ҳарбӣ, хусусан, қисмҳои савора бо аспҳо аҳамияти муҳим дошт.

## Ҳунармандӣ

Дар шаҳрҳои **Мовароуннаҳр** ва **Хоразм** касбу ҳунарҳо, аз қабили *дӯзандагӣ, кулолгарӣ, дегрезӣ, челонгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, шишасозӣ* ва *дуредгарӣ* хеле инктшоф ёфт. Оқибат, қиёфаи умумии шаҳрҳо куллан тағйир меёбад. Дар онҳо иморатҳои калон, устохонаҳо, масҷид, мадраса, мақбара, намозгоҳ, хонақо ва корвонсаройҳо қад афрохтанд. Акнун шаҳрҳо ба маркази калони ҳунармандӣ мубаддал мегарданд.

Дар арк, ки дар ҷои теппагии шаҳр ҷойгир буд, чун анъана қароргоҳи подшоҳ — ***даргоҳ, хазина, зарбхонаи тангаву пул*** ва ***ҳабсхона*** амал мекард. Дар маркази он *майдони Регистон, девонҳо, сарои маҳкама*, ҳамчунин *қасрҳои боҳашамати* амирзодаҳо, аъёнҳои сарой, рӯҳониён, деҳқонзодаҳои амволдор ва савдогарони сарватманд, *устохонаҳои яроқу аслиҳа, дӯконҳои ҳунармандӣ* ва *растаҳои савдо* ҷойгир буданд.

Дар **Самарқанд** коғази навъи олиро истеҳсол карданд. **Шош** бо *маҳсулоти даббоғӣ* ва *ашёҳои чармини* худ, **Элоқ** бошад, бо конҳои *нуқра* ва *қӯрғошим*, инчунин *зарбхонаи тангаҳои нуқрагини худ* машҳур буданд. Дар **Хоразм** *қаиқсозӣ* тараққӣ меёбад. Қаиқҳои сохти Хоразм ва Тирмиз аз Амударё то баҳри Арал муттасил мол кашонда, кори савдогаронро сабук ва дури онҳоро наздик мекард. Он замон дар қатори шаҳрҳо деҳот низ дар ҳаёти иқтисодии мамлакат нақши муҳим мебозид. Бӯзи маллакасбранге, ки дар **деҳаи Занданаи** Бухоро бофта мешуд, бо номи **«занданича»** ва газвори дар **деҳаи Вадори** Самарқанд тайёркардашуда бо номи **«вадорӣ»** дар Шарқ машҳур гашта буданд.



**Ҳосилкунии маъдан**

Истихроҷи маъдан, ки дар минтақаҳои кӯҳсори Мовароуннаҳр аз қадим давом дошт, дар **асрҳои IX—X** хеле инкишоф меёбад. Дар кӯҳҳои Зарафшон ва **водии Фарғона** *оҳан, мис, қӯрғошим, тилло, нуқра, фирӯза* ва *навшодир* истихроҷ мекарданд. Ҳамон вақт ҳатто дар Фарғона *ангиштсанг* ва *нафтро* ёфта, истифода мекарданд. Дар назди конҳои маъдан деҳаҳои оҳангарон ва маъдангудозон ҷойгир шуда буданд. Вилояти **Элоқ** яке аз марказҳои калони истихроҷи *нуқра* ва *қӯрғошим* буд.

**Савдои дохила ва хориҷа**

Дар **асрҳои IX—X** савдои дохила ва хориҷа инкишоф ёфт. Қад-қади роҳҳои қадимаи корвон чоҳҳо канда, дар ҳар истгоҳ *работҳо* бино гаштанд. Дар шаҳру деҳоти корвонгузар *корвонсаройҳо* сохта мешуданд.

Тавассути роҳи Шимолӣ аз шаҳру деҳоти Мовароуннаҳр ба Сибири Ҷанубӣ ва Муғулистон молҳои зиёд, аз қабили бӯз, сару либос, зин, қилич рангубор, зарфҳо, асбоби рӯзғор, ашёҳои заргарӣ, дорувор, хушкмева, кунҷит, равғани зағир ва ғайра бурда мешуд. Аз Сибир мӯинаи гуногуни қиматбаҳо, аз маҳалли кӯчманчиён бошад, асосан чорво ва маҳсулоти чорво оварда мешуданд. Мувофиқи зикри олимон, дар садаҳои VII—IX ҳангоми савдо бо Чин *чой, абрешим, намак* ва *асп* мақоми асосиро ишғол намудааст. Ҳар як асп дар бозори Чин бо абрешими тӯбаш дорои 50 банди 12,8 метра иваз (бартер) гардидааст. Агар бо чой ҳисоб кунем, як асп ба 56 килограмм чои навъи аъло иваз гардидааст. Якчанд «ҷин» (600 г) ба як сар гӯсфанд иваз шудааст.



**Тангаи Абдулмалик бинни Нӯҳи Сомонӣ. Самарқанд солҳои 961-962.**

**Дар садаҳои VII—VIII** чой ба маҳсулоти асосии содирот табдил ёфта буд. Чои хушбӯи номашон *«ча»* ва *«минг»* ва селексияи он дар Чин тавассути Туркистони Шарқӣ ба диёри Туркистон роҳ пеш гирифта, сипас ба дигар кишварҳо паҳн гардидааст, ба нӯшокии ташнагишикани дар ҳаёти рӯзмарраи аҳолӣ истифодашаванда табдил ёфтааст.

Ба Итил, Хазар ва Булғор аз Мовароуннаҳру Хоразм биринҷ, меваи хушк, шириниҳо, моҳии намакзада, пахта,

шоҳивор, мовут, кимхоб ва қолинҳоро бурда фурӯхтаанд. Аз Булғору Хазар мӯинаҳои гаронбаҳо, шамъҳо, каллапӯшҳоро овардаанд.

### Пул

Дар бозорҳои дохилӣ тангаи мисин бо номи *«фалс»* ва дар савдои байналхалқӣ бошад, тангаҳои нуқрагин — *дирҳам* истифода мешуданд. Тангаҳои мисинро ҳукумати марказӣ ва ҳам баъзе ҳокимони вилояти маҳаллии мансуб ба аъзоёни сулола низ мебароварданд. Тангаҳои нуқрагин танҳо аз номи сарвари ҳукумат дар сиккахонаҳои давлатии **Марв, Самарқанд, Бухоро** ва **Шош** сикка зада мешуданд. Сомониён якчанд дирҳамҳои нуқрагинро бо номҳои *«исмоилӣ», «муҳаммадӣ»* баровარда будаанд. Аз онҳо *исмоилӣ* тангаи аз нуқраи соф зарбшуда буда, асосан дар савдои байналхалқӣ истифода мешуд.



1. Дар давраи Сомониён кадом соҳаҳои хоҷагии деҳот инкишоф ёфт?
2. Кадом намудҳои ҳунармандӣ ривоҷ ёфта буданд?
3. Дар бораи воҳидҳои пулии Сомониён чиро медонед?
4. Кадом маъданҳо канда гирифта мешуданд?
5. Дар бораи савдои дохила ва хориҷа чиро медонед?
6. Дар Туркистон аз кай саркарда ба истеъмоли чой шурӯъ кардаанд?

## § 16. МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ ДАР АСРҲОИ IX—X. ТАНАЗЗУЛИ СУЛОЛАИ СОМОНИЁН. ДАВЛАТИ ҒАЗНАВИЁН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Мулки султонӣ. Заминҳои мулк. Мулки хос. Таназзули ҳокимияти Сомониён.***

**Шаклҳои заминдорӣ**

Дар давраи ҳукмронии Сомониён панҷ намуди заминдорӣ бо номҳои «**мулки султонӣ**», «**заминҳои мулкӣ**», «**заминҳои вақф**», «**мулки хос**» ва «**заминҳои ҷамоа**» амал мекард.

Заминҳое, ки дар ихтиёри рӯҳониёни олимартаба ва саййидҳо буданд, ***«мулки хос»*** номида мешуданд. Мулкдороне, ки ба ин гуна заминҳо соҳиб буданд, ба давлат ба ҳисоби даҳяки ҳосил танҳо андози ***«ушр»*** медоданд. Заминҳое, ки ба намояндагони табақаи олии сулолаи ҳукмрон ба ивази хизматашон дар назди давлат ҳадя карда мешуданд, *«мулки иқто»* ном доштанд.

**Мулки иқто**

**Дар асри X** ба мансабдорони калон бар ивази хизматашон дар назди давлат мулкҳои калони иборат аз замин ва об тӯҳфа карда мешуданд. Ин гуна мулк *«иқто»* ва мулкдорони-соҳибони он *«муқто»* ё худ *«иқтодор»* ном бурда мешуданд. Ба сифати иқтоъ баъзе вилоят, воҳа ё шаҳру ноҳияҳо ҳадя мегардиданд. Иқто сараввал ба зодагони табақаҳои олӣ, яъне аъзоёни сулола — амирзодаҳо ва мансабдорони калон ҳадя карда мешуд. Мулкҳои иқто аввалҳо якумра набуда, балки ба муддати муайян дода мешуд ва аз насл ба насл намегузашт. Иқтодорон ҳуқуқ доштанд, ки аз аҳолии ҳудуди худ қисми муайяни андозро ғун кунанд.

Ғайр аз ин дар тасарруфи ҷамоаҳои деҳотӣ ҳам бо ҳаҷми муайян майдонҳои замин боқӣ мемонд, ки он заминҳои ҷамоа ба ҳисоб мерафт. Ин гуна заминҳо асосан иборат аз заминҳои лалмӣ ва наздикӯҳӣ буданд.

**Барзикорон ва барзгарон**

**Дар асрҳои IX—X** бошад, заминдорони калон аз **истифодаи кадиварҳо** дида, ба аъзоёни камзамини хоҷагии деҳот ба иҷора додани заминҳои худро афзалтар медонанд. Ҳамон замон иҷоракорон ***«барзикор»*** ё ***«шарик»*** номида мешуданд. Гирифтани ҳисса аз заминҳои барзикорӣ

ё шарикӣ киштшуда гуногун буд. Агар барзикор бо ҷуфт ё тухмии худ деҳқонӣ намояд, ҳиссаи ӯ ба миқдори сеяк, чаҳоряк ё панҷяки ҳосил муайян карда мешуд. Барзикоре, ки ҳеҷ чиз надошту ҳамаи онро аз ҳисоби соҳиби замин истифода менамуд, миқдори даҳяк ё аз дувоздаҳ як ҳиссаи ҳосилро мегирифт. Андози давлат (хироҷ ва ушр) ҳам аз соҳиби замин ва ҳам аз барзикор дар алоҳидагӣ ситонда мешуд.

**Таназзули давлати Сомониён**

Юришҳои ҳарбии Сомониён, низоъҳои дохилаи сулолаи ҳукмрон, ҳаракатҳои худсаронаи ҳокимони маҳаллӣ торафт авҷ мегирифт. Бар асари чунин вазъияти гарони сиёсӣ дар мамлакат бӯҳрони иқтисодӣ содир гардид. Ҳатто барои ҳарбиён, аз ҷумла барои қӯшуни туркии амир муддати дароз имконияти додани маблағи музд имконнопазир мешуд. Барои халосӣ аз чунин аҳволи вазнин **соли 942** аз аҳолӣ ду маротиба андоз ситониданд. Ин гуна бетартибӣ, бешубҳа, вазъияти мамлакатро боз тезутунд намуда, сабаби хурӯҷи табақаҳои гуногуни аҳолӣ бар зидди ҳокимият мегардад.

Вазъияти сиёсӣ хусусан, дар давраи ҳукмронии **Нӯҳ (943—954)** ва набераи ӯ **Нӯҳи II (976—997)** хеле тезутунд гар-

**МОВАРОУННАҲР (Асрҳои X—XII)**



дид. Соли 947 амаки Нӯҳ ибни Наср — **Иброҳим** исён мебардорад. Ӯ бо кӯмаки сарбозони сарой ва **Абӯалӣ Чағонӣ** — яке аз заминдорони калони Чағониён тахти Бухороро соҳибӣ мекунанд.

Дере нагузашта таҳти сарпарастии Абӯалӣ Чағонӣ бар зидди ҳукмдор исён бардошта мешавад. **Нӯҳ** шӯришро ба зӯрӣ пахш карда наметавонад. Бинобар ин маҷбур мешавад **соли 952** Абӯалӣ Чағониро аввал ба Чағониён, сипас ба Хуросон ҳоким таъин кунад. Соли 961 ғалаёни аскарони ҳарбии Бухоро ба вуқӯъ мепайвандад. Исёнгарон сарои амирро тороҷ намуда, онро оташ мезананд. Пайваста такрор ёфтани чунин воқеаҳо, бешубҳа, аз суст гардидани пояи ҳокимияти марказӣ далолат медод.

## Давлати Ғазнавиён

Дар мамлакат ҳангоми рӯй додани воқеаҳои муҳим дар қӯшуни сарой нуфузи сиёсии ҳоҷибони турки давлати Сомониён ниҳоят пурқувват буд. Чунки тамоми корҳои ҳарбӣ ва мудофиавӣ дар дастони онҳо қарор дошт. Амирони сомонӣ ба ивази хизматашон саркардаҳои туркиро, ки аксарияташон сарлашкарони иқтидорнок буданд, ба мансабҳои олии ҳарбӣ, аз қабили **Ҳоҷибул ҳоҷиб** ё ки **ҳоҷибул бузрук** таъин карда, ҳатто идоракунии баъзе вилоятҳоро ба зиммаи онҳо гузоштанд. **Солҳои 962—963** вилояти Ғазнаро ба сифати **Алптегин** ноиб ва амири лашкар идора намудааст. Вай вилоятҳои Ғазна ва Кобулро барои мустақил идора кардан кӯшида, ба давлати Ғазнавиён асос гузоштааст. Пойтахти давлати мазкури ҷавони туркӣ дар шаҳри Ғазна қарор гирифтааст. Нуфузи сиёсии Ғазнавиён дар давраи **Сабуктегин (солҳои 977—997)** афзуда, аз тарафи Сомониён эътироф гардидааст. Дар давраи **Маҳмуд Ғазнавӣ** (997—1030) ҳудуди он васеъ гардида, ба яке аз давлатҳои аз ҳама муқтадири Шарқ табдил ёфтааст. Сарҳади давлатӣ дар ғарб то шаҳрҳои Рай ва Исфаҳон, баҳри Каспӣ, шимолу ғарб то Хоразму баҳри Арал тӯл кашидааст. Аз шимол бошад, қисми зиёди Ҳиндустонро дар бар гирифта ва то Балуҷистони Ҷанубӣ рафта расида буд. Баъди он ки сулолаи Сомониён барҳам хӯрд, **Маҳмуди Ғазнавӣ** ҳудуди онро дар Хуросон васеъ карда сипас давлати Хоразмро (соли 1017) ба салтанати худ ҳамроҳ намуд. Баробари ин дар давраи **Масъуди Ғазнавӣ (солҳои 1030—1041)** вилоятҳои мамлакат паси ҳам аз даст рафта, ба таназзул рӯ оварданд. Оқибат **соли 1186** тамоман барҳам хӯрдааст.

### Низоми идораи давлати Ғазнавиён

Сохтори давлати Ғазнавиён ва низоми идоракунӣ дар асоси давлатдории туркии аз азал рушдёбанда ташкил ёфта бошад ҳам, аммо дорои хусусияти ба худ хоси идоракунӣ буд. Дар сохтори вазирӣ тадбирҳои ҳарбӣ, сафоратхона ва расмӣ, девонҳои молия ва хабару почта фаъолият нишон додаанд. Ҳукмдори вилоят ***волӣ,*** ҳокими шаҳр ***раис*** номбар гардидааст. Корҳои идоракуниро дар вилоят ***амид***, дар шаҳрҳо бошад, ***кутвол*** амалӣ гардондаанд. Давлат соҳиби қўшуни пурқуввате буд. Сарфармондеҳ — ***сипоҳсолор***, сарлашкар — ***солор***, қисмҳои ҳарбӣ бошад, ***сарханд*** номида шудаанд. Дар қўшун киштиҳои ҳарбӣ (флоти дарёвӣ ва баҳрӣ) мавҷуд буд.

### Илму фан ва маданият

Илму фан ва маданият, алалхусус адабиёт дар давлати Ғазнавиён тараққӣ кардааст. Маҳмуд Ғазнавӣ баробари забони модариаш-туркӣ забонҳои форсӣ, арабӣ ва паҳлавиро ҳам мукаммал медонист, шеърҳо иншо кардааст. Дар сарои пойтахт беш аз 400 нафар олим, шоир ва санъаткорон бо эҷод машғул шудаанд. ***Абурайҳон Берунӣ, Носири Хусрав, Гардизӣ*** ва ***Байҳақӣ*** барин мутафаккирони бузург дар Ғазна ҳаёт ба сар бурдаанд. Берунӣ асари худ ***«Қонуни Масъудӣ»***, Байҳақӣ ***«Таърихи Масъудӣ»***-ро ба султон Масъуд бахшидаанд. **Абулқосим Фирдавсӣ** достони машҳури худ *«Шоҳнома»*-ро ба Маҳмуди Ғазнавӣ тақдим кардааст. Дар давлати Ғазнавиён ба сохтмон ва меъморӣ ҳам диққату эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Дар шаҳрҳои Ғазна, Балх, Нишопур, Лоҳур ва дигар шаҳрҳо ба миқдори зиёд мадрасаву масҷид, хонақоҳ ва саройҳо сохта шудаанд. Китобхонаҳо фаъолият нишон додаанд. Боғу бўстонҳо барпо карда, алалхусус пойтахт-шаҳри Ғазна гул-гулшукуфтааст.



1. Кадом намудҳои заминдориро медонед?
2. Барзикорон ва барзгарон киҳо буданд?
3. Дар бораи аҳволи иҷтимоии зироаткорон ҳикоя кунед.
4. Сабабҳои инқирози ҳокимияти Сомониёнро номбар кунед.
5. Аз хусуси давлати Ғазнавиён чиро дониста гирифтед?
6. Дар шаҳри Ғазна аз ҷумлаи олимон киҳо эҷод кардаанд?



## § 17. ДАВЛАТИ ҚАРОХОНИЁН ВА МОВАРОУННАҲР

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Давлати Қарохониён. Забти Мовароуннаҳр. Тақсимшавии давлати Қарохониён. Идоракунии давлат. Ҳуҷуми Қарохитоиён.***

Донишомӯзи гиромӣ! Шумоён давлати Қарлуқҳоро ба хотир оваред, ки **дар миёнаи садаи VIII** дар сарзамини Еттисув ташкил ёфтааст. Дар миёнаҳои садаи IX Қарлуқҳо бо қабилаи *яғмо*, ки дар соҳили ҷанубии Иссиққӯл ва Қошғар мезистанд, *чигил*, ки худашон дар шимолу шарқ истиқомат мекарданд, бо қабилаи *уғуз*, ки дар шарқ қарор доштанд ва дигар қабилаҳо дар иттифоқи ягона муттаҳид гардиданд. Дар ин ҳудуди калон сараввал давлате ташкил ёфт, ки ***«кишвари «Ҳоқония»*** ном дошт. Ҳукмдорони давлати мазкур ба ҷои унвони **«ҷабғу»** худро ***«қорахон»*** яъне ***«Хони бузург»*** номиданд. **Дар садаҳои XI—XII «Ҳоқония»** ривоҷ ёфта, пурқудрат гардид ва номи давлати ***«Қарлуқ-Қарохонҳо»***-ро гирифтааст. Азбаски давлати бузурги мазкур дар пояи иттифоқи як қатор қабилаҳо ташкил ёфт, ҳукмдорони онҳо бо унвонҳои ***«арслонхон», «буғрохон»*** ва ***«тавғочхон»*** ба забон гирифта шудаанд. Се истилоҳи мазкур маънои ҳукмдори аълодараҷаро фаҳмондааст. Бузургӣ ва ё шаҳомат бошад, дар халқҳои қадимаи турк бо калимаи ***«қора»*** сифат гардидааст. Аз ҳамин сабаб **арслонхон**, ё ки **буғрохон** ва тавғочхонҳо дар унвон баробар **«қорахон»** ба ҳисоб рафтаанд. Давлате, ки онҳо идора намудаанд, баъдтар дар таърих ба таври рамзӣ бо номи **«Давлати Қарохониён»** шӯҳрат пайдо кардааст.

**Ҳуҷуми Қарохониён ба Мовароуннаҳр**

**Соли 992 Ҳорун Буғрохон** ба Мовароуннаҳр ҳуҷум мекунад. Дар ин давр, сулолаи Сомониён ба гирдоби зиддиятҳои сахти дохила гирифтор шуда буданд.

Қарохониён Бухороро бе ягон муқовимат ишғол мекунанд. Барои мубориза зидди Қарохониён Нӯҳ ибни Мансур ноиби худ дар Ғазна — **Сабуктегинро** ба кӯмак даъват мекунад. Ӯ бо қӯшуни бистҳазорнафара ба Мовароуннаҳр меояд. Бо Нӯҳ муттаҳид шуда, баъди якчанд ҷангҳо қӯшунҳои ноиби Қарохониёнро торумор месозад. Бар ивази он, **Нӯҳ Сабуктегинро** ноиби Хуросон таъин мекунад. Оқибат, дар Ғазна ва Хуросон ҳукмрони сиёсии **Сабуктегин** ва писари вай **Маҳмуд** мустаҳкам гардида, давлати Ғазнавиён ташкил меёбад.

**Соли 996** Қарохониён боз ба самти Мовароуннаҳр ҳуҷум сар мекунанд. Дар чунин шароити вазнин хиёнат рух медиҳад. Яъне Сабуктегин Бухороро ишғол менамояд. Сипас бо Қарохониён музокира пеш мебарад. Оқибат, байни онҳо шартнома баста шуда, мувофиқи он ҳавзаи Сирдарё ба зери итоати Қарохониён мегузарад. Сабуктегин бошад, ба заминҳои ҷануби Амударё, аз ҷумла ба Хуросон ҳукмрон мешавад. Ба Сомониён танҳо қисми марказии Мовароуннаҳрро медиҳанд. Лекин, дере нагузашта, **соли 999** баробари забт карда шудани Бухоро аз тарафи қарохониён таҳти сарварии **Наср Элоқхон** ҳукмронии Сомониён барҳам мехӯрад.

### Тақсим шудани давлати Қарохониён

Қарохониён акнун барои ба давлати худ ҳамроҳ намудани Хуросон ҳаракат мекунанд. Вақти зиёде нагузашта, байни Қарохониён ва Ғазнавиён ҷангҳои бошиддат оғоз меёбанд. **Солҳои 1006—1008** Қарохониён ба Хуросон ду маротиба лашкар мекашанд. Вале **Маҳмуд Ғазнавӣ** ба Қарохониён зарба зада, барои нигоҳ доштани Хуросон таҳти тасарруфи худ муваффақ мегардад.

Ҳамон давра **Салҷуқиён** ба **Ғазнавиён** хавф ба бор меоранд. Бо Салҷуқиён мубориза ҷиддӣ оғоз меёбад. Аз ин вазъият истифода намуда, ҳукмрони маҳаллии Қарохониён унвони *«буғрохон»*-ро мегирад.

**Иброҳим Бӯритегин соли 1038** вилоятҳои соҳили Амударё – ***Хутталон, Вахш*** ва ***Чағониёнро*** аз Ғазнавиён кашида мегирад. Муддати зиёде нагузашта ӯ Мовароуннаҳр ва Фарғонаро ба худ тобеъ сохта, сиёсати мустақилона пеш мебарад. Оқибат, Қарохониён ба ду давлати мустақил ҷудо мешаванд. Яке **Қарохониёни Шарқӣ** бо пойтахт дар шаҳри **Балосоғун** ва дуюмӣ давлати Қарохониёни Мовароуннаҳр — марказаш шаҳри **Самарқанд** буд.

### Низоми идораи давлат

Қарохониён давлатро ба ноҳия ва вилоятҳо тақсим намуда идора мекарданд. Идораи онҳо дар дасти **элоқхон...** ва **такин** (ё ки тегин)-ҳо буд. Ҳокимон танҳо аз аъзоёни хонадони Қарохониён, ки сазовори унвони элоқхон шудаанд, интихоб мегардид. Элоқхонҳо аз номи худ тангаҳо зарб зада, барои мустақилии вилоятҳо кӯшиш мекарданд. Элоқхони Мовароуннаҳр дар байни Элоқхонҳои қарохонӣ соҳиби обрӯи зиёд буда, одатан дар Самарқанд ба тахт менишаст. Дар идораи вилоят чун дар замони Сомониён



вазирҳо, соҳиббаридон ва муставфиён хизмат мекарданд. Шаҳрҳоро ҳокими шаҳр, раис ва мӯҳтасибон идора менамуданд. Қарохониён ба мақсади мустаҳкам намудани ҳукмронии худ дар мамлакат бо рӯҳониёни мусалмон муносибати хуб ва дӯстона доштанд. Ҳамон давр эътибор ба имомҳо, саййидон, шайхҳо ва садрҳо афзуда, обрӯяшон аз ҳарвақта дида баланд бардошта мешавад.

Ҳукмдорони қарохонӣ ҳарчанд ба ҳаёти муқимӣ нагузашта бошанд ҳам, аҳамияти мадании воҳаҳои деҳқонӣ ва шаҳрҳоро хуб дарк мекарданд. Онҳо шаҳрҳо, аз қабили ***Балосоғун, Кошғар, Тароз, Ӯзган, Самарқанд*** ва ***Бухороро*** ба пойтахти давлат ва вилоят табдил дода, кӯшиш мекарданд, ки робитаро бо шаҳрҳо барқарор намоянд.

### Ҳуҷуми қарохитоиҳо

Бар асари он давлати аз ҷиҳати сиёсӣ тадриҷан рӯ ба заифӣ овардаи Қарохониён мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад, ба тазйиқи Салҷуқиён дучор меояду ба он тобеъ мегардад. **Охири солҳои 30-юми асри XII** ин давлати Қарохониён ба ҳуҷуми истилогарони наве, ки аз Шарқ омада буданд, — **Қарохитоиёни кӯчманчӣ** (қабилаи мансуб ба муғулҳо) дучор медиҳад.

**Гӯрхон** шаҳри Балосоғунро пойтахти давлати Қарохитоиён қарор медиҳад.

Қарохитоиён дар Еттисув ҷойгир шуда, дар муддати кӯтоҳ ба самти миёнаоби Сирдарё юриш оғоз менамоянд. Қӯшунҳои ҷанговаронаи онҳо аввал ба Шош ва Фарғона, баъд ба Зарафшон ва вилояти Қашқадарё ворид мешаванд. **Соли 1137** дар наздикии шаҳри **Хуҷанд** ба Элоқхони қарохониён **Маҳмуд** зарбаи ҳалокатовар мезанад. Дар натиҷа ҳар ду тараф сулҳ баста, аз Қарохониён товони зиёде гирифта, бар кишвари худ бармегарданд. Аммо сулҳ дер давом намекунад. Аз байн чаҳор сол нагузашта Қарохитоиҳо боз ба Мовароуннаҳр юриш сар мекунанд. Дар ҷанги **соли 1141** Қарохитоиҳо ғалаба ба даст меоваранд. Дар натиҷа, давлати Қарохониён барҳам мехӯрад.



1. Давлати Қарохониён чӣ тавр ташкил ёфт?
2. Дар бораи ҳуҷуми Қарохониён ба Мовароуннаҳр ҳикоя кунед.
3. Ба ду тақсим шудани давлати Қарохониён чӣ тавр рӯй дод?
4. Низоми идораи давлати Қарохониён чӣ гуна ба роҳ монда шуда буд?
5. Ҳуҷуми Қарохитоиён аз кадом вилоят оғоз ёфтааст?

## § 18. ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР АСРҲОИ XI—XII

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Мазмуни нави калимаи "деҳқон".***

**Аҳволи кишоварзӣ**

Чорводорони бодиянишин, ки дар **асри XI** вориди Мовароуннаҳр гардиданд, майдонҳои кишоварзиро поймол намуданд. Қисми зиёди заминҳое, ки ба марғзор ва чарогоҳҳо табдил дода шуданд, ба мулки асосии қабилаҳои такягоҳии хонадони Қарохониён мубаддал меёбад.

Зиддияти байни деҳқони маҳаллии амволдор ва кӯчманчиёни чорводор афзуда, мубориза бар зидди деҳқонон ранги ҷиддӣ мегирад. Дар натиҷаи тазйиқи Қарохониён бо мақсади ҳифзи худ деҳқонони мулкдор маҷбур мешаванд заминҳои худро партофта раванд.

Дар давраи ҳукмронии Қарохониён деҳқонони маҳаллии мулкдор аз мулкҳои замину об ва мавқеи сиёсиашон дар мамлакат маҳрум гашта, мавқеъ ва аҳамияти пештараи худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз даст медиҳанд.

**Васеъшавии заминҳои иқто**

Дар садаи XI *тартиби иқтои* истифодаи замин васеъ мегардад. Аз тарафи Қарохониён ба ғайр аз намояндагони сулолаи ҳукмрон ва ҳарбиёни олидараҷа ба маъмурони давлатӣ ва зодагони маҳаллӣ низ заминҳои калон ба тарзи иқтоъ тӯҳфа мегардад. Тартиби иқтоъ барои Қарохониён дар рӯёнидани андозҳо аз аҳолӣ ва идораи мулкҳои истилошуда шакли хеле мусоид ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тавр, **асрҳои XI—XII** дар Мовароуннаҳр ва Хуросон заминҳои иқтоъ васеъ гардида, ба яке аз шаклҳои асосии амволдорӣ табдил меёбад.

Дар ин давра, баробари пурзӯр гаштани эътибор ба рӯҳониёни мусулмон ва болоравии таъсири сиёсии онон дар мамлакат заминҳои вақф низ васеъ мегарданд.

Дар ин давр, ҳарчанд барзикорон нисбат ба кадиварҳои нахустини асримиёнагӣ озод бошанд ҳам, аммо ба зиммаи онҳо аз тарафи давлат андоз ва ӯҳдадориҳои мухталиф гузош-



**Дар асрҳои XI–XII мафҳуми деҳқон — маънои аслии «ҳокими деҳот»-ро, ки дошт гум кард.**



та мешуд. Иштироки онҳо дар таъмиру сохтмони шабакаҳои обёрикунӣ, сарбандҳо, роҳ ва қалъаҳо ҳатмӣ буд.

**Шаҳрҳо, маҳаллаҳои савдо ва ҳунармандӣ**

Дар асрҳои XI—XII ҳудуди шаҳрҳо васеъ шуда, аҳолии он афзуда, боз серодам гардид. Шаҳрҳо, аз қабили **Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Ӯзган, Тошканд** ба марказҳои савдои дохила ва хориҷа, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ҳунармандӣ ва бозори тиҷоратии муомилоти пулӣ табдил мeёбанд. Дар маркази шаҳрҳо иморатҳои зиёди боҳашам, аз қабили саройҳои шоҳона, масҷид, мадраса, манора ва ҳаммомҳо қад мекашанд. Зарфҳои кошинкорӣ ва пурнақши сафолин, ашёҳои шишагини ранга, зарфҳои нақшинкори асрҳои XI—XII бо гуногунрангӣ ва нафисии худ фарқ мекунанд.



**Бухоро. Манораи Калон. Асри** XII

Баробари ривоҷи ҳунармандӣ, ҳамчунин инкишофи тиҷорати дохила ва хориҷа дар бозор талаб ба пул меафзояд. Оқибат аз тарафи Қарохониён ва ҳокимонашон дар вилоятҳо тангаҳои зиёди нуқрагин ва мисин зарб карда мешаванд. Ҳамон замон дар **Балосоғун, Тароз, Ӯзган, Тошканд, Самарқанд, Бухоро** ва дигар шаҳрҳо зарбхонаҳои пул амал мекарданд.



**1.** Чӣ тавр мафҳуми "деҳқон" маънои аслии худро гум мекунад?
**2.** Дар бораи заминдорӣ чиро медонед?
**3.** Дар бораи тартиби иқто нақл кунед?
4. Дар асрҳои XI—XII муносибатҳои моливу пулӣ чӣ гуна буд?

## § 19. ДАВЛАТИ ХОРАЗМ ВА ПЕШРАФТИ ОН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Мубориза барои мустақилӣ. Давлати Хоразмшоҳиён. Зиддиятҳои дохилӣ.***

### Хоразм дар давраи Маъмуниён

**Давлати Хоразмшоҳиён дар асрҳои IX—X** дар зери дасти **Тоҳириён, Саффавиён** ва **Сомониён** буд. **Дар охири садаи X** Хоразм аз ҷиҳати иқтисодӣ ниҳоят босуръат пеш рафт. Дар охири **садаи X** миқдори шаҳрҳо ба сиюдуто расид. Ҳол он ки дар **аввали асри VIII** миқдори онҳо ҳамагӣ се адад буд. Дар садаҳои **X—XI** Хоразм дар минтақа ба маркази бузурги тиҷоратӣ табдил ёфт. Савдогарони хоразмӣ бо чорводорон ( Туркманистон ва Қазоқистони имрӯза), ҳамчунин шоҳигариҳои **Ҳазар** ва **Булғорӣ**, аҳолиҳои **Итил** (Волга), **славяни** Аврупои Шарқ корҳои савдову тиҷоратро ба роҳ монданд. Дар боби вусъат ёфтани алоқаҳои тиҷоратӣ, алалхусус шаҳри **Гурганҷ** (Урганҷ) нақши калон бозид. Ҳокими он бо номи **«Мири Гурганҷ»** тавсиф гардидааст.

**Соли 995** мири **Гурганҷ Маъмун ибни Муҳаммад** шаҳри Катро ишғол намуда, ду қисми Хоразмро муттаҳид сохт ва ба унвони Хоразмшоҳ мушарраф гардид. Ҳамин тавр, сулолаи Африғӯйҳо барҳам ёфта, ҳукмрони Маъмуниҳо оғоз ёфт. **Урганҷи кӯҳна** ба пойтахти давлати Хоразмшоҳиён тадбил ёфт. Дар фурсати кӯтоҳ маъмуниён давлати Хоразмро аз нигоҳи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ хеле тараққӣ кунонданд. Мамлакат ба *вилоятҳо, шаҳрҳо* ва *деҳа* (қалъаҳо тақсим карда, идора гардид.

Хоразмшоҳ ҳокими олӣ ва мутлақи давлат ба ҳисоб мерафт. Дар Гурганҷ қароргоҳи шоҳ, раёсати марказӣ-девонхона ташкил гардид. Дар таркиби он идораҳо оид ба зироат, савдову тиҷорат, молия, андоз, нигоҳдорандаи оромиву осоиши шаҳру деҳот, корҳои ҳарбӣ фаъолият нишон додаанд. Яке аз лавозими аз ҳама волои давлатӣ вазорат — сазовори унвони *хоҷаи бузург* буд. Он ба корҳои девонхона масъул гардида, ҳангоми сафарҳои ҳарбӣ аз номи ҳукмдор давлатро идора намудааст.

Дар давраи Маъмуниён дар Хоразм илму фан ва фарҳанг равнақ ёфта, Фарҳангистони Маъмун — **«Дорул Ҳикма ва маориф»** (Хонаи дониш ва маориф) ташкил гардидааст. Дар илмгоҳи мазкур олимони бузурги қомусӣ эҷод кардаанд, бо

кашфиёт ва асарҳои хеш мавқеи давлати Хоразмшоҳиёнро ба дараҷаи баланд бардоштаанд. Вале ин пешрафти фарҳангӣ то дер давом накард.

### Мубориза барои истиқлол

Хоразм, ки **соли 1017** аз тарафи Маҳмуди Ғазнавӣ ишғол гардида, истиқлоли худро аз даст дода буд, дере нагузашта ба давлати Салҷуқиён (1040) тобеъ гардид. Ҳукмдори Салҷуқиён **Маликшоҳ** яке аз маъмурони худ — **Ануштегинро** ноиби Хоразм таъин намуд. Пас аз вафоти Ануштегин вориси ӯ **Қутбиддин Муҳаммад (1097—1127)** ноиби Хоразм мешавад. Ҳарчанд ӯ унвони "Хоразмшоҳ"-ро барқарор карда, бо ҳамин ном бузургӣ пайдо карда бошад ҳам, аммо ҳамчун ноиби садоқатманди Салҷуқиён боқӣ монд. Мубориза барои истиқлоли Хоразм ба номи писари Қутбиддин Муҳаммад — **Отсиз (1127—1156)** вобаста аст.

Пеш аз ҳама Отсиз туркман ва қипчоқҳоро ба худ тобеъ сохт. Доманаҳои Сирдарё ва нимҷазираи Манғқишлоқро, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ба Хоразм вобаста набуданд, ба тобеияти худ медаророрад. Ҳамин тавр, Отсиз дар сарзамин-аз соҳилҳои баҳри Каспӣ то миёнаоби Сирдарё пойдевори давлатеро барпо намуд, ки баъдтар ба сифати давлати бузурги Хоразмшоҳиён шӯҳрат ёфт.

### Ташкил ёфтани давлати Хоразмшоҳиён

Сиёсати Отсизро ворисони ӯ **Эларслон (1156—1172) Султоншоҳ Маҳмуд (1172)** ва **Такаш (1172—1200)** давом доданд. Дар нимаи дуюми асри XII вазъияти сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон боз ҳам тезутунд мегардад. **Соли 1153** кӯчманчиёни ӯғузҳо бар зидди **Султон Санҷар** исён мебардоранд. Оқибат давлати Салҷуқиён дучори зарбаи сахт гашта, пароканда мешавад.

Аввал аз он **Осиёи Хурд** ва **Кармон** ҷудо мешаванд. Сипас вилоятҳои Форс, Озарбойҷон ва Хуросон мустақил мегарданд. Дар чунин вазъияти сиёсӣ бешубҳа доираи ҳукмронии Хоразм калон гардида, истиқлоли он мустаҳкам мешавад. Давлати Хоразм хусусан дар давраи ҳукмронии набераи Отсиз — Такаш хеле инкишоф мeёбад. **Солҳои 1187—1193 Такаш** шаҳрҳои **Нишопур, Рай** ва **Марвро** ба зери итоати худ медарорад. **Соли 1194 бошад**, ба султони Салҷуқиён Тӯғрул зарбаи ҳалокатовар зада, Эронро тобеи Хоразм мегардонад.

### Васеъ шудани ҳудудҳои давлат

Пас аз Такаш писари ӯ **Аловуддин Муҳаммад (1200—1220)** низ сиёсати доманфарох намудани давлати Хо-



## ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН



размро давом медиҳад. **Аз соли 1206** эътиборан ба озод кардани Мовароуннаҳр аз итоати Қарохитоиён шурӯъ мекунад. **Соли 1210** дар водии **Талос** Қарохитоиён ба мағлубият дучор мешаванд. Заминҳо то Еттисув аз они давлати Хоразмшоҳиён мегардад.

Ҳамин тавр, **ибтидои асри XIII** Хоразм ба давлати бузурги дорои сарзамини зиёде табдил меёбад. Сарҳади шимоли ғарбӣ ва ғарбии он аз соҳилҳои Арал ва баҳри Каспӣ то Ироқ дар ҷануби ғарб рафта мерасид. Ҳудудҳои ҷануби шарқӣ аз вилояти Ғазна, сарҳади шимоли шарқӣ бошад, аз Еттисув ва Дашти Қипчоқ мегузашт.

Пойтахти ин давлати бузурги Шарқ шаҳри Урганҷ буда, дар сарои Хоразмшоҳ 27 ҳукмдор ва вакилони онҳо мудом дар итоаткорӣ буданд ва ҳукмдори бузургро. **«Искандари сонӣ»** гуфта ҳамду сано хондаанд.

## Зиддиятҳои дохила

Ҳарчанд аз зулми Қарохитоиён халос шуда бошанд ҳам, аҳволи аҳолии меҳнаткаш сабук нагардид. Баръакс юришҳои ҳарбии Хоразмшоҳиён, худсарии иборат дар сиёсати андоз, ҷабру зулми амир ва маъмурон аҳволи моддии аҳолии мамлакатро хеле вазнин гардонда, хоҷагии халқро боз сусттар намуд. Ин ҳол бешубҳа эътирози меҳнаткашони шаҳру деҳотро нисбат ба Хоразмшоҳиён пурзӯр мегардонд. Оқибат, **соли 1210** аҳолии Ӯтрор, **соли 1212** бошад, бар зидди Хоразмшоҳиён самарқандиён шӯриш бардоштанд. Муҳаммад Хоразмшоҳ онҳоро бешафқатона пахш намуд.

Исёнҳои ҳокимони вилоят давом карда, эътирози аксарияти табақаҳои халқ баланд шуда, фитна дар сарой ва қӯшун пурзӯр гардида, ҳолати беқарории давлатро нишон медод. Аз ин рӯ, ин давлат дер напоид.

1. Дар бораи муборизаҳо оид ба истиқлоли Хоразм ва ҳукмдори он Отсиз нақл кунед.
2. Дар бораи барпо намудани давлати Хоразмшоҳиён чиҳоро медонед?
3. Чаро Хоразмшоҳро «Искандарӣ сонӣ» номидаанд?
4. Чаро давлати Хоразмшоҳиён суст гардид?

## § 20. МУТТАФАКИРОНИ ОСИЁИ МИЁНА. РАВНАҚИ ИЛМУ ФАН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***"Байт улҳикма". Алломаҳои бузург. Аҳамияти забони арабӣ. Ҳадис. Илми калом. Фиқҳ.***

**"Байт улҳикма"**

Ҷараёнҳои тағйиротҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар асрҳои IX—XII дар Мовароуннаҳр ва Хуросон содир гаштанд, ба ҳаёти мадании мамлакат низ таъсири ҷиддӣ расонданд.

Пас аз забти Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо дар қатори дигар мамлакатҳои истилошуда дар кишвари мазкур ҳам на танҳо дини ислом, балки ҳамчунин забон ва имлои арабӣ низ ҷорӣ гардид. Чунки забони арабӣ ҳам забони давлатӣ ва ҳам илмии хилофат буд. Аз ин рӯ, мавқеъ ва аҳамияти забони арабӣ пеш рафта, кӯшиши аз худ намудани он пурзӯр гардид.

Донишмандоне пайдо шуданд, ки забон ва хати арабиро беҳтар аз худ карданд. Шаҳри Бағдод маркази бузурги илму маданияти Шарқ буд. Дар асри IX дар ин шаҳр «Байт улҳикма» ташкил гардид Дар «Байт улҳикма» китобхонаи калон, инчунин дар Бағдод ва Димишқ расадхона барои пеш бурдани мушоҳидаҳои нуҷумшиносӣ мавҷуд буданд. Толибилмоне, ки ба ин даргоҳи илмӣ ҷалб шудаанд, баробари пеш бурдани тадқиқотҳо ба омӯзиши мероси илмии олимони қадими Юнону Ҳинд ва тарҷумаи осори онҳо ба забони арабӣ машғул мешуданд. Дар ин даргоҳ олимони Мовароуннаҳр ва Хуросон, аз қабили **Ал-Хоразмӣ, Аҳмад ал-Фарғонӣ, Аҳмад ал-Марвазӣ, Ал-Аббос Ҷавҳарӣ ва Яҳё бинни Абӯмансур** эҷод намуда, ба рушди илму фанни асрҳои миёна ҳиссаи сазоворе гузоштаанд.



**Ал-Хоразмӣ.**

**Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ**

**Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ (солҳои 783—850** зиндагӣ ва эҷод кардааст) дар сарзамини Хоразми қадим таваллуд ёфта, ба воя расидааст. Саводи ибтидоӣ ва донишҳои соҳаҳои мухталифро ӯ дар Ватани хеш Хоразм ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр аз устодони зиёде



**Ҳайкали Ал-Фарғонӣ дар шаҳри Фарғона.**

гирифтааст. Сипас, ӯ дар замони халифа **Маъмун (813—833)** ба сифати мудири **"Байт улҳикма"** фаъолият пеш бурдааст. Ӯ ҳамчун риёзидон, нуҷумшинос ва ҷуғрофидони машҳури замони худ ба илм ҳиссаи калоне гузоштааст. Хоразмӣ бештар аз бист асар эҷод намудааст. Аз онҳо то замони мо танҳо даҳтояш расидааст. Асарҳои ӯ доир ба математика ***"Ал-ҷабр вал муқобала"***; **"Дар бораи ҳисоби ҳинд"**, оид ба ҷуғрофия ***"Китоб сурат уларз"*** (Сурати замин), оид ба астрономия "Зиҷ" ва *"Дар бораи кор бо устурлоб"*, оид ба таърих *"Китоб-ат таърих"*, *"Рисола оид ба муайян намудани тақвим ва идҳои яҳудиён"* мебошанд.

Ҳатто калимаи "Алгебра" номи ихтисоршудаи ҳамин китоб «Ал ҷабр»-ро айнан ифода мекунад. Номи Хоразмӣ бошад, дар илми математика дар шакли истилоҳи *"Алгоритм"* ифодаи худро ёфт. Асари *"Ал ҷабр"*-и ӯ давоми асрҳо барои авлодон дар корҳои чен кардани замин, кандани ҷӯйбор, сохтани бино, тақсими мерос ва дигар намудҳои ҳисобу ченак чун дастури амал хизмат кард. Рисолаи мазкури Хоразмӣ аллакай асри XII дар Испания ба забони лотинӣ тарҷума ва аз нав кор карда шуд. Рисолаи арифметикии Хоразмӣ дар паҳн шудани системаи ҳисобкунии даҳии позитсионие, ки асосашро рақамҳои ҳиндӣ ташкил додаанд, дар Аврупо ва тамоми дунё аҳамияти бузург касб мекунад. Ҳамин тавр, ҳамватани мо Хоразмӣ ба фанни математика асос гузошта, дар таърих аз худ изи фаромӯшнашавандае гузоштааст.

**Аҳмад ал-Фарғонӣ**

Боз яке аз олимоне, ки дар "Байт улҳикма" фаъолият нишон додааст, нуҷумшиноси бузург, риёзидон ва ҷуғрофидон ***Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Касир ал-Фарғонӣ (солҳои 797—865** зиндагӣ ва эҷод кардааст)* мебошад. Аз-баски дар шаҳри Қува (Фарғона) таваллуд ёфтааст, ӯ дар Шарқ бо *ал-Фарғонӣ* ва дар Аврупо бо тахаллуси *Алфраганус* шӯҳрат

пайдо кардааст. Ӯ фанҳои нуҷум, риёзиёт ва ҷуғрофияро омӯхта, як қатор асарҳои илмӣ ва амалиро аз худ боқӣ гузоштааст. Ӯ дар расадхонаи Димишқ асосан ба корҳои офаридани ҷадвали ситорашиносӣ, яъне зиҷ (ҷадвали астрономӣ), муайян кардани ҷой ва ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ раҳбарӣ намудааст. **Солҳои 832—833-юм** ӯ барои чен кардани дарозии як дараҷаи хати тӯли замин дар қитъаи ар-Раққаи дашти Санҷори воқеи шимоли Сурия иштирок кардааст.



**Ёдгории Имом ал-Бухорӣ дар Самарқанд.**

**Соли 861** тахти раҳбарии ӯ гидрометри қадимӣ — иншооти ченкунии сатҳи маҷрои дарёи соҳили Нил – «Миқёс ан-Нил ва дараҷоти он» аз нав барқарор карда шуд.

То замони мо ҳашт асари **Аҳмад Фарғонӣ** расида омада, дар байни онҳо китоби *"Ҳаракатҳои фазоӣ ва илми нуҷуми умумӣ"* низ мебошад. Ин китоб ҳанӯз дар асри XII ба забони лотинӣ тарҷума шуда, на танҳо дар Шарқи мусулмонӣ, балки ба ривоҷи илми нуҷумшиносӣ дар мамлакатҳои Аврупо низ асос гузошт. Дар асри XVI номи алломаи дар Аврупо машҳур гардида, ба яке аз кратерҳои дар Моҳбуда дода шудааст.

Солҳои истиқлол мероси бои маънавии Аҳмад ал-Фарғонӣ ба халқ баргардонида шуд. **Моҳи октябри соли 1998-ум** 1200-солагии Аҳмад ал Фарғонӣ васеъ қайд гардид. Дар шаҳри Фарғона бо номи ал Фарғонӣ боғе барпо карда, ба шарафи ӯ дар ин ҷо пайкара гузошта шуд.

## Имом ал-Бухорӣ

Қатори дигар олимони дунявӣ дар роҳи такомули таълимот ва мафкураи ислом хизмати уламои муҳаддиси мовароуннаҳрӣ низ басо бузург буд. Дар ин бора хусусан ҳиссаи Имом ал Бухорӣ, (Муҳаммад ибни **Исмоил ал Бухорӣ** солҳои



*** Ҳадис (ба арабӣ ривоят, нақл). Дар дини ислом баъди Қуръон манбаи муқаддас мебошад. Маҷмӯи ривоятҳо оид ба фаъолият ва нишондодҳои Муҳаммад (с.а.в.) пайғамбар.**



810—870 зиндагӣ ва эҷод кардааст), хизмати басазои ҳамзамон ва шогирди ӯ Термизӣ (**Абӯ Исо Муҳаммад ат-Термизӣ**—солҳои 824—894) низ дар равнақи илму фан хеле калон аст.

Танҳо **Имом ал-Бухорӣ** оид ба таълимоти ислом беш аз бист асар навиштааст. Танҳо дар як асараш "*Ал-Ҷомеъ ал-Саҳеҳ*" 7275 ҳадис ҷой гирифтааст.

**Моҳи октябри соли 1998-ум**, 1225-солагии мутафаккири бузург Имом ал-Бухорӣ қайд гардид. Дар деҳаи **Хартанги** наздикии Самарқанд маҷмӯи ёдгории Имом ал-Бухорӣ барпо шуд. Асари чорҷилдаи "Ал-Ҷомеъ"-и ӯ бори нахуст ба забони ӯзбекӣ нашр шуда, ба хонандагон тақдим гардид.

**Абӯмансур ал-Мотурудӣ**

Алломаи бузург **Абӯмансур ал-Мотурудӣ,** ки ба равнақи *"Ҳадис ва илми фиқҳ"* ҳиссаи сазоворе гузоштааст, тахминан соли 870 дар деҳаи Мотуруди наздикии Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ал-Мотурудӣ ҳарчанд як қатор асарҳои доири таълими қоидаҳои одоби исломӣ, қонунҳои шариат ва асрори камолоти маънавӣ, ахлоқиро таълиф карда бошад ҳам, танҳо асарҳои муҳимтаринаш таҳти унвонҳои **"Китобат тавҳид"** ("Ягонагии Оллоҳ") ва **"Таъвилот аҳл ас-сунна"** ("Шарҳи анъанаҳои сунна") боқӣ мондаанд. Дар онҳо моҳияти таълимоти динӣ, урфу одатҳои исломӣ дар боби камол ёфтани инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ талқин гаштанд. Ал-Мотурудӣ соли 944 дар Самарқанд вафот кардааст.



**Ёдгории Абӯмансур ал-Мотурудӣ. Самарқанд.**



**Он аз ақлу заковат ва матонати беқиёси шахси нодире далолат медиҳад, ки дар олами ислом ба шарафи бузурги «Ислоҳкунандаи эътиқоди мусулмонон» сазовор шудааст.**

**Ислом Каримов «Маънавиёти воло – қувваи мағлубнопазир».**

Дар Ватанамон, ки ба шарофати истиқлол арзишҳои диниамон барқарор мегарданд, **моҳи ноябри соли 2000-ум** 1130-солагии мавлуди Имом ал-Мотурудӣ қайд карда шуд. Дар Самарқанд бахшида ба хотираи ал-Мотурудӣ маҷмӯи ёдгорӣ барпо гардида, асарҳои ӯ ба забони ӯзбекӣ нашр шуданд.



1. Дар бораи "Байт улҳикма" чиро медонед?
2. Мавқеи Аҳмад ал-Фарғонӣ ва Хоразмӣ дар фанни математика аз чӣ иборат аст?
3. Дар бораи аҳамияти мероси илмии Имом ал-Бухорӣ ва Абумансур ал-Мотурудӣ чиро дониста гирифтед?

## § 21. ДАВРАИ НАВ ДАР ҲАЁТИ МАДАНИИ МОВАРОУННАҲР ВА ХОРАЗМ (АСРИ IX—ИБТИДОИ АСРИ XIII)

**Эҳёи ҳаёти маданӣ ва маънавӣ**

Нимаи дуюми асри IX баробари анҷоми ҳукмронии хилофат ва барқарорёбии давлати мустақили Сомониён барои эҳёи ҳаёти маданӣ роҳи васеъ кушода шуд. Дар ҳаёти мадании Мовароуннаҳр давраи эҳё (бедорӣ) оғоз ёфт.

Дар шаҳрҳои марказӣ, аз қабили **Бухоро, Самарқанд, Урганҷ, Марв, Балх, Нишопур** китобхона, дӯконҳои китоб амал мекарданд. Мовароуннаҳр ва Хоразм дар оғӯши худ чунин симоҳои бузургеро тарбия карда ба камол расониданд, ки ба равнақи илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ ҳиссаи босазое гузоштаанд.

**Соли 1004 "Дорулҳикма ва маориф"** ("Хонаи дониш ва маориф") — **"Академияи Маъмун"** ташкил ёфт. Ба он **Абӯнаср ибни Ироқ (асри X–1034)**, **Абулхайр ибни Ҳаммор (991—1048), Абӯсаҳл Масеҳӣ (970—1011), Абӯрайҳон Берунӣ (973—1048), Абӯалӣ ибни Сино (980—1037)** ва дигарон асос гузоштанд.

**Соли 1017 Маҳмуд Ғазнавӣ** Хоразмро забт намуд. Қисми зиёди олимон фаъолияти **"Дорулҳикмат ва маориф"**-ро ба анҷом расонида, ба Ғазна маҷбуран оварда шуданд.

**11 ноябри соли 1977** Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи аз нав ташкил намудани Академияи Маъмуни Хоразм" эълон гардид. Тирамоҳи соли 2006 бошад, 1000-солагии "Академияи Маъмуни Хоразм" ҷашн гирифта шуд.

**Абӯнасри Форобӣ**

**Абӯнасри Форобӣ соли 873** дар шаҳри Фороби поёноби Сирдарё таваллуд шудааст. Ӯ аввал дар шаҳри худ, баъд дар Самарқанд, Бухоро ва Бағдод илм омӯхтааст. Солҳои охири умраш дар шаҳрҳои Ҳалаб ва Димишқ зиста, соли 950 вафот кардааст. Форобӣ дар соҳаҳои *риёзиёт, фалакиёт, тиббиёт, мусиқӣ, мантиқ, фалсафа, забоншиносӣ* ва *адабиёт* эҷод намудааст.



Абӯнасри Форобӣ.

Ӯ беш аз 160 асар эҷод намуда, ба илму маданияти асрҳои миёна саҳми муносибе гузоштааст. Дар байни асарҳояш оид ба мақсадҳои асари *"Метафизика"*-и Арасту, *"Китоби мусиқӣ", "Оид ба ноил гаштан ба бахту саодат", "Оид ба аъзои мавҷудоти зинда", "Шаҳри одамони фозил"* ва бисёр дигар асарҳои аҳамияти муҳим доранд. Бинобар донишмандӣ, соҳибмаърифатӣ, васеъгии фикру мулоҳиза ва умқи мантиқиаш Форобӣ дар Шарқ пас аз Арасту мутафаккири бузург дониста шуда, бо номи *"Муаллимус сонӣ", "Яъне муаллими сонӣ"* шӯҳрат ёфтааст.

**Абӯалӣ ибни Сино**

Боз яке аз мутафаккирони бузурги он давра **Абӯалӣ ибни Сино** буд, ки соли 980 дар деҳаи **Афшонаи** назди шаҳри Бухоро дар оилаи амалдори маҳаллӣ ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаб аз устози худ Абӯабдуллоҳ илмҳои мантиқ, фалсафа, риёзиёт ва фиқҳро омӯхтааст. Аз синни шонздаҳсолагиаш асарҳои олимони Шарқ ва Ғарбро оид ба фанҳои гуногун мустақилона меомӯзад. Ӯ хусусан асарҳои алломаҳои қадими илми табобат **Гиппократ** ва **Гален**, ҳамчунин ҳаким ва мутафаккири бузурги шарқи асримиёнагӣ **Абӯбакр ар Розӣ (865—925)**-ро аз худ мекунад.



Абӯалӣ ибни Сино.

**Ибни Сино** дар синни ҳабдаҳсолагиаш чун ҳаким ва олими баэътибор ба воя мерасад. Пас аз табобати амир Нӯҳ ибни Мансур иҷозати истифода аз ки-



**Абӯалӣ ибни Сино дар Шарқ бо номи «Шайхур раис», дар Ғарб бо номи «Авитсенна» шӯҳрат ёфтааст.**

тобхонаи дарбори Сомониёнро ба даст меоварад. Бо ҳукми тақдир ӯ дар Гурганҷ (Урганҷ) аз қатори олимони академияи Маъмун ҷой мегирад. **Соли 1037** вафот карда, дар Ҳамадон дафн гардидааст.

**Ибни Сино** оид ба соҳаҳои гуногуни илм беш аз 450, аз ҷумла доир ба тиб 43 асар навиштааст. Дар асари 5-ҷилдаи қомусиаш ***"Алқонун фит тиб"*** (Қонунҳои тиб) ба бисёр масъалаҳои хеле муҳими табобат, аз қабили сабаб ва манбаъҳои пайдоиши маризӣ, ташхис, усулҳои муолиҷа, хусусиятҳои растаниҳои шифобахш ва дорувор, парҳез, аҳамияти тарбияи бадан ба саломатии инсон эътибори махсус дода шудаанд. Асари мазкур ҳанӯз дар асри XII ба забони *лотинӣ* тарҷума шуда, **то асри XVII** дар тиббиёти Аврупо ба сифати дастурамали асосӣ истифода гаштааст.

**Абӯрайҳони Берунӣ**

**Абӯрайҳони Берунӣ (973—1048)** дар шаҳри қадимии Кат таваллуд ёфта, дар Урганҷ таълим гирифтааст. Баъд дар сарои Хоразмшоҳ **Абул Аббос Маъмун II** эҷод намудааст. Баъди забти Хоразм бо амри Маҳмуд Ғазнавӣ ба шаҳри Ғазна кӯчида, то охирин лаҳзаҳои умр дар он ҷо эҷод намудааст. Берунӣ **соли 1048 дар** Ғазна вафот кардааст.



**Берунӣ.**

Вай оид ба илмҳои фалакиёт, ҷуғрофия, риёзиёт ва таърих беш аз 160 аса*ри илмӣ навиштааст. Асарҳои "Ёдгориҳое, ки аз халқҳое қадима боқӣ мондаанд", "Ҳиндустон", "Минералогия' ва "Геодезия"*-и Берунӣ аз ҳамин ҷумлаанд. Ӯ дар асарҳои худ оид ба фалакиёт қариб панҷ аср муқаддам аз Коперник оиди дар атрофи Офтоб давр задани Замин аввалин шуда дар асрҳои миёна фикрро ба миён овард курашакл будани Заминро асоснок

намуд. Ӯ ҳолати 1029 ситора, ҷадвали ситорагонро оид ба калонтарини онҳо тартиб дода, харитаи ҷуғрофии ҷаҳонро кашид. Мероси бои илмӣ ва фалсафии Берунӣ бешак саҳми бузурги ӯ ба хазинаи илму маданияти ҷаҳонӣ гардид.

Шаҳре дар Қароқалпокистон, Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ФУ Республикаи Ӯзбекистон ва Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ба номи Берунӣ гузошта шудааст. Мукофоти Давлатии Республикаи Ӯзбекистонро ба номи Берунӣ таъсис додаанд.

### Маҳмуд аз-Замахшарӣ

**Абулқосим Маҳмуд аз-Замахшарӣ соли 1075** дар деҳаи *Замахшари* Хоразм ба дунё омадааст.Ташнагӣ ба илм боиси дар *Бухоро, Марв, Нишопур, Исфаҳон, Шом, Бағдод, Ҳиҷоз* ва *Макка* ҳаёт ба сар бурдани ӯ ва омӯхтани грамматика ва луғати забони арабӣ, мақолҳо ва урфу одатҳои он кишварҳо гардидааст. Доир ба ҷуғрофияи минтақа маълумотҳо ҷамъ оардааст.

Оид ба илмҳои соҳаҳои гуногун **Маҳмуд Замахшарӣ** беш аз 50 асар иншо намудааст.Хусусан асарҳояш, аз қабили *«Ал-Муфассал»*, ки ба фонетика ва морфологияи забони арабӣ бахшида шудаст, асар оид ба тафсири Қуръони карим — *«Ал-Кашшоф»* хусусан дар олами мусулмонӣ хеле машҳур аст. Дар дорулфунуни динии ба олам машҳури Ал-Азҳари Қоҳира толибилмон Қуръони Каримро дар асоси «Ал-Кашшоф» меомӯзанд.

### Бурҳонуддин ал-Марғинонӣ

Олим-фақеҳи (ҳуқуқшинос)-и машҳур **Бурҳониддин ал-Марғинонӣ соли 1123** дар шаҳраки Риштони водии Фарғона таваллуд ёфтааст. Асари нодиртарин ва гаронбаҳои ал Марғинонӣ китоби чорҷилдаи ӯ **«Ҳидоя»** аст, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Ин китоби ҳуқуқшиносӣ ислом барои ҳуқуқшиносони мамлакатҳои мусулмон ҳам дастури назариявӣ ва ҳам дастури амалӣ ба ҳисоб мерафт. Китоб ба якчанд забонҳо тарҷума шудааст. Дар айни замон ҳам аз он ба сифати манбаи муҳим истифода мебаранд.

Соли 2000-ум 910-солагии Марғинонӣ қайд карда шуд.

### Адабиёти хаттии туркӣ

Ҳамон давраҳо дар Мовароуннаҳр ва Туркистони Шарқӣ баробари адабиёти шифоҳӣ, ки решаҳои қадима дошт, адабиёти хаттӣ низ ба миён

омад. Як қатор асарҳои бузург таълиф ёфтанд. Нодиртарини онҳо *«Кутадғу билиг»* («Илми бахтоваранда»)-и **Юсуф Хос Ҳоҷиб** (асри XI) аст. *«Девони луғотит турк»*-и **Маҳмуди Қошғарӣ**, *«Ҳибатул ҳақоиқ»*-и *Аҳмади Югнакӣ, "Ҳикмат"*-и *Аҳмади Яссавӣ* низ аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ҳамон давр барои ба вуҷуд омадани забони адабии туркӣ, хусусан забонҳои қадимаи ӯзбек ва уйғур низ зинаи муҳим шуд.



1. Барои чӣ асрҳои IX—XII дар кишвари мо илму фан равнақ ёфт?
2. Дар бораи эҷодиёти "Муаллими сонӣ" — Форобӣ чиро медонед?
3. Мавқеи Ибни Синоро дар илми ҷаҳонӣ арзёбӣ кунед.
4. Эҷодиёти Берунӣ ва Замахшариро таъриф намоед.

## § 22. МЕЪМОРӢ, САНЪАТ, МУСИҚӢ ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Меъморӣ. Санъат. Дин. Тасаввуф. Тариқат. Мафкура.***

### Меъморӣ ва санъат

Сохтори иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи асри миёна ва мафкураи дини ислом ба ин қабил соҳаҳои ҳаёти маданӣ низ таъсири пурзӯр расонданд. Дар шаҳрҳои **Самарқанд, Бухоро, Урганҷ, Тирмиз, Ӯзган** ва **Марв** сарой, масҷид, мадраса, манора, мақбара ва корвонсаройҳои сершуморе сохта шуданд. Мақбараи Исмоили Сомонӣ, масҷиди *Намозгоҳ, Манораи Калон* дар шаҳри Бухоро, дигар манораҳо ва биноҳои зиёде *дар Вобкент ва Чарқӯрғон* намунаҳои меъмории ҳамон давр мебошанд Ёдгориҳои мазкур аз ривоҷи меъмории ба худ хос далолат медиҳанд.



**Хонбандӣ — сарбанди обанбор дар садаи X.**

Ҳамон давр аз сангҳои суфта, хишти пухта ва маҳлули ба об тобовари бинокорӣ иншоотҳои гуногуни обӣ: обанборҳо, сарбандҳо, новаҳо, кӯпрукҳо, сардобаҳо ва корезҳо барпо мешаванд. Ченакҳои ин гуна иншоотҳо аз нуқтаи назари математикӣ хеле мукаммалӣ дошт. Масалан, дар обанбори **Хонбандӣ**, ки **асри X** дар натиҷаи бастани дараи кӯҳи Пасти қаторкӯҳи Нурато барпо шудааст, 1,5 миллион метри мукааб об ҷамъ оварда мешуд. Сарбанд аз санги хоро ва маҳлули ба об тобовари бинокорӣ бунёд шуд. Ҳангоми бунёди ин сарбанд муҳандисон на танҳо қувваи теладиҳандаи амудиву шоқулии оби ҳавз, балки қувваи таъсири заминларзаро низ ба ҳисоб гирифтаанд. Он бешубҳа аз ҳамин далолат медиҳад, ки қонун дар бораи қуввaи фишори об, ки физики машҳури фаронсавӣ **Блезк Паскал асри XVII** кашф карда буд, 7 аср муқаддам ба муҳандисони Мовароуннаҳр маълум будааст.

**Аз асри X** эътиборан дар бинокорӣ иморатҳои синчкорӣ равнақ меёбад. Аз таксинҷ то сутуну сарроф ва болорҳои биноҳои *яккасинчу ҷуфтсинч* чӯбҳо бо усули пайванд сохта шуда, байни синчҳо бо хишти хом ё лой пур карда мешуданд. Сохтмони чунин иморатҳо то ба замони мо боқӣ мондаанд. Аз ҳафриёти манзилгоҳҳои харобаҳои шаҳристонҳои **Афросиёб, Варахша, Бухоро** ва **Пойканд** маълум мешавад, ки асрҳои X—XI низ иморатҳо аз **пахса** ва **хишти хом** сохта шуда, дар меъмории шаҳр мавқеи асосӣ доштаанд.

**Наққошӣ, кандакорӣ ва хаттотӣ**

**Асрҳои IX—XII** дар баробари меъморӣ санъати наққошӣ ва кандакорӣ низ ривоҷу равнақ меёбад. Пешток, дар ва як қисми девори иморатҳо ҳам бо навиштаҷоти гуногунмазмун фаро гирифта шуда буданд.

Ҳамон давр хаттотӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва паҳнгардидаи санъати халқӣ буд. Ба туфайли ҳанӯз кашф нагардидани чопи китоб ва танҳо аз ҷониби хаттотон нусхабардорӣ гардидани китобҳои дастнавис санъати хаттотӣ хеле инкишоф меёбад. Намунаҳои хаттотӣ, ки бо услубҳои гуногуни ҳусни хат иҷро мегардиданд, дар нақшҳои меъморӣ низ ба сифати бахшандаи ороиши мазмуни ҳаётӣ ва завқи эстетикӣ истифода мешуданд.

**Санъати мусиқӣ**

Садаи IX—ибтидои асри XIII санъати мусиқӣ низ хеле тараққӣ мекунад. Ид, тӯй, сайру гашти мардум ва ди-

гар маросимҳо бе суруду тарона намегузашт. Дар он давра созандаҳо асбобҳои созии ториву зарбию нафасиро аз қабили уд, танбӯр, рубоб, най, сурнай, карнай, қӯшнай ва сетор васеъ истифода намудаанд.

Ҳамон давра дар асоси оҳангҳои халқӣ оҳангҳои нав ба нав, аз қабили *«Рост», «Хусравонӣ», «Бода», «Ушшоқ», «Зерафканда», «Бузрук», «Сипоҳон», «Наво», «Баста», «Тарона»*, ки минбаъд барои оҳанги классикии халқҳои тоҷику ӯзбек *«Шашмақом»* пойдевор шуданд, эҷод гардиданд. Санъати мусиқӣ бешубҳа дар робита бо шеърият ва илми мусиқишиносӣ тараққӣ мекунад.

### Дин

Дар ҳаёти маънавии асрҳои IX —XIII дини ислом нақши муҳим бозидааст. Дини ислом ва шариат, ки ҳамон давр дар Шарқи мусулмон васеъ паҳн гашта ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ расида буд, ба мафкураи олами мусулмон табдил ёфт. Аҳолии Мовароуннаҳр дини исломро қабул карда, ба иҷрои аҳкоми шариат, ҳамчунин омӯзиши хат ва забони арабӣ шурӯъ менамояд. Дар шаҳрҳои марказӣ як қатор масҷиду мадрасаҳо қад кашиданд.

**Асри XII** дар маҳаллаи Дарвозаи Мансури Бухоро ҳатто махсус барои қонуншиносҳо *«Мадрасаи фақиҳон»* бунёд гашта буд. Ин гуна дорулфунуни олӣ асосан ба омӯзиши мукаммали манбаъҳои асосии таълимоти дини ислом: Қуръони карим, Ҳадиси шариф ва забони арабӣ эътибори калон медод. Дар омӯзиши амиқи аҳкоми шариат *«Тафсир»* — *«Шарҳи Қуръони карим»* манбаи хеле бой ва пурарзиш ба ҳисоб мерафт. Фанни фиқҳ (ҳуқуқшиносии ислом) дар бораи ахлоқ ва аҳкоми шариат маълумоти мукаммал медиҳад.

Дар равнақи таълимоти дини ислом ва тарғиботи он хусусан шаҳри Бухоро маркази асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аз мадрасаҳои Бухоро олимони варзидаи фиқҳшинос, қозиҳо ва имомҳои бисёре ба воя мерасанд. Аз ин рӯ, **аз асри IX** инҷониб Бухоро бо номи *«Қуббатул ислом»* (*Гумбази дини ислом*) шӯҳрат дорад.

### Тасаввуф

Тасаввуф дар шарқи мусулмонӣ асрҳои миёна васеъ паҳн гардида буд. Ин таълимот аввал дар миёнаҳои асри VIII дар Ироқ ба вуҷуд омадааст.

Асоси таълимоти тасаввуфро фаъолияти инсон ва камолоти вай ташкил медиҳад. Дар кишварҳои гуногуни Мовароуннаҳр тариқатҳои мухталифи тасаввуф пайдо мешаванд. Дар



*** Тасаввуф (суфия) — таълимотест, ки мусулмононро ба ҳалолӣ, покӣ, баробарӣ, эҳтироми қадру қимати инсон, рӯзгузаронӣ бо меҳнати ҳалол, истифода набурдани меҳнати дигарон даъват менамояд.**
*** Тариқат — роҳи дурусти ба қоидаҳои тасаввуф амал кардан, яъне расидан ба дараҷаи инсони комилро нишон медиҳад.**

Туркистон **асри XII** *Яссавия*, охири **асри XII** дар Хоразм *Кубровия*, **асри XIV** дар Бухоро *Нақшбандия* ва ғайра арзи амал менамоянд.

Тасаввуфе, ки дар асри XII дар Мовароуннаҳр васеъ доман паҳн карда буд, тариқати Яссавия буда, ба он Аҳмад Яссавӣ асос гузоштааст. Асосҳои тасаввуф дар асари машҳури Яссавӣ *«Ҳикмат»* баён шудаанд. Ба ақидаи Аҳмади Яссавӣ бидуни шариат тариқат, бидуни тариқат маърифат, бидуни маърифат ҳақиқат буда наметавонад. Ҳар яке аз онҳо ҳамдигарро пурра карда, такмил медиҳанд. Дар асоси тариқати Яссавӣ ғояи аз тариқи гӯшанишинӣ ва тарки дунё кардан расидан ба камолот пеш гузошта шуда буд. Ба камолот танҳо касе расида метавонад, ки аз роҳат ва фароғати дунёи фонӣ даст кашида, бо гӯшанишинӣ (узлат) дар роҳи тоату ибодат заҳмат кашида, меҳнати пурмашаққатеро анҷом диҳад. Хуллас, ҳарчанд дар тариқати Яссавӣ меҳнати пурмашаққат ва азият дар роҳи шариат, ҳамчунин тарки дунё намудан тарғиб гардад ҳам, аммо инсон ба дараҷаи зоти шариф васф карда мешавад. Таъкид мегардад, ки инсон аз ҳар гуна молу давлат болотар меистад.

Боз яке аз симоҳои барҷастаи таълимоти тасаввуф **Наҷмиддини Кубро (1145—1221)** аст, ки дар Хоразм ба тариқати «*Кубровия*» асос мегузорад.

Тафовут аз тариқати Яссавия тариқати Кубровия тарки дунё намуданро рад мекунад. Ғояи дар ҷараёни меҳнати пурмашаққати роҳи камолот ҷоиз будани баҳрамандӣ аз нозу неъматҳои ин дунё пеш гузошта мешавад. Дар тариқати Кубровия даъвате ба амал оварда мешавад, ки муҳаббат ба халқу ватан бояд ниҳоят пурзӯр гашта, дар ҳама гуна лаҳзаҳои вазнин бо омма якҷоя ва баҳри ҳифзи истиқлоли ватан мубориза бояд бурд.

**Асри XIV** тасаввуф дар тариқати **Нақшбандия** боз ҳам ривоҷ меёбад. Ба он **Баҳоваддини Нақшбанд** асос мегузорад. Ӯ со-

ли 1318 дар деҳаи **Қасри Ҳиндувони** назди Бухоро дар оилаи ҳунарманди нақшгузор ба матоъҳо ба дунё меояд. Дар ҷавонӣ баробари хондану таълим гирифтан ба матои кимхоб нақшофариро мукаммал омӯхта, сирру асрори касби падариро аз бар намудааст.

**Хоҷа Баҳоваддин** асарҳои ***«Ҳаётнома»*** ва ***«Далилул ошиқин»***-ро иншо сохта, тариқати худро ба вуҷуд овард. Тариқати Нақшбандия дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм васеъ паҳн гардид. Тариқати Нақшбандия инсонро ба ҳалолу покиза шудан, ба рӯзгузаронӣ бо меҳнати худ, ба додани хайру эҳсон ба мӯҳтоҷон, ба софдилу хоксор будан даъват менамояд. Ҳикмати ***«Дил ба ёру даст ба кор»***-и ӯ моҳияти ҳаётии тариқати Нақшбандияро ифода месозад. Ӯ тарки дунё намуданро рад карда, меҳнатдӯстӣ, одилӣ ва донишмандиро тарғиб месозад. Ба пешрафти тариқати Нақшбандия асрҳои баъдина алломаҳои бузург, аз қабили ***Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Хоҷа Аҳрор*** ҳам саҳми босазое гузоштаанд.

Бо шарофати истиқлол номҳои азизи аҷдодони мо, аз қабили **Аҳмади Яссавӣ, Баҳоваддини Нақшбанд, Наҷмиддини Кубро** зинда гашта, қадамҷоҳои онҳо обод гардид. Асарҳои онҳо нашр шуда, аз мероси пурарзиши маънавиашон насли имрӯза баҳраманд аст. Ҳол он ки дар асоси мафкураи исломӣ аҷдодонамон ба камол расида, аз худ изҳои ҳаётии фаромӯшнашавандаро боқӣ гузоштаанд.



**1.** Дар бораи комёбиҳои меъморӣ нақл кунед.
**2.** Оид ба мероси мадании санъати мусиқӣ чиро донистед?
**3.** Ба фикри Шумо аҳамияти дини ислом дар ҳаёти маънавӣ аз чӣ иборат аст?
**4.** Тасаввуф чӣ гуна таълимот аст, онро кадом муҳит ба миён овард?
**5.** Дар тариқати Яссавия кадом ақида бартарӣ дорад?
**6.** Ғояҳои ватанпарварии тариқати Кубровияро тавсиф диҳед.
**7.** Тариқати Нақшбандия инсонро ба чӣ даъват мекунад?

## § 23. ҶАРАЁНҲОИ ЭТНИКӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ХАЛҚИ ЎЗБЕК

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҷараёни этникӣ. Истилоҳи "Ўзбек" Халқи ўзбек.***

**Ҷараёни этникӣ**

Чун дигар халқҳои ҷаҳон ташаккулёбии халқи ўзбек низ маҳсули ҷараёнҳои этникие мебошад, ки давоми солҳои дароз содир шудаанд.

Ўзбекҳо воҳиди алоҳидаи этникӣ буда, дар Мовароуннаҳр, Хоразм, Еттисув, қисман дар минтақаҳои ғарбии Туркистони Шарқӣ ташаккул ёфтаанд. Асоси халқи ўзбекро гурўҳҳои этникии маҳаллӣ, аз қабили *суғдиён, бохтариён, хоразмиён, фарғониҳо, қанғҳои нимкўчманчӣ, сак-массагетҳои бодиянишин*, ки дар ҳудуди имрўзаи Ўзбекистон аз қадим ба таври муқимӣ зиндагӣ карда, бо зироати обёришаванда, ҳунармандӣ машғул буданд, ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар этногенези халқи ўзбек гурўҳҳои этникӣ, ки дар давраҳои гуногун аз Сибири Ҷанубӣ, Олтой, Еттисув, Туркистони Шарқӣ, инчунин соҳили дарёҳои Волга ва Урал ба Мовароуннаҳр дохил шудаанд, иштирок менамоянд. Этносҳое, ки дар боло зикр шудаанд, асосан бо забонҳои туркӣ ва эрониёни Шарқӣ ҳарф мезаданд.

Дар сарзамини байни Амударё ва Сирдарё дар натиҷаи нахустин ҷараёни омехташавии этникии қабила ва халқҳое, ки дар боло зикр шудаанд, майдони ҳудудии туркӣ, ки ба ҳаёти муқимӣ мутобиқ шудаанд, яъне типи антропологии хоси халқи ўзбек кифоя ташаккул меёбад.

*** Ҷараёни этникӣ — дар давоми асрҳо бо ҳам омехта шудани қабила ва халқҳои гуногуне, ки аз рўи саромади худ ба ҳам наздиканд.**

Дар асри III пеш аз мелод дар давраи давлати Қанғ, ки дар маҷрои миёнаи Сирдарё ташкил ёфта буд, этносҳои туркизабон устуворӣ пайдо карда, маданияти ба худ хоси онҳо ташаккул меёбад. Дар асарҳои бостоншиносӣ ин фарҳанг **маданияти Қовунчӣ** ном гирифтааст. Аз рўи таъкиди олимони антрополог маҳз ҳамин давра дар қиёфаи зоҳирии аҳолии маскуни водӣ ва воҳаҳо қиёфаи антропологии барои ўзбек ва тоҷикҳои

имрўзаи воҳа хоси типи антропологии Осиёи Миёна пурра ташаккул меёбад.

Дигар унсурҳои этникие, ки дар этногенези ўзбекҳо иштирок кардаанд, кушонҳо, инчунин хиониҳо, кидариҳо ва эфталҳо, ки дар асрҳои IV—V аз Сибири Ҷанубӣ, Ҷунғория, Туркистони Шарқӣ ба вилоятҳои марказии Осиёи Миёна дохил шудаанд, мебошанд.



*** Асоси халқи ўзбекро суғдиён, бохтариён, хоразмиён, фарғонагиён, шошиён ва сак-массагетҳо ташкил медиҳад.**
*** Асри III пеш аз мелод “Маданияти Қовунчӣ” ва қиёфаи антропологии Осиёи Миёна пурра ташкил меёбад.**



*** Туркистон – кишварест, ки аҳолии туркӣ маскун аст.**

Ҳамчунин ба этногенези ўзбекҳо қабилаҳои туркӣ, ки дар давраи Ҳоқонати Турк ба минтақаҳои марказии Осиёи Миёна ва Хоразм омада, муқим шудаанд, таъсири пурзўр мерасонанд. Дар натиҷаи равнақи муносибатҳои этникӣ-мадании байни унсурҳои туркӣ ва аҳолии маҳаллӣ равобити босуръати комёбиҳои мадании қабати туркӣ ва анъанаҳои маданӣ-хоҷагии маҳаллӣ ба миён омад. Аз асри VII эътиборан, кишвари мо Туркистон ном гирифт.

**Ташкилёбии халқи ўзбек**

Аз асри VIII ба Осиёи Миёна ворид шудани халқҳои араб ва аҷам ба ҷараёнҳои этникии минтақа таъсири калон нарасонд. Ҳамон давр, дар таркиби этникии аҳолӣ тағйироти муайяне рўй дода бошанд ҳам, аҳолии муқимнишин ва ниммуқимнишини Мовароуннаҳр, суғдиҳо ва аҳолии таҳҷоии Хоразм дар ҳудудҳои худ монда, зери ҳукмронии арабҳо дар зери эътиқоди ягонаи динӣ зиндагӣ кардаанд.

Асри IX дар минтақаи Мовароуннаҳр қабати яклухти этникии туркӣ, муҳити зиндаи забони туркӣ тадриҷан ба вуҷуд меомад ва дар навбати худ дар суғдҳо ва дигар этносҳои маҳаллӣ низ ҷараёни туркишавӣ суръат пайдо мекунад. Ҳамон давра дар Мовароуннаҳр ва Хоразм қабати этникии туркӣ соҳиби асоси пурзўри этникӣ шуда, аксарияти пояи ин қабатро этносҳои туркии муқимнишин ташкил медоданд.



Ҷараёнҳои этникие, ки дар давраи Қарохониён дар Мовароуннаҳр ва Хоразм ба муносибати ба дасти қабилаҳои туркӣ гузаштани ҳокимияти сиёсӣ содир шуданд, дар ташаккули халқи ўзбек зинаи ҷамъбастӣ гардиданд. Маҳз дар ҳамон давра омилҳои этникии барои ҳалқи ўзбек хос ташаккул ёфтааст. Дар ҳамин давр забони умумии халқи ўзбек қарор меёбад.

Ҳамин тариқ, дар вазъияти хеле мураккаби сиёсӣ, дар натиҷаи ҷараёнҳои этникӣ, ки муттасил давом карданд, дар асри IX ва ибтидои садаи XII халқи ўзбек ташаккул ёфт. Решаи асосии онро аҳолии зироаткори муқимӣ ва чорводори миришкоре ташкил медод, ки дар кишварамон муқимӣ умр ба сар мебурданд. Аҳолии тарзи зиндагониашон ду хел қарор ёфта бо ду забон – *суғдӣ* ва *туркӣ* ҳарф задаанд. Дар асоси силсилаҳои ба худ хоси ин ду забон имлоҳои *«хати суғдӣ»* ва *«катибаи рўҳи туркӣ»* ба вуҷуд омад. Бешак, дар натиҷаи ҳамоҳангӣ пайдо кардани алоқаҳои иқтисодӣ ва мадание, ки дар давоми асрҳо инкишоф ёфтанд, сабабгори якҷояшавии ўзбекон ва қавмҳои як қатор бародар гардид. Изи ин ҷараёнҳои этногенетики бузург, ки ҳануз хат пайдо нашуда оғоз ёфта буд, дар номҳои масканҳои кишварамон ифодаи худро пайдо кардааст.



*** Дар асрҳои IX – XII халқи ўзбек ташаккул ёфт. Асоси онро аҳолии таҳҷоии зироаткор ва чорводор ташкил дод, ки дар кишварамон зиндагӣ кардаанд.**
*** Аҳолии Мовароуннаҳр аз қадим бо ду забон: суғдӣ ва туркӣ ҳарф задаанд.**



**1.** Дар бораи ҷараёнҳои этникии кишвар нақл кунед.
**2.** Халқи ўзбек чӣ гуна ташаккул ёфтааст?
**3.** Оё медонед, ки аҷдодони халқи ўзбек киҳо буданд?
**4.** Дар бораи кадом маъноро ифода кардани номҳои ўзбек ва Ўзбекистон фикр намоед.



# БОБИ IV
# МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ ХАЛҚҲОИ ВАТАНАМОН БА МУҚОБИЛИ ЗУЛМУ ИСТИБДОДИ ЧИНГИЗХОН

## § 24. МУНОСИБАТИ САЛТАНАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН БО ДАВЛАТИ МУҒУЛҲО

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Қабилаҳои муғул. Муттаҳид шудан дар зери давлати ягона. Таназзули давлати Хоразмшоҳиён.***

**Давлати муғулҳо**

Дар асри XI дар ҳаёти қабилаҳои муғул муносибатҳои авлодӣ ҳанӯз хеле пурзӯр буданд. Онҳо асосан бо чорводории кӯчманчигӣ, шикорчигӣ ва савдои муовизагӣ шуғл доштанд. Ҳамон давр дар байни авлоду қабилаҳои муғул мубориза авҷ мегирифт. Дар муборизаҳои дохилӣ аз байни пешвоёни авлодҳои муғул баҳодуре бо номи **Тимучин (1155—1227)** ғолиб мегардад. **Соли 1206** дар қурултои пешвоёни авлод ва қабилаҳои муғул, ки дар соҳили дарёи Онон даъват шуда буд, Тимучин хони бузург эълон гардида, ба ӯ лақаби **Чингиз** дода ва ба давлати Муғулҳо асос гузошта мешавад.

Чингизхон қӯшуни сершумори хуб мусаллаҳгардида, боинтизом ва муташаккил, қисми ҳифозатгарони хосро аз ҷумлаи 10 ҳазор нафар баҳодурони **турк-кезик** (кешик) ташкил менамояд Акнун ӯ барои пеш бурдани ҷангҳои истилогарона шурӯъ мекунад.



**Чингизхон.**

### Ишғоли давлатҳои ҳамсоя

**Соли 1206** аввал найманҳо тобеъ кунонда мешаванд. **Солҳои 1207—1208** ҳавзаи Энасой, сипас қисми шимолии вилояти Еттисув забт карда, уйғурҳо таслим мешаванд.

**Солҳои 1211 —1215 Чингизхон** якчанд маротиба ба Чин ҳуҷум намуда, маркази Чини Шимолӣ — шаҳри Сзиндӣ (Пекин)-ро ишғолу сулолаи Сзинро аз тахт сарнагун месозад. Заминҳои Чини Шимолӣ ба давлати Муғулистон ҳамроҳ мегардад. Чингизхон аз Чин якҷоя бо ғанимат ва чӯриҳои зиёд ҳунармандони моҳир — устоёни аслиҳаҳои ҳарбӣ ва донандагони истифодаи ин аслиҳаро низ ба Муғулистон ҳамроҳ мебарад. Ба туфайли ҳамин вай қӯшуни худро бо беҳтарин силоҳи ҳарбии замонаш таъмин месозад.

Чингизхон **солҳои 1218—1219** вилоятҳои Туркистони Шарқӣ ва Еттисувро бе ягон талафот ба даст оварда, ба давлати Кучлуки он ҷо хотима мебахшад. Ҳамин тавр, вилоятҳои воқеи сарзамин аз сарҳади шарқии Саҳрои Гобӣ то доманаҳои ғарбии қаторкӯҳи Тангритоғ (Тёншон) зери ҳукмронии давлати муғулҳо муттаҳид мегардад. Акнун ҳудудҳои ғарбии давлати муғулҳо бо сарҳади салтанати Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ бевосита ҳамҷавор шуд.

### Робитаҳои сафоратӣ

Дар байни Чингизхон ва Хоразмшоҳ барои донистани қудрати якдигар ва дар ин бора ҷамъ овардани маълумотҳо саъю ҳаракат зоҳир гардид. Байни онҳо ҳатто робитаҳои сафоратӣ барқарор мегардад.

Сараввал **соли 1216** Хоразмшоҳ ба ҳузури Чингизхон сафирони худро таҳти сарварии **Баҳоуддини Розӣ** мефиристад. Сафиронро Чингизхон бо илтифоти зиёде мепазирад. Ӯ ҳатто аз сафирон хоҳиш мекунад, ки ба Хоразмшоҳ эътирофи ӯро дар хусуси он, ки вай султон Муҳаммадро соҳибқирони Ғарб ва худро подшоҳи Шарқ медонад, бирасонад. Ҷавобан ба он Чингизхон сафирони худро бо корвони калони иборат аз тӯҳфаҳо ва молҳои қиматбаҳо ба Хоразм мефиристад. Сарвари сафирон савдогари хоразмӣ **Маҳмуд Ялавоч** таъин мегардад. **Баҳори соли 1218** Султон Муҳаммад дар шаҳри Бухоро сафирони Чингизхонро қабул мекунад. Сафирон хоҳиши Чингизхонро дар бораи ӯро дар қатори писарони барҷастаи худ шинохтани Султон Муҳаммад расонида, ҳамчунин ризоияти бастани шартномаи дӯстонаро баён месозанд. Хоҳиши "илтифотомез"-и Чингизхон

дар бораи ҳамчун писари барҷастаи худ донистани ӯ аз тарафи Султон Муҳаммад ифодаи нияти ба худ тобеъ намудани Хоразмшоҳро доштани вай буд. Чунин рафтор ба подшоҳе, ки худро Искандари Сонӣ меномид, хуш намеояд. Хоразмшоҳ шабона ба таври махфӣ Маҳмудро ба ҳузури худ мехонад. Аз сафир талаб менамояд, ки азбаски ӯ аслан хоразмист, ба Чингизхон не, балки ба шоҳи Хоразм бояд хизмат кунад. Ҳақиқатро дар бораи Чингизхон баён сохта, баъд дар қароргоҳи хон вазифаи ҷосусии Хоразмшоҳро ба иҷро расонданаш лозим меояд. Чингизхон аз натиҷаи кори сафирони худ мамнун мегардад. Зеро Маҳмуд Ялавоч дар бораи давлати Хоразм ва подшоҳи он барои Чингизхон нисбат ба Хоразмшоҳ оид ба муғулҳо додааш бештар маълумот ҷамъ оварда буд.

**Тезутунд гардидани муносибатҳо**

Бо мақсади изҳори миннатдории худ ба Султон Муҳаммад ва имзо намудани шартномаи байни ду давлати бузурги ҳамсоя **соли 1218** Чингизхон ба Хоразм корвони хеле калони савдо ва сафиронро мефиристад. Корвон аз 500 шутур, ки ашёҳои нуқра, шоҳивори чинӣ, мӯина ва дигар молҳои қиматбаҳо дошт, аз 450 нафар савдогарони мусулмон ташкил ёфта буд. Ин корвони калони савдо ба самти пойтахти мамлакат шаҳри Урганҷ роҳ пеш гирифт. Вале корвон дар шаҳри сарҳадии Ӯтрор боздошта мешавад. Бино ба амри ноиби шаҳр **Ғоирхон** (Инолчиқ) корвон талаву тороҷ ва ҳамаи савдогарон кушта мешаванд. Танҳо як нафар шутуркаш аз марг раҳо меёбад. Ӯ ба қароргоҳи Чингизхон расида аз қисмати даҳшатноки корвон хабар медиҳад.

Ҳарчанд аз кирдори хиёнаткоронаи ноиби Ӯтрор, ки аз маъмурони Хоразм ба ҳисоб мерафт, сахт ба ғазаб омада бошад ҳам, Чингизхон худро боздошта **Ибн Кафроҷ Буғроро** ҳамроҳ бо ду нафар нозирони боэътимод ба ҳузури Хоразмшоҳ мефиристад. **Чингизхон аз Султон Муҳаммад** талаб мекунад, ки гунаҳкорон ҷазо дода ва Инолчиқ ба дасти Чингизхон супурда шавад.

Ҷавобан ба ин талаби Чингизхон Хоразмшоҳ амр медиҳад, ки сафир кушта ва ду тан нозирон аз ришу мӯйлаби худ маҳрум карда, шармандавор пас гардонида шаванд. Ин воқеаҳо маънои батамом канда шудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва сафоратии ду давлати бузургро дошт. Воқеае, ки Хоразмшоҳ ба он роҳ дод, ба оғози ҷанги байни ду давлати бузург баҳона гардид.



**Ҷанги Хоразмиён ба муқобили муғулҳо.**

## Ба таназзул рӯ овардани давлати Хоразмшоҳиён

Дар ибтидои асри XIII миқдори умумии қӯшуни Хоразмшоҳ нисбат ба қувваи ҳарбии **Чингизхон** чанд маротиба зиёдтар буд. Ҳокимияти Хоразмшоҳ аз ҷиҳати сиёсӣ, бахусус идораи маъмурӣ мустаҳкам набуд. Лаҳзаҳои ба ҳолати бӯҳрон афтодани давлат мансабдорон вазифаҳои худро партофта мерафтанд ва ба подшоҳ итоат накарда худсарона кор пеш мебурданд. Ҳатто ҳокимони баъзе вилоятҳо ба Хоразмшоҳиён ба ном итоат карда, дар амал мустақил буданд. Илова бар он дар даргоҳи олии султон низои дохилаи пурзӯре ҳукм меронд. Хусусан модари забардасти Султон Муҳаммад **Турконхотун**, ки бо номи "модари туркон" шӯҳрат дошт, бо аслзодагони қипчоқ, саркардаҳои олии қӯшун мувофиқи робитаҳои авлодӣ сахт пайвандӣ дошт. Дар роҳи манфиати ҳамқавмони худ ин модари шаддод ба ҳама гуна фитнаҳои сарой сарварӣ менамуд. Ҳатто дар онҳо рӯҳияи зидди шоҳиро бедор сохта буд.

Дар айёми авҷ гирифтани низоъҳои дохила, худсарӣ ва норозигии шаҳрвандон, ба таназзули сиёсӣ рӯ овардани мамлакат ба истилои қабилаҳои ҷанговари муғулҳо дучор омад. Ба мақсади бартараф сохтони вазъияти ниҳоят хавфнок **Султон Муҳаммад** дар охири давраи ҳукмронии худ «Машварати давлатӣ»-ро созмон дод. Ба машварат 6 нафар вакилони босавод ҷалб гардиданд. Дар он мавзӯъҳои аз ҳама муҳим муҳокима шуда, қарор қабул гардад ҳам, аммо дар амал натиҷаи мусбӣ намебахшад. Дар чунин вазъият вай ба истилои қабилаҳои муғул таҳти сарпарастии Чингизхон дучор омад.



1. Давлати муғулҳо чӣ тавр ташкил ёфт?
2. Чингизхон кадом давлатҳои ҳамсояро забт намуд?
3. Мақсади аслии робитаҳои сафоратии Чингизхон ва Хоразмшоҳ аз чӣ иборат буд?
4. Чаро муносибатҳои Чингизхон ва Хоразмшоҳ тезутунд гардид?
5. Давлати Хоразмшоҳиён аз кадом сабаб ба таназзули сиёсӣ дучор омад?

## § 25. ИСТИЛОИ ЧИНГИЗХОН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Нақшаи мудофиа. Муҳосираи Ўтрор. Фоҷиаи Бухоро. Ҷасорати Темурмалик.***

### Нақшаи мудофиаи Хоразмшоҳ

Чингизхон ба юриши Мовароуннаҳр аҳамияти ҷиддӣ дода, барои амалӣ гардондани нақшаҳои худ омодагии хуб дида буд. Ҳанўз юриши ҳарбӣ оғоз нагардида, ў маълумотҳоеро, ки оид ба қудрат ва омодагии ҷангии душман аз тариқи савдогарон ба даст оварда буд, омўхта, аз вазъияти дохилаи давлати Хоразмшоҳиён пурра хабардор гашт.

Афсўс, ки ихтилофи байни подшоҳ ва саркардаҳо аз аввал имкон надод, ки аз бисёр бартарӣ истифода баранд. Хусусан, дар Шўрои ҳарбӣ, ки дар арафаи оғози ҷанг баргузор шуд, ихтилофи байни онҳо равшан аён гашт. Дар Шўро ба ҷои муайян намудани нақшаи ягонаи задани зарба бар зидди душман фикрҳои ҳархела пайдо шуданд. Султон аз марказонидани қўшун дар як ҷо метарсид. Ба назари ў қўшуни ба як ҷо ҷамъоварда, худи ўро аз тахт сарнагун сохтанаш мумкин буд. Бинобар ин дар Шўрои ҳарбӣ султон қарор дод, ки қўшунҳои худро дар шаҳрҳои гуногун ҷойгир сохта, дар ҷанг тактикаи мудофиаро пеш гирад. Ҳамин тавр, мамлакат дар зери хавфи калон монд.

### Муҳосираи Ўтрор

**Тирамоҳи соли 1219** юриши Чингизхон ба муқобили Хоразмшоҳ оғоз ёфта, миқдори умумии аскарони ў ба 200 ҳазор наздик буд. Қўшуни Чингизхон ба шаҳри **Ўтрори** воқеъ дар соҳили Сирдарё юриш карда, дар наздикии он тамоми қувваҳои ҳарбии худро ҷамъ оварда, барои дар муддати кўтоҳ забт намудани Мовароуннаҳр онро ба чор қисм тақсим кард. Як қисмашро таҳти роҳбарии писаронаш **Чиғатой** ва **Уктой** барои дар муҳосира нигоҳ доштани Ўтрор дар шаҳр мононд. Ба қисми дуюмаш **Ҷўҷиро** сарвар таъин намуда, ба саргаҳи Сирдарё фиристод. Ўро барои забти **Сиғноқ, Ўзган, Ҷанд, Янгикент** вазифадор намуд. Қўшуни панҷҳазораи сеюмро зери сарварии **Алоқнуён** ва **Сукату Чўрби** қад-қади соҳилҳои миёнаи Сирдарё ба ҷониби шаҳрҳои **Банокат** ва **Хуҷанд**, ки дар болооби дарё ҷойгир буданд, фиристод. Худи Чингизхон бошад, бо қувваи асосӣ тавассути даштҳо сўи **Бухоро** лашкар кашид.

Ўтрор шаҳри сарҳадии дорои қалъаи мустаҳкам буд. Таҳти сарпарастии ноиби қалъа Ғоирхон (Инолчик) дар шаҳр 20 ҳазор

## ҲУКМРОНИИ МУҒУЛҲО ДАР ОСИЁИ МИЁНА (асрҳои XIII—XIV)



савора буд. Дар арафаи муҳосира ба ӯ ба мақсади кӯмак таҳти сарпарастии **Қорача Ҳоҷиб** қӯшуни 10 ҳазорнафара омада ҳамроҳ гардида буд. Аз рӯи маълумоти Ҷувайнӣ маълум мегардад, ки ба ғайр аз ин қувваҳо Султон Муҳаммад 50 ҳазор аскарро фиристода буд, ки **«Лашкари берун»** ном дошт. Оқибат дар шаҳри Ӯтрор ба муқобили душман қувваи ниҳоят пурқувват ташкил ёфта буд. Ҳамин тавр бошад ҳам, аз рӯи баёни солноманависони ҳамон давра маълум мегардад, ки муғулҳо шаҳрро муҳосира карда, ҳимоягаронро ба саросема андохтанд. Дар рӯзҳои аввали муҳосира таҳти сарпарастии султон **Сафи Ақраъ Ҳоҷиб** вакили ҳокимияти шаҳр **Бадриддин Амир** қозии Ӯтрорро қатл мекунанд ва оқибат авлодони он ба тарафи муғулон гурехта мераванд.

Мувофиқи манбаъҳо муҳосираи Ӯтрор **5 моҳ** давом мекунад. Муғулҳо ҷӯйҳои ба шаҳр воридшавандаро гӯр мекунанд, бо кӯмаки манҷаниқҳо ба шаҳр санг, кӯзачаҳои бо нафт пургардида (пиликҳо)-ро даргиронда меғуронанд, хандаки атрофи қалъаро бо чӯбу шоххо ва хок пур карда, аз зери девори қалъа лаҳн (туннел) мекананд, дарахтонро бурида, шотиҳои (норвонҳои) пайваста сохта ва ба девор часпонда буданд.

Дар давраи муҳосираи Ӯтрор на танҳо дар муҳорисабудагон, балки муғулҳо ҳам талафоти калон диданд. Сафи дар муҳосирабудагон торафт кам гардида, норасоии хӯроквории бештар ҳис мегардид. Дар айёми аз ҳама душвори муҳосираи Ӯтрор **Корача Ҳоҷиб** бо қӯшуни худ аз дарвозаи шаҳр баромада, ба муғулон таслим мегардад. Аммо хиёнаткоронро муғулон ҳам набахшиданд. Онҳо **Қорача Ҳоҷиб** ва аскаронашро қатл карданд.

Дар ҳамин асно ӯтрориён шаҳрро мудофиа карда, дар давоми панҷ моҳ дар дасти худ нигоҳ доштанд. Алалхусус **Ғоирхон** худро дар бобати куштори савдогарон ва сарбозони Чингизхон айбдор ҳис карда, то нафаси охирин бо душман даст ба гиребон шуд. Аскарони ӯ ба панҷоҳнафарӣ тақсим шуда, ба беруни қалъа баромада, бо истилогарон ҷанг карда, ҳалок мешуданд. Қӯшуни Ҷиғатой аз деворҳои қалъа рахнаҳо кушода, ба дарун якбора даромада, аҳолиро аз шаҳристонҳо пеш карда баровард ва шаҳрро толону тороҷ намуд.

Як қисми муҳофизон таҳти сарпарастии **Ғоирхон** дар арки Ӯтрор ҷойгир гашта, мӯҳлати мудофиаро ба боз як моҳ дароз карданд. Ҷиғатойзодагон аҳд карданд, ки бо кадом роҳ набошад, Ғоирхонро ба даст оваранд. Оқибат ӯ дар муҳосира монда, асир мегардад. Ӯро ба Самарқанд мебаранд ва азоб дода мекушанд.

### Фоҷиаи Бухоро

**Феврали соли 1220** Чингизхон ба Бухоро рафта мерасад. Вале, Бухоро ба муқовимат бар зидди неруи душман тайёр набуд. Бухороиён аз рӯи ноилоҷӣ ғайр аз таслимшавӣ ба душман дигар чорае наёфтанд. Қозии Бухоро **Бадриддин Қозихон** бо зодагони худ якҷоя бо илтиҷои шафқат ба ҳузури Чингизхон мебароянд.

**16 феврали соли 1220** муғулҳо Бухороро забт менамоянд. Бухоро, ки яке аз марказҳои қадимаи Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт, талону тороҷ мегардад. Хазинаҳои беҳисоб хароб гашта, асарҳои дастнависи чандинасра, китобҳои муқаддас даронда, зери пои ҳайвонот мисли хазон рехта шуд. Донандагони илму маърифат, ба монанди уламо ва шайхон барои ҷанговарони беэътибори муғул чун ғулом хизматкор гашта, гоҳо барои масхарабозӣ ба дасти бахшиён супурда мешуданд. Бо амри Чингизхон Бухороро оташ заданд.

### Ҷанги Самарқанд

Чингизхон сӯи Самарқанд роҳ пеш гирифта, **моҳи марти соли 1220** ба шаҳри бузург ва муҳими Мовароуннаҳр наздик мешавад. Ӯ аз қасри Кӯксарой, ки берун аз шаҳр воқеъ буд, истода ба муҳосираи шаҳр сарварӣ менамояд. Дар остонаи шаҳр се рӯз ҷанги пуршиддат давом кард.

Рӯзи сеюм муҳофизатгарон муҳосираро рахна карда, ба муғулҳо ҳуҷум меоваранд. Муғулҳо онҳоро тамоман қир мекунанд. Рӯзи панҷуми муҳосира шаҳр таслим мешавад. Муғулҳо калонтарин иншооти обии **Қӯрғошин**новаи Самарқандро вайрон сохта, шаҳрро ба беобӣ гирифтор менамоянд. Аз дарвозаи Намозгоҳ зада даромада, як қатор иншоотҳоро ба вайрона табдил медиҳанд. Аҳли шаҳристон бадар карда, Самарқанд тороҷ мегардад.

Султони мамлакат Муҳаммад Хоразмшоҳ аз таъқиби қӯшуни 30 ҳазорнафараи муғулҳо базӯр халос шуда, сӯи Эрон мегурезад. Сипас, дар ҷазираи **Ашураи** баҳри Каспӣ ҷон ба амон мебарад. Хоразмшоҳи тарсу ба қудрати худ нобоварона назар карда, писараш **Ҷалолиддини Мангубердиро** вориси тахт таъин намуда, дар хориву зорӣ ва ғарибӣ аз асари беморӣ вафот кардааст.

### Ҷангҳои соҳили Сирдарё

Ҳамон давра қисми асосии аскарони муғул, ки ба онҳо Ҷӯҷӣ раҳнамоӣ мекард, дар поёноби Сирдарё музаффарона ҳаракат мекарданд. Пеш аз ҳама ӯ ба шаҳри **Сиғноқ**, ки аҳолиаш зич ҷой гирифта, шаҳри



бои тиҷоратӣ буд, ҳуҷум мекунад. Аҳолии Сиғноқ ҳафт рӯз шаҳрро қаҳрамонона мудофиа менамояд. Рӯзи ҳаштум шаҳр маҷбуран ба муғулҳо таслим мегардад. Истилогарон шаҳрро тороҷ намуда, то охирин нафар аҳолии онро нобуд месозанд.

**Моҳи апрели соли 1220** истилогарон **Ҷандро** ишғол намуда, талаву тороҷ мекунанд. Қисми яроқноки аҳолиро қатл сохта, шаҳрро ба вайрона табдил медиҳанд. Муғулҳо қӯшуни хурди иборат аз панҷ ҳазор аскарро ба шаҳри Банокат (Шохруҳия), ки дар соҳили дарёи Сайҳун (Сирдарё) ҷой гирифта буд, мефиристанд. Шаҳр баъди мудофиаи чоррӯза таслим гардид.

### Ҷасорати Темурмалик

Шаҳри **Хуҷанд** дар ҷои ба ду тақсим шудани дарё воқеъ гардида буд. Бо ҷойгиршавии табиии худ, ҳамчунин бо қаҳрамонии шахсии ҳокими шаҳр **Темурмалик** хуҷандиён тавонистанд ба муғулон муқовимати сахт нишон диҳанд. Вале, бинобар нобаробарии неруҳо Темурмалик маҷбур шуд, ки шаҳрро гузошта, бо лашкари ҳазорнафараи худ дар яке аз ҷазираҳои миёнаи дарёи назди шаҳр ҷой гирад. Бо фармони Темурмалик 12 қаиқ сохта, барои сӯрох накардани тири душман ва нигоҳ доштан аз сӯхтор болои онҳо бо намат пӯшонида, бо лой андова карда мешаванд. Бо чунин қаиқҳо шино карда, аз шинакҳои махсуси деворҳои пеши он бемалол душманро тирборон мекарданд.

Темурмалик ҳамин тавр, бо қаиқҳо ба душман муқобилият нишон медиҳад. Лекин, бинобар кам будани қувва, ғизо ва аслиҳа неруи худро ба 70 киштӣ бор карда, шабона бо машъалаҳои фурӯзон бо рафти ҷараёни дарё шино мекунад.

Ҳамин тавр, қӯшуни Темурмалик ҷанги бардавом пеш бурда, бо мушкилию азобҳои зиёд ба шаҳри **Ҷанд** мерасад. Гарчанде аз ду соҳили дарё дар наздикии **Барчинлиғкент** ва **Ҷанд** муғулҳо роҳро баста бошад ҳам, хуҷандиёни ҷасур ба соҳил фаромада, бо душман ба набарди охирин медароянд. Пас аз чанде ӯ ба қӯшун ва лашкари халқие, ки дар Хоразм ҷамъ шуда буд, роҳбарӣ менамояд. Ба муқобили Ҷӯҷӣ бомуваффақият ҷангида, ҳатто аз дасти ӯ шаҳри **Янгикентро**, ки дар поёноби Сирдарё буд, баргардонда мегирад.

Тобистони **соли 1220** Чингизхон ба **Нахшаб (Қаршӣ)** дохил мешавад ва ишғол менамояд. Тирамоҳи ҳамон сол ӯ ба **Тирмиз** лашкар кашида, **рӯзи ёздаҳуми** муҳосира онро бо ҳуҷуми барқосо гирифта, ба хароба табдил медиҳад.

Пас аз забти ҳавзаи Сирдарё (Сайҳун) водиҳои Зарафшону Қашқадарё ва соҳили чапи поёноби Амударё (Ҷайҳун) Чингизхон қувваи асосиро ба қисми марказии давлати Хоразмшоҳиён — Хоразм сафарбар мекунад.

1. Ҳуҷуми Чингизхон кай ва аз куҷо оғоз ёфт?
2. Барои чӣ Хоразмшоҳ тактикаи мудофиаро маъқул донист, он чаро хато буд?
3. Ўтрорро чӣ гуна мудофиа карданд?
4. Дар бораи фоҷиаи Бухоро ҳикоя кунед.
5. Дар бораи ҷанги Самарқанд чиро медонед?
6. Темурмалик чӣ гуна ҷасорат нишон дод?

## § 26. ҲАЛОКАТИ ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***«Ё Ватан, ё марги бошараф». Ҷасорати Мангубердӣ. Оқибатҳои истилоъ.***

### Муҳосираи Урганҷ

**Аввали соли 1221** юриши қўшунҳои Чингизхон ба Урганҷ оғоз гардид. Ҷалолиддини Мангубердӣ, ки нав султони давлати Хоразм эълон гардида буд, ҳарчанд ба мудофиаи Хоразм эътибори ҷиддӣ диҳад ҳам, аммо **Туркон Хотун** ҳокимияти Ҷалолиддинро эътироф насохт. Султон Ҷалолиддин аз фитнаи сарлашкарони қипчоқ, ки бар зидди ў бо сарварии ноиби собиқи Ҷанд — **Қутлуғхони** гуреза барангехта буд, огоҳӣ ёфта, маҷбур мешавад ҳамроҳи Темурмалик ба Хуросон равад. Чунки дар чунин вазъият бар зидди душмани баттол, ки сўи пойтахт меомад, ташкил намудани мудофиаи Урганҷ ғайриимкон буд. Ба зудӣ шаҳзодаҳо **Ўзлуқшоҳ** ва **Оқшоҳ** низ Урганҷро тарк намуда, роҳи гурезро пеш мегиранд. Тақдири пойтахт ба дўши амири тарсончаку амалпараст **Хумортегин** монд.

**Зимистони соли 1221** аскарони 50 ҳазорнафараи муғул Урганҷро муҳосира мекунанд. Урганҷиён ба неруи ҳарбии пурқудрат ва аслиҳаи зиреҳдори душман нигоҳ накарда, шаҳри худро мудофиа менамоянд. Дар задухўрдҳои кўчагии пойтахт алломаи бузурги замон **Аҳмад ибни Умари Хевагии** 76-сола низ, ки бо номи Шайх **Наҷмиддини Кубро** шўҳрат ёфта буд, бо дўсту шогирдон ва устодони худ ширкат меварзад. Зери шиори илтиҷоомези **Наҷмиддини Кубро «Ё Ватан, ё марги бошараф»** ҳар як маҳалла, кўчаву гузар, раставу масҷид, мадрасаву хонадон ба ҷанггоҳ табдил меёбад. Дар задухўрдҳои

кӯчагии бардавом ҳазорҳо аскарони муғул ҳалок мегарданд. Муғулҳо то ин вақт дар ягон шаҳри Мовароуннаҳр ин қадар қурбонӣ надода буданд. Ин муборизаи хунин ҳафт моҳ давом кард.

Чингизхон ба Наҷмиддини Кубро таклиф намуд, ки бо аҳли аъён, ёру дӯстонаш аз шаҳр берун гашта, ҷонашро эмин нигоҳ дорад. Аммо шайх таклифи Чингизхонро рад кард. Оқибат дар ҷанги нобаробари шадид бо душман Наҷмиддини Кубро сахт захмдор гашта, худро ба болои сарбози муғул, ки теғ ба даст меистод, партофта қаҳрамонона шаҳид мешавад. Урганҷиён аз ноилоҷӣ таслим мешаванд ва аз тарафи муғулҳо талаву тороҷ мегарданд. Обанбори калонтарини шаҳр вайрон карда, Урганҷро об зер карда, он ба вайрона табдил меёбад.

## Ҷасорати Ҷалолиддини Мангубердӣ

Пас аз истилои шаҳрҳои асосии Мовароуннаҳр юриши истилогаронаи ҷанговарони муғул ба шаҳрҳои воқеъ дар ҷануби Амударё — **Балх, Ҳирот, Марв** ва **Ғазна**, ки марказҳои калони тиҷоратӣ ва маданӣ ба ҳисоб мерафтанд, нигаронда шуд. Аммо дар ин вилоятҳо онҳо ба муқобилияти сахти Ҷалолиддини Мангубердӣ дучор меоянд. Дар ин ҷо ӯ лашкари пурқудрате ҷамъ оварда буд.

Ҷалолиддини Мангубердӣ чанд сол қабл дар сарзаминҳои **Ғазна, Бомиён** ва то ҳудудҳои Ҳиндустон ҳоким таъин шуда буд. Аз ин рӯ, ӯ ба ҷониби **Ғазна** равон шуд. Дар роҳ ба вай ноибони Хуросон бо қӯшунҳои худ ҳамроҳ гаштанд. Султон Ҷалолиддин дар наздикии шаҳрҳои **Нисо** ва **Қандаҳор** ба қӯшунҳои муғул зарбаҳои ҳалокатовар зада, ба Ғазна рафта мерасад. Ба сафи қӯшунҳои ӯ неруҳои нав ҳамроҳ шуданд. Ҷалолиддин ба қӯшунҳои муғул, ки қалъаи Валиёнро муҳосира мекард, ҳуҷуми ҷавобӣ намуда, онро торумор мекунад. Ин нахустин ғалабаи калони Ҷалолиддин аз болои душман буд.

Чингизхон ба муқобили Ҷалолиддини Мангубердӣ нӯён **Шики Хутухиро** бо қӯшуни 45 ҳазорнафара мефиристад. Дар ҷанги дашти **Парвон** Ҷалолиддин ғалаба ба даст меорад. Вале пас аз ғалаба дар тақсими ғанимати ба дастомада дар байни сарлашкарони Ҷалолиддин ихтилофот сар мезанад. Оқибат, аз сарлашкарон **Сайфиддини Ағроқ, Аъзами Малик** ва **Музаффари Малик** аз қӯшун ҷудо мешаванд. Баъди ин воқеа, нерӯи ҳарбии Ҷалолиддин хеле суст мегардад.

Аз фурсат истифода бурда Чингизхон сӯи Ғазна лашкар мекашад ва ихтилофшудагонро дар алоҳидагӣ торумор месо-


Ҷалолиддини Мангубердӣ.

зад. Ҷалолиддин ҷангҳои нобаробар пеш бурда, ба соҳилҳои дарёи **Синд (Ҳинд)** наздик мешавад. Дар соҳили дарё **25 ноябри соли 1221** ҷанги шаддид сурат мегирад. Ҷалолиддин сафҳои пеши қӯшуни Чингизхонро мағлуб месозад. Вале 10 ҳазор нафар аскарони беҳтарини муғул, ки дар камин буданд, оқибати ҷангро ҳал мекунанд. Ҷалолиддин таслим шудани худро нахоста бо асп ба он сӯи дарёи Синд гузашта меравад. Якҷоя бо ӯ чаҳор ҳазор аскараш низ аз дарё мегузарад. Имрӯзҳо ҳам як тарафи ин дарё "аспгузар" ва тарафи дигари он "Биёбони Ҷалолӣ" номида мешавад. Ба ҷасорати Ҷалолиддин Чингизхон қоил монда, аз фикри таъқиб кардани ӯ бармегардад. Ҳатто ӯ ба фарзандонаш муроҷиат карда мегӯяд: "*Писари падар ана ҳамин тавр шуданаш лозим*".

Ҷалолиддин боз 11 сол гоҳ дар Эрон ва гоҳ дар Озарбойҷон муборизаро бир зидди муғулҳо давом медиҳад.

Ҳамин тариқ, саркардаи бузург Ҷалолиддини Мангубердӣ ва ҳамсафони фидоии ӯ, ки қувваи ҷанговарро ташкил медоданд, гарчанде дар роҳи тақдири Ватан ҳаёти худро дареғ надошта, ба муқобили душмане, ки аз ҷиҳати қудрат якчанд маротиба бартарӣ дошт, тӯли чандин солҳо қаҳрамонона мубориза баранд ҳам, вале нигоҳ доштани сарзамини худ аз дасти душманон ба онҳо муяссар нагардид. Чунки фурсат аз даст рафта буд. Ҳокимияти охирини Хоразмшоҳиён **соли 1231** ба анҷом мерасад. Ин давлати бузурги Шарқ пурра барҳам мехӯрад.

Ҷашни 800-солагии мавлуди аҷдоди бузургамон Ҷалолиддини Мангубердӣ, ки дар роҳи озодии Ватан ҷонро фидо кардааст, дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол **соли 1999** таҷлил ёфт. Дар Хоразм ба ӯ ҳайкал гузошта, ба кӯча ва майдонҳои калон номи ӯро гузошта, видеофилм, песа ва достонҳо офарида шуданд. **30 августи соли 2000** нишони (ордени) "Ҷалолиддини Мангубердӣ" таъсис ёфт.

## Оқибатҳои истилои муғул

Дар натиҷаи истилои муғулҳо вилоятҳои деҳқонии сарсабзи Мовароуннаҳр ва Хоразм ба ҳалокат расид.






**Ордени Ҷалолиддини Мангубердӣ.**

Шаҳрҳои серодам ва сабзу хуррам, хусусан, **Бухоро, Самарқанд, Урганҷ, Марв, Банокат, Хуҷанд** ва ғайра ба харобазор табдил ёфтанд. Сарбанди асосии шабакаи обёрии воҳаи Марв — **Султонбанди** машҳур вайрон гардид.

Самарқандиён шаҳри азизи худро тарк намуданд. Аҳолии Марв бошад, деҳоти аз беобӣ хушкидаистодаро партофта, дар ҷойҳои бегона маскан гирифтанд. Урганҷ ба об ғарқ шуда, тамоман вайрон гашт. Дар натиҷаи назаррас кам шудани миқдори зироаткорони аҳолии Хоразм ва Мовароуннаҳр масоҳати кишт ҷиддан кам гашта, зироаткорӣ рӯ ба таназзул ниҳод.

Ҳунармандони моҳир барои обод намудани кишвари ғолибон иҷборан ба Муғулистон фиристода шуданд. Ҳунармандӣ ба мисли сохтани яроқу аслиҳа, бофтани шоҳивори нафис, шишасозии нақшдор, ки дар тамоми Шарқ шӯҳрат ёфта буд, барҳам хӯрд.

**«Роҳи абрешим»**, ки давоми асрҳо Чину Ҳиндустонро бо воситаи Туркистон ба самти Осиёи Хурд ва Аврупо мепайваст, дар давраи истилои муғулҳо комилан аз ҳаракат бозмонд. Дар ин давр ба илму маърифат низ футури ҷиддӣ расонда шуд.

1. Дар бораи мудофиаи Урганҷ чиро медонед?
2. Маънои хитоби Наҷмиддини Кубро «Ё Ватан, ё марги бошараф»-ро фаҳмонда диҳед.
3. Ҷалолиддинро кадом қувва ба ҷасорат даъват намуд?
4. Дар бораи ҷанги соҳили дарёи Синд ҳикоя кунед.

## § 27. ТАШКИЛ ЁФТАНИ УЛУСИ ЧИҒАТОЙ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Улус. Улуси Чиғатой. Намудҳои андоз. Шӯриши Маҳмуди Торобӣ.***

### Тақсим намудани кишварҳо

Чингизхон ҳанӯз замони зинда буданი худ кишвар ва вилоятҳои забткардаро ба чор писараш тақсим кард. **Аз он** ҷумла, ***Туркистони Шарқӣ, Еттисув*** ва ***Мовароуннаҳр***ро писари дуюми вай **Чиғатой** соҳибӣ намуд. Ҳамин тавр, муғулҳо вилоятҳои забтнамудаи худро ба улусҳо тақсим карда идора менамуданд.

Пас аз вафоти Чингизхон (1227) **Ӯқтой** хоқони бузурги давлати муғулҳо таъин гардид. Ҳокимони улусҳо «хон» номида мешуданд. Қароргоҳи хоқони бузург дар шаҳри **Қароқурум** буда, ӯ аз он ҷо ҳатту ҳаракати хонҳоро зери назорати сахт қарор медод.

Пас аз вафоти Чингизхон ҳам юриши муғулҳо ба самти ғарб давом мекард. **Солҳои 1236—1240** давлати Россия забт карда, **давлати Олтин Ӯрда** ташкил меёбад. **Соли 1256** Эрон пурра забт гардида, **давлати Ҳулакиҳо** ба вуҷуд омад. **Соли 1258** Ҳулоки ба *сулолаи Аббосиҳо* хотима бахшид. Ҳарчанд муғулҳо дар қисми калони Осиё ва Аврупо ҳукмронии худро муқаррар карда бошанд ҳам, натавонистанд, ки давлати ягонаи муттамарказеро бунёд намоянд. Хонҳои улусҳо ба ҳоқони бузург бо ном итоат кунанд ҳам, дар амал аз рӯи салоҳдиди худ кор пеш мебурданд.

### Улуси Чиғатой

**Солҳои 20-уми асри XIII** дар Мовароуннаҳр, Еттисув ва Туркистони Шарқӣ, ки ба тасарруфи Чиғатой вогузор шуда буданд, **улуси Чиғатой** ташкил ёфт. Ӯрдаи идораи улуси Чиғатойхон дар соҳили дарёи Елсуви (Или) воқеъ буд. Дар идора намудани вилоятҳо ва шаҳрҳои ҳунармандӣ Чиғатой аз хизмати намояндагони табақаи олии халқҳои тобеи худ истифода бурд.

Корҳои идораи бевоситаи Мовароуннаҳр ҳанӯз пеш аз забт намудани он ба савдогари хоразмӣ **Маҳмуд Ялавоч**, ки дар ҳузури Чингизхон хизмат мекард, гузошта мешавад. Ӯ шаҳри **Хуҷандро** қароргоҳи худ мекунад ва аз он ҷо истода ба идоракунии Мовароуннаҳр шурӯъ менамояд. Корҳои ҳокимияти ҳарбӣ, ба рӯйхатгирии аҳолӣ, ҷамъ овардани андоз дар дасти *доруғачӣ* ва *тавғач* ном амалдорони муғул буд. Аскаро-

ни сершуморе, ки дар ихтиёри ҳокимони маҳаллии муғулҳо буданд, ба Маҳмуд итоат мекарданд. Ба онҳо такя намуда, Маҳмуд Ялавоч талаби хонҳои муғулро иҷро мекард ва ҳукмронии бепоёни худро ба амал мебаровард.

### Намудҳои андоз

Хонҳои Чиғатой барои пур кардани хазинаи ҳокимияти марказӣ ба сари аҳолӣ намудҳои гуногуни андозҳоро ҷорӣ намуда, онро зӯран меситонданд.

Андози заминеро, ки ҳамон давр аз зироаткорон ситонда мешуд, ***«калон»*** номидаанд. Ба чорводорон андози ***«қопчур»*** ҷорӣ шуд. Барои хазинаи давлат андози озуқаворӣ бо номи *«шулен»* низ ситонда мешуд. «Шулен» ба ҳисоби аз ҳар як рама гӯсфанди дусола, барои қимиз аз ҳар ҳазор асп як байтал гирифта мешуд.

Аз ҳунармандон ва савдогарон андози ***«тарғу»***-ро мерӯёнданд. Тарғу дар ҳаҷми аз сӣ як фоизи маҳсулоти истеҳсолшуда ё моли фурӯхташуда гирифта мешуд. Ғайр аз ин ба аҳолӣ андози *намак, андози пашм* ва *нуқраро* андохта буданд.

Андозҳо аз ҷониби амалдорони маҳаллӣ бо тартиби ***«барот»*** (иҷора) дар ибтидо яклухт ситонда, баъд он аз аҳолӣ ҷамъ оварда мешуд. Ҳангоми аз аҳолӣ ғундоштани андоз бешубҳа он аз миқдори расмӣ зиёдтар ситонда мешуд.

Ниҳоят афзудани зӯрӣ, ҷабру зулм, аз ҳад зиёд будани пардохт ва ҷамъкуниҳои гуногун тоқати оммаи меҳнаткашро тоқ намуд. Чунин аҳвол, бешубҳа, нисбати муғулҳо норозигиро бедор сохта, ба сар бардоштани халқ зидди истибдоди истилогарон оварда расонд. Яке аз чунин шӯришҳо ошӯби халқие буд, ки дар деҳаи Тороби воҳаи Бухоро ба амал омад.

*** Улуси Чиғатой — қисме, ки ҳангоми тақсими империя ба Чиғатой расидааст. Минбаъд он ба давлати Чиғатой табдил ёфтааст.**
*** Қопчур — андоз ба миқдори 2,5 % аз ҳар як сар чорво.**
*** Калон — андоз дар ҳаҷми даҳяки ҳосил.**

### Шӯриши Маҳмуди Тороби

**Соли 1238** дар деҳаи Тороби Бухоро бар зидди зулми истилогарон ва мулкдорони маҳаллӣ шӯриш оғоз ёфт. Ба шӯриш ҳунарманди ғалберсози торобӣ Маҳмуд раҳбарӣ мекард. Дар таърих ӯ бо номи **Маҳмуди Торобӣ** шӯҳрат пайдо кардааст.

Дар Бухоро аз ҳамсафони наздики Торобӣ **Шамсуддини Маҳбубӣ** ва аҳолии шаҳр ба ошӯбгарон ҳамроҳ гашта, ба даст силоҳ мегиранд. Аз ҷумлаи шахсоне, ки барои озод кардани шаҳр ва деҳоти азизи худ аз муғулон ва маъмурони маҳаллии ҳамтабақи онҳо азм карда буданд, лашкари зиёде ҷамъ мегардад. Маҳмуди Торобӣ бо тарафдорони худ ба шаҳри Бухоро дохил шуда, *сарои Робияи* дохили шаҳрро қароргоҳи худ мекунад. Аз ин ҷо садрҳо, аъёнҳои бадавлат, заминдорони калони Бухороро пеш мекунад. Ӯ онҳоро маҷбур месозад, ки вайро ба таври расмӣ «халифа»-и Бухоро ва вилоятҳои атрофи он, яъне ҳоким эълон намоянд. Баъд аз он Шамсуддини Маҳбубӣ садр эълон карда мешавад. Бо барқарор шудани ҳукмронии Маҳмуди Торобӣ дар Бухоро амалдорони маҳаллие, ки тарафдорони муғулҳо буданд, аз Бухоро мегурезанд.

Амалдорон ва муғулҳое, ки фирор карда буданд, бо кӯмаки ноиб **Маҳмуд Ялавоч** дар наздикии **Кармана** қувва ҷамъ оварда, ба Бухоро юриш сар мекунанд. Муғулҳо мағлуб гашта, ба Кармана ақибнишинӣ мекунанд. Ҷангҳои бошиддат пеш бурда, душманро то Кармана таъқиб мекунанд. Дар ин ҷанг роҳбарони шӯриш Маҳмуди Торобӣ ва Шамсуддини Маҳбубӣ низ шаҳид мегарданд. Шӯришгарон ба ҷои онҳо додарони Торобӣ **Муҳаммад** ва **Алиро** роҳбар интихоб менамоянд. Аз байн як ҳафта нагузашта ба шӯришгарон қӯшуни нави муғулҳо ҳуҷум мекунад. Дар ин ҷанг шӯришгарон торумор карда, ҳарду додари Торобӣ низ ҳалок мегарданд. Муғулҳо боз Бухороро забт намуда, тартиби пештараашонро аз нав барқарор мекунанд.

Чиғатой маҷбур шуд, ки андозҳоро ба тартиб андозад, **соли 1238** Маҳмуд Ялавочро аз ноибӣ сабукдӯш созад. Писари вай **Масъудбек** ноиб таъин мегардад. Ҳоқони бузург **Ӯқтой Маҳмуд Ялавочро** ҳокими шаҳри *Пекин* таъин мекунад.

1. Кишварҳои забтшударо Чингизхон чӣ тавр тақсим кард?
2. Улуси Чиғатой кай ва дар куҷо созмон ёфт?
3. Муғулҳо кадом намуди андозҳоро ҷорӣ намуданд?
4. Шӯриши Маҳмуди Торобӣ кай ва чӣ тавр оғоз ёфт?
5. Шӯриши Торобӣ аз кадом сабаб мағлуб гардид?

## § 28. ҶОННОКШАВИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ислоҳоти пул. Заминдорӣ. Тақсимшавии улуси Чиғатой. Ҳаёти маданӣ.***

### Фармони Ҳоқони бузург

Дар миёнаи асрҳои XIII дар доираи амалдорони муғули улуси Чиғатой ҷараёни гузариш ба ҳаёти муқимӣ, наздикӣ ба ҳаёти шаҳр, истифодаи фарҳанги бои аҳолии маҳаллӣ пурзӯр мегардад. Ҳоқони бузурги Муғулистон **Мунке** дар бораи ба тартиб андохтани андоз ва корҳои ҳашар фармони махсус — ёрлиқ мебарорад. Дар тамоми ёмҳо теъдоди зарурии асп барои хизмати почта муқаррар карда, аз аҳолӣ зиёдтар талаб намудани асп манъ мегардад. Ҳамчунин, агар дар дасти сафирон супориши махсус набошад, муқаррар гардид, ки онҳо ба шаҳр набояд ворид шаванд ва аз аҳолӣ ему хошок ва озуқаи зиёдатӣ талаб карда нашавад. Ҳамин тариқ, аҳолӣ аз пардохтҳои беҳисоб, ки худсарона ҷамъ карда мешуданд, озод мегардад.

**** Ёмҳо – истгоҳҳои роҳ. Ҷое, ки саворагон, пиёдагардон ва аспҳо иваз мегарданд. Дар ёмҳо аспон мудом омодан кор буданд.**

### Ислоҳоти пулии Маъсудбек

Дар Мовароуннаҳр тадриҷан ҳаёти шаҳр, хусусан, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ ҷоннок шудан гирифт. Дар таҷдиди ҳаёти дохилии шаҳр, хусусан, муносибатҳои молӣ ва пулӣ ислоҳоти пулие, ки аз ҷониби **Маъсудбек соли 1271** амалӣ гардонда шуд, дорои аҳамияти муҳим буд. Ӯ дар 16 шаҳру вилояти Мовароуннаҳр, аз ҷумла дар **Самарқанд, Бухоро, Тароз, Ӯтрор, Хуҷанд** ва дигар шаҳрҳо тангаҳои вазнашон якхеларо аз нуқраи соф сикка занонда, онҳоро дар мамлакат ба муомила баровард.

### Кебекхон ва ислоҳотҳои ӯ

Нимаи якуми асри XIV ҷараёни ба ҳаёти муқимӣ гузаштани муғулони улуси Чиғатой пурзӯр гашта, дар ҳаёти иҷтимоии онҳо тағйироти ҷиддӣ содир мешавад. Яке аз хонҳои Чиғатой, ки барои барқарор намудани робитаҳои мустаҳкам бо кишвари мадании чун Мовароуннаҳр ва гузаштан ба ҳаёти муқимӣ ҷаҳд кардааст, **Ке-**

**бек** (1318—1326) буд. Ӯ ҳокимиятро ба даст бевосита даровар-да, дар паҳлӯи шаҳри қадимаи воҳаи Қашқадарё— Насаф барои худ сарой бунёд мекунад. Сарой ба забони муғулӣ «Қаршӣ» номида мешуд. Кебекхон нахустин шуда аз байни ҳокимони муғул қароргоҳи худро ба Мовароуннаҳр кӯчонд. Аз ҳамин сарой ӯ мамлакатро идора кард. Минбаъд дар атрофи ин сарой биноҳои нав қад афрохта, бо шаҳри қадимаи **Насаф** ҳамроҳ мегардад. Аз ҳамон замон эътиборан шаҳр **Қаршӣ** ном бурда мешавад.

Бо мақсади ба тартиб андохтани низоми идораи давлат ва ҳаёти иқтисодии он, Кебек ислоҳоти маъмурӣ ва пулӣ гузаронд. Дар мамлакат воҳиди ягонаи пулӣ ҷорӣ мегардад. Дар асоси намунаи пулии тангаҳои нуқрагини давлати Ҳулокиҳо дар Эрон ва хонии Олтин Ӯрда ду хел пул: тангаи калони нуқрагини вазнаш 8 грамм ва тангаи хурди вазнаш 1 грамм сикка занонда мешавад. Тангаи калон *«динор»*, тангаи хурд *«дирҳам»* номида шуданд. Ин тангаҳо, ки *«Кепаки»* гуфта мешуданд, дар Самарқанду Бухоро сикка зада ба муомила бароварда шуданд.

### Ҷоннокшавии ҳаёти иқтисодӣ

Ҳунармандӣ, савдову тиҷорат ва зироаткорӣ, ки дар давраи истилои муғулҳо хароб гашта буданд, тадриҷан таҷдид меёбанд. Ҷоннокшавии ҳунармандӣ ва савдои дохилаву беруна бешубҳа, ба барқароршавии шаҳрҳои харобгашта низ оварда расонд. Гарчанд ҳанӯз бисёр шаҳр ва вилоятҳо харобу нимахароб бошанд ҳам, шаҳрҳои **Урганҷ** ва **Бухоро** барқарор гардиданд. Дар паҳлӯи вайронаҳои Самарқанди қадима шаҳри нав қад бардошт. Дар шаҳрҳо биноҳои гуногуни таъиноти давлатӣ, ҷамоатӣ ва маърифатӣ сохта шуданд. Бозорҳои шаҳрҳо серодам гардиданд.

### Заминдорӣ

Давраи ҳукмронии муғулҳо дар Осиёи Миёна чор намуди заминдорӣ, ки **мулки девон, мулки инҷу, мулки вақф** ва **мулк** ном бурда мешуданд, мавҷуд буд.

Қисми зиёди мулк заминҳое буданд, ки ба маъмурони ҳарбӣ ба ивази хизматҳояшон дар назди давлат ҳадя шудаанд

* **Мулки девон — замини давлат.**
* **Мулки унҷӣ — заминҳое, ки ба авлоди ҳукмдор ва ноибон марбутанд.**
* **Мулк — заминҳои хусусӣ.**
* **Мулки вақф — заминҳои масҷиду мадрасаҳо.**

ва онро заминҳои «суюрғол» меномиданд. Заминдороне, ки соҳиби чунин заминҳо буданд — *заминдорони суюрғол*, аз тамоми андоз ва пардохтҳо озод гашта буданд. Заминҳои суюрғол аз авлод ба авлод ҳамчун мерос мегузашт.

Дар байни ҳокимон ва амволдорони муғул ба халқҳои мамлакатҳои истилошуда ду хел нуқтаи назар мавҷуд буд. Баъзеҳо тарафдори наздикшавӣ бо зодагони маҳаллӣ, савдогарон, рушди ҳунармандӣ, деҳқонӣ, пазируфтани дини ислом буданд. Гурӯҳи дигар бошад, зидди ҳаёти муқимӣ ва шаҳрӣ буда, мехостанд шаҳрҳоро вайрон карда, боғу киштзорҳоро ба чарогоҳҳо табдил диҳанд.

Як қатор хонҳои улуси Чиғатой бо авлоду қабилаҳои худ тадриҷан ба Мовароуннаҳр кӯчида омада, бо аҳолии маҳаллӣ омехта гашта, муқим мешуданд. Муғулҳое, ки кӯчида наомада дар Еттисув мезистанд, мардуми ба Мовароуннаҳр кӯчида омадаро «қораунас» (дурага), муғулони маскуни Мовароуннаҳр бошанд, онҳоро «ҷете» (роҳзан, тороҷгар) меномиданд. Амалан ин таҳқири ҳамдигар буд. Дар байни онҳо зиддият ва нафрат пурзӯр гашт. Оқибат, солҳои 40-уми асри XIV улуси Чиғатой ба ду қисм тақсим шуд.

Қисми иборат аз Туркистони Шарқӣ, Сибири Ҷанубӣ ва Еттисуви улуси Чиғатой Муғулистон ном гирифт. Соли 1348 **Туғлуқ Темур** аз насли Чиғатой хони Муғулистон таъин шуд. Қисми ғарбии улус — Мовароуннаҳр акнун мустақилона идора мегардид.

## Ҳаёти маданӣ

Баъзе соҳаҳои фан, адабиёт, маърифат ва маданият низ таҷдид ёфтанд. Хусусан, бинокорӣ ва меъморӣ, ки бо шаҳрсозӣ узван пайваст буд, хуб ба роҳ монда шуд. Кошинпазӣ, гаҷкорӣ, парчинсозӣ, кандакории маъмории хиштӣ ва хаттотии меъморӣ дар асоси анъана ва таҷрибаҳои асрина барқарор гашта, ҳатто андаке ривоҷ ҳам ёфтанд. Иморату иншоотҳои зебое, ки бо дасти бинокор-меъморон бунёд ёфтанд, масҷид, мадраса, хонақо, мақбара, манора ва саройҳо қад кашид. Баъзе аз онҳо то ба замони мо расида омадаанд. Мақбараҳои **Сайфиддини Бохарзӣ, Баёнқулихони Бухоро**, қисми асосии маҷмӯи меъмории машҳури Шоҳизинда — зиёратхонаи мақбараи **Қусам ибн Аббоси Самарқанд**, манораи азими 62-метраи Урганҷи кӯҳна, мақбараҳои **Наҷмиддини Кубро** ва **Тӯрабекхоним** аз ҳамин ҷумлаанд.

Дар миёнаҳои асри XIII дар Бухоро ду мадраса, ки бо номҳои **«Масъудия»** ва **«Хония»** шӯҳрат ёфтаанд, сохта меша-



ванд. Дар ҳар яки он толибони аҳли илми минтақа таҳсил мегирифтанд.

Дар нимаи дуюми асри XIII ва ибтидои асри XIV аз намояндагони барҷастаи шеърияти форсу тоҷик симоҳои бузург, аз қабили **Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ** зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

**Ҷалолиддини Румӣ** (1207—1273) шоири бузурги тасаввуф буда, ***«Маснавии маънавӣ»***-ро иборат аз 36 ҳазор байт эҷод намуд. Дар ин асар вай асосҳои фалсафаи тасаввуфро талқин намудааст.

Боз яке аз адибони мутафаккири машҳури ҳамон давр **Саъдии Шерозӣ (1219—1293)** аст. Ӯ бо ғазалҳои сермазмунаш дар асарҳои худ бо номҳои *«Гулистон»* ва *«Бӯстон»* дар инкишофи адабиёти Шарқ нақши муҳиме гузоштааст. Ӯ дар асарҳои худ ғояҳои муҳаббат ба Модар-Замин ва инсонпарвариро моҳирона баён сохтааст. Яке аз адибона бузурги даври худ ба ҳисоб меравад.

Яке аз адибони бузурги даври худ **Амир Хусрави Деҳлавӣ** (1253—1325), ки пас аз Низомии Ганҷавӣ достони «Хамса»-ро офаридааст, ҳам шоир ва ҳам аз мутафаккири мусиқишинос буд. Ӯ муаллифи асарҳо, аз қабили ***«Калиди зафарҳо», «Нӯҳ сипеҳр»*** мебошад.

Аз нимаи дуюми асри XIII таърихнависӣ ҳам рушд меёбад. Дар ин давр асарҳои гаронбаҳо, аз қабили ***«Табақоти Носирӣ»***-и **Ҷузҷонӣ,** ***«Таърихи ҷаҳонкушоӣ»***-и **Ҷувайнӣ**, ***«Ҷомеъат таворих» (Маҷмӯи таърихҳо)***-и Рашидиддини Фазлуллоҳ навишта шудаанд. Асарҳои-мазкур барои омӯзиши таърихи ҳамон давр, хусусан, истилои муғулҳо манбаи муҳим ба ҳисоб меравand.

Дар ин давр, адабиёти туркӣ низ ривоҷ меёбад. Минбаъд он ***«Забони Чиғатой»*** ва ***«Адабиёти Чиғатой»*** ном мегирад.



1. Ҳоқон Мунке барои паст кардани шиддатнокии вазъият чӣ гуна тадбир андешид?
2. Ислоҳоти пулии Маъсудбек чӣ гуна натиҷа бахшид?
3. Дар бораи ислоҳотҳои Кебекхон чиро донистед?
4. Сабабҳои тақсимшавии улуси Чиғатойро дар чӣ мебинед?
5. Дар ҳаёти иқтисодӣ чӣ гуна тағйиротҳо содир гардиданд?
6. Дар давраи муғулҳо кадом намудҳои заминдорӣ мавҷуд буданд?



# БОБИ V
# АМИР ТЕМУР ВА ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН

## § 29. БА МАЙДОНИ МУБОРИЗАИ СИЁСӢ БАРОМАДАНИ АМИР ТЕМУР

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Парокандагии сиёсӣ. Майдони муборизаи сиёсӣ. Муборизa барои истиқлоли мамлакат. Сарбадорон.***

**Парокандагии сиёсӣ**

Солҳои 50—60-уми асри XIV Мовароуннаҳр ба 10 бекигарии мустақил тақсим шуд. Дар вилояти Самарқанд **Амир Баён Сулдуз**, дар Кеш **Амир Ҳоҷӣ Барлос**, дар Хуҷанд **Амир Боязид Ҷалоир**, дар Балх **Ӯлҷайту Сулдуз**, дар сарҳади Ҳисори Шодмон **Амир Ҳусайн** ва **Амир Ясовурӣ** ҳокимони мутлақ гардиданд.

Бар замми ин амирони Муғулистон, ки дар Туркистони Шарқӣ ва Еттисув ташкил гардида буданд, ба мақсади забти Мовароуннаҳр якчанд маротиба ба маҳал юриш сар карда, онро тороҷ намуданд. Бар зидди юришҳои амирҳои Муғулистон, ки сабабгори вайронкориҳо шуданд ва зулму истибдоди онҳо ошӯбҳои халқӣ оғоз ёфтанд.

Дар чунин вазъияте, ки ҷангҳои дохила авҷ гирифта, ба муқобили зулми муғулҳо ошӯбҳои мардумӣ шурӯъ шуда буданд, дар мамлакат неруи нави сиёсӣ пухта мерасид.

**Давраи ҷавонии Амир Темур**

Амир Темур **9 апрели соли 1336** дар деҳаи Хӯҷаилғори (ноҳияи Яккабоғ) наздикии Кеш (Шаҳрисабз) таваллуд ёфтааст. Номи пуррааш **Амир Темур ибни Амир Тарағай ибни Амир Баркул** буд. Модари Амир Темур Такина хотун зани соҳибобрӯи Кеш буд. Падари ӯ Амир Та-

рағай аз оқсақолони авлоди барлос ба ҳисоб мерафт. Аҷдодашон дар вилоятҳои Кеш ва Насаф соҳиби мулкҳои худӣ буда, ҳокимӣ кардаанд.



**Соҳибқирон Амир Темур.**

Ҷавонии Амир Темур дар маҳали маҳбуб – Кеш гузаштааст. Пас аз ҳафтсолагӣ падараш ӯро ба таҳсил медиҳад. Шайх **Шамсуддин Кулол** пири Темурбек буд. Ӯ аз ҷавониаш дӯстдори човандозию шикор буда, бароящ камонварӣ ва бозиҳои ҳарбӣ хеле писанд буданд. Амир Темур чун паҳлавон ва човандози моҳири ромкунандаи аспҳои даванд ба камол расид. Дар атрофаш дӯстони бачагӣ ва ҳамсабақон ҷамъ омада, якҷоя машқ мекарданд, мусобиқаҳо мегузаронданд, баъдтар ба навкарҳо тақсим гашта, ба гурӯҳи ҳарбӣ муттаҳид мешуданд. Ба ин гурӯҳ **Аббос Баҳодур, Ҷаҳоншоҳбек, Қимори Инок, Сулаймоншоҳбек, Сайфуддинбек** ва дигарон низ дохил буданд. Дертар онҳо ҳамсафони Амир Темур гашта, дар қӯшуни ӯ то ба дараҷаи сарлашкарӣ расидаанд.

Фаъолияти аввалини ҳарбии худро Амир Темур бо навкарони зердасташ аз хизмат ба баъзе амирони вилоятҳо сар намудааст. Дар ҷангу ҷидолҳои байниҳамдигариашон иштирок намуда, ҷасорат нишон дода, дар ин ҷангҳо обутоб ёфтааст. Маҳорати ҳарбӣ ва олиҳимматиаш шӯҳрати Амир Темурро боло намуда, овозаи он дар тамоми водии Қашқадарё, хусусан, вилояти Кеш паҳн шудааст. Падараш Амир Темурро аввал (соли 1352) ба духтари **Амир Ҷоку Барлос Турмуш Оғо** хонадор менамояд. Соли 1355 Амир Темур набераи Қазоғон, хоҳари **Амир Ҳусайн — Улҷой Туркон Оғоро** ба никоҳи худ мегирад. Ба туфайли никоҳи дуюм иттифоқи байни Амир Темур ва ҳокими Балх — **Амир Ҳусайн** ба миён меояд.

**Ба майдони муборизаи сиёсӣ дохил шудани Амир Темур**

**Охири солҳои 50-уми асри XIV** дар Мовароуннаҳр муборизаи байниҳамдигарии амирон пурзӯр гашта, дар мамлакат парокандагии сиёсӣ ба авҷи авҷи худ расид. Хонҳои Муғулистон аз вазъияти душвори сиёсӣ истифода бурда, кӯшиш мекунанд, ки ҳукмронии худро дар ин кишвар барқарор намоянд. Солҳои 1360—1361 **Туғлуқ Темур** паи ҳам ду

маротиба ба Мовароуннаҳр зада медароянд. Амирони Мовароуннаҳр ҷуръат намекунанд, ки ба омма сарварӣ намуда онро ба муборизаи зидди истилогарони муғул бархезонанд. Як қисмашон ба тарафи душман мегузаранд, қисми дуюм бошад, тарки кишвар намуда, аз мамлакатҳои бегона сарпаноҳ меҷӯянд. Амаки Амир Темур — ҳокими вилояти Кеш Амир Ҳоҷи Барлос ба самти Хуросон фирор мекунад. Амир Темури 24-сола роҳи дигарро интихоб мекунад. Темур дар бораи ҳифзи кишвари худ аз таҷовузи муғулҳо фикр карда, барои ба ҳузури Туғлуқ Темур рафтан аҳд намуд. Оқибат, бо ёрлиқи Туғлуқ Темур доруғаи вилояти Кеш таъин мегардад.

*** Доруға – ба забони муғулӣ назоратгар, сарвари шаҳр. Дар давлати муғулон ноиб, вакили бузурги қоони назди ҳокимони маҳаллии давлати муғулҳо. Ба зиммаи доруға вазифаҳои зерин гузошта шуда буданд: ба рӯйхатгирии аҳолӣ; ҷамъ овардани қӯшун аз халқи маҳаллӣ; ба роҳ мондани алоқаҳои почта; ҷамъовардани андоз; расонда додани андозу пардохтҳо ба сарои қоони бузург.**

Ҳамин тавр, Амир Темур ба майдони муборизаи сиёсӣ дохил шуд. Баъдтар Темурбек ин рафтори худро тавзеҳ дода, роҳи ягонаи ҳимоя кардани аҳолӣ аз тороҷгарии муғулон – нақшаи пухтаи аз ҷиҳати иқтидор аз лашкари 100 ҳазор нафара пурзӯр гуфта эзоҳ додааст.

**Туғлуқ Темур** писараш **Илёсхӯҷаро** ҳокими Мовароуннаҳр таъин намуда, худ ба Муғулистон баргашт. **Илёсхӯҷа** ва Амир Темур муросо накарданд. Аз ҳамин сабаб, Амир Темур бо яке аз амирони бонуфузи Мовароуннаҳр — ҳокими Балх Ҳусайн иттифоқ баста, бар зидди муғулҳо мубориза мебарад. **Соли 1363** дар паҳлӯи шаҳри **Қундузи** соҳили чапи Амударё аз болои душмани умумӣ ғалаба мекунанд. Давоми ду соли баъдина иттифоқчиён бо лашкари ҷетаи сарвараш **Илёсхӯҷа** якчанд маротиба ҷанг намуданд. Ниҳоят, **охири соли 1364** онҳо муғулҳоро аз Мовароуннаҳр ронданд.

Вале Илёсхӯҷа намехост Мовароуннаҳрро аз даст диҳад, барои ҳамин **баҳори соли 1365** аз нав ба Мовароуннаҳр қӯшун кашид. Задухӯрди мазкур **22 маи соли 1365** дар маҳалли байни Тошканд ва Чинози соҳили дарёи Чирчиқ содир шуд. Он дар таърих бо номи «Ҷанги лой» шӯҳрат ёфтааст. Чунки ҳамон рӯз жолаи сахт борида, майдони ҷанг ба ботлоқ табдил ёфта ва ҳатто аспҳо ба лой ғӯтида буданд.

Дар набард қўшуни Амир Темур ғолибона юриш намуда, ҳангоми ба қаноти рости душман задани зарбаи ҳалокатбор Ҳусайн аскарони худро ба қаноти чапи душман напартофта, майдони ҷангро тарк мекунад. Амир Темур маҷбур мешавад, ки ақибнишинӣ намояд.

Баъди ин ғалаба **Илёсхўҷа** бидуни ҳеҷ як муқовимат шаҳрҳои Хуҷанд ва Ҷиззахро фатҳ намуда, ба Самарқанд роҳ пеш мегирад. Дар Самарқанд қўшуни мусаллаҳ набошад ҳам, халқ мудофиаи шаҳрро ба дўш мегирад. Ин ҷунбиши халқ, ки зидди ҳукмронии дурударози муғулҳо ба вуҷуд омад, дар таърих бо номи ҳаракати «Сарбадорон» шўҳрат меёбад.

**Сарбадорони Самарқанд**

Ҳаракати Сарбадорон солҳои 60-уми асри XIV дар Мовароуннаҳр ба муносибати ҳуҷуми хонҳои муғул ба миён омад. Ба сарбадорони Самарқанд мударрис **Мавлонозодаи Самарқандӣ**, ҳунарманд **Абўбакр Калавӣ** ва оқсақоли яке аз маҳаллаҳои шаҳр, мергани моҳир **Хурдаки Бухорӣ** раҳбарӣ медарданд. Сарбадорон дар шаҳри Самарқанд ба муғулҳо зарбаи ҳалокатовар мезананд. Боз дар байни аспони онҳо касалии гузаранда паҳн шуда, аспон нобуд шудан гирифтанд. Илёсхўҷа маҷбур шуд аввал Самарқанд, баъд тамоми Мовароуннаҳрро партофта гурезад.

Сарбадорон молу мулки ашхоси бадавлатро мусодира карда онро, ба камбағалон ва ночорҳо тақсим менамоянд. Ин ҳама боиси норозигии шадиди табақаҳои ҳукмрон гашт.

Хабари ғалабаи самарқандиён тахти сарварии сарбадорон аз болои хони муғулҳо Илёсхўҷа ва беқарорӣ дар шаҳр ба Амир Темур ва Амир Ҳусайн ҳам рафта расид. **Баҳори соли 1366** онҳо ба Самарқанд роҳ пеш гирифта ба мавзеи Конигили назди шаҳр омада мерасанд. Бекҳо бо пешвоёни сарбадорҳо машварат мекунанд.



**Шарофиддини Алии Яздӣ дар китобаш «Зафарнома»нигошта буд: «Ё Оллоҳ! Камбағалонро ба шахсони бадавлат табдил додӣ».**

Рўзи аввали вохўрӣ бекҳо ба шарафашон зиёфат ороста, ба шаъни онҳо ҳамду саноҳо мехонанд. Аммо, рўзи дигар **Абўбакр Калавӣ** ва **Хурдаки Бухорӣ** бо супориши Амир Ҳусайн ба дор кашида мешаванд. Амир Темур аз ин дер хабар ёфта, ҳаёти Мавлонозодаро аз Амир Ҳусайн пурсида мегирад ва онро аз марг



халос мекунад. Ҳамин тавр, сарбадорон бе сарвар монанда, ошӯб пахш мегардад. Дар Мовароуннаҳр ҳукмронии Амир Ҳусайн барқарор мешавад. Аммо дере нагузашта, муносибат байни Амир Ҳусайн ва Амир Темур шиддатнокӣ пайдо карда, ба низои кушоду равшан мубаддал мегардад. Давоми **солҳои 1366—1370** дар байни онҳо якчанд задухӯрдҳо ба вуқӯъ мепайвандад.

1. Аз чӣ сабаб дар Мовароуннаҳр парокандагии сиёсӣ пурзӯр гашт?
2. Оид ба ҷавонӣ, наврасии Амир Темур чиро медонед?
3. Амир Темур дар кадом вазъият дохили майдони муборизаи сиёсӣ гашт?
4. Дар бораи «Ҷанги лой» нақл кунед.
5. Сарбадорон киҳоянд, дар бораи сарбадорони Самарқанд чиҳоро дониста гирифтед?
6. Дар бораи Амир Темур кадом китобҳоро хондаед?

## § 30. АМИР ТЕМУР АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТИ МУТАМАРКАЗ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Оғози ҳукмронии Амир Темур. Рамзи ҳокимияти олӣ. Давлати муттамарказ. Муттаҳидшавии Мовароуннаҳр ва Хуросон.***

**Ба сари ҳокимият омадани Амир Темур**

Солҳои 60-уми садаи XIV вазъияти мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар Мовароуннаҳр ҳукм меронд, ташкил додани як давлати пурзӯрро талаб менамуд. Ин гуна талаби замони худро Амир Темур нисбат ба дигар амирон хубтар дарк кард. Бинобар ин вай барои бунёди давлати муттамарказ шурӯъ намуд. Дар амалӣ намудани ин мақсад ӯ ба табақаҳои рӯҳониён, ҳарбиён, савдогарон ва ҳунармандони шаҳрҳо такя кард. Амир Темур фаъолиятро барои ба амал баровардани ин мақсад аввало аз мубориза ба муқобили душманони дохилӣ сар мекунад.

**Баҳори соли 1370** Амир Темур бо тамоми қӯшуни худ бар зидди рақиби қудратманд, ҳокими Балх — Амир Ҳусайн ба роҳ мебарояд. Вақте ки қӯшун ба *деҳаи Биёи* назди шаҳри Тирмиз мерасад, ба ҳузури ӯ аз сайидони шинохта **Саййид Барака** ташриф меорад. Саййид Барака фаъолияти Амир Темурро ҷонибдорӣ карда, ба вай чун рамзи ҳокимияти Олӣ табл ва парчамро тақдим намуда, ояндаи бузурги ӯро пешгӯӣ месозад. Бешубҳа, ин воқеа дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ буд. Чунки

он рамзи салтанат ҳисоб меёфт. То ба Балх рафта расидани қўшуни Амир Темур дар роҳ ба он нерўҳои нав ба нав ҳамроҳ мегарданд. Дар он замон аксарияти амирони Амир Ҳусайн ўро тарк мекунанд. Дар ҷанг қўшунҳои Амир Ҳусайн мағлуб мегарданду баъди муҳосираи дурўза шаҳри Балх **10 апрели соли 1370** ба Амир Темур таслим мешавад. Амир Ҳусайн асир афтида, ба қатл мерасад.

**11-уми апрели соли 1370** бо иштироки бек ва амирон, доруғаҳои вилоят ва ноҳияҳои улуси Чиғатой, дўстони ҳамсилоҳи овони ҷавонии Амир Темур, инчунин пири Амир Темур Саййид Барака машварат гузаронда мешавад. Дар он ҳукмронии Амир Темурро расман эътироф намуда, вай *амири Мовароуннаҳр* эълон мегардад.

**Ташкил ёфтани давлати мутамарказ**

Амир Темур ба мустаҳкам сохтани давлат аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ шурўъ намуд. **Моҳи июли соли 1370** дар Самарқанд машварат даъват мекунад. Дар он ба ғайр аз амири Шибирғон **Амир Зиндачашм** тамоми амирон ва пешвоёни қабилаҳои Мовароуннаҳр ҷамъ меоянд. Сарварони қабилаҳои турку муғул, ки дар байни ду дарё зиндагӣ мекарданд, тамоми амирон ҳокимияти Амир Темурро эътироф менамоянд. Самарқанд пойтахти давлат эълон гардид. Дар Самарқанд деворҳои мустаҳкам, қалъаҳо, инчунин саройҳо барпо шуданд. Амир Темур корҳои марбут ба қонун ва тартиботро дар мамлакат ҷорӣ мекунад. Қўшуни махсус ташкил гардида, ба он имтиёзҳои калонро мегузоранд. Амир Темур **Ардашер Қавҷин, Чоку Барлос, Искандар Аълам Шайх, Усмон Аббос** ва **Сайфиддин Барлосро** сардари воҳидҳои калони ҳарбӣ таъин менамояд. Ҳарбиёни ботаҷриба сипаҳсолор таъин мешаванд. Соли 1370 Шибирғон забт карда шуд. **Зиндачашм** ба хизмати Амир Темур гузашт.

Амир Темур барои аз таъсири муғулҳо орӣ будани ҳудудҳои шарқӣ ба самти Туркистони Шарқӣ якчанд маротиба юришҳо карда, ба хонҳои муғул зарбаҳо зада, ҳудудҳои водии Фарғона, Ўтрор, Ясси (Туркистон) ва Сайрамро ба итоати худ даровард. Амирони вилоятҳои Ҳисор, Бадахшон, Кундуз ҳам ҳокимияти Амир Темурро эътироф карда, ба он тобеъ шуданд. **Соли 1381** Ҳирот, Сиистон, Мозандарон ишғол гардид. Шаҳрҳои Сарахс, Ҷом, Қавсия, Сабзавор низ бе ягон ҷанг ба тобеият ва итоати Амир Темур гузаштанд. Ҳамин тариқ, тамоми Мовароуннаҳр ва Хуросон мутеъ карда шуд.



Дар фосилаи байни салтанати Амир Темур ва хонигарии Олтин Ўрда дар ин давр давлати соҳибистиқлоли Хоразм ҳам қарор дошт. Хоразм, ки аз қадим аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маданӣ бевосита бо Мовароуннаҳр вобастагӣ дошт, дар давраи муғулҳо ба ду қисм ҷудо карда, Хоразми Шимолӣ бо марказаш шаҳри Урганҷ ба Олтин Ўрда, Хоразми Ҷанубӣ бошад, бо марказаш шаҳри қалъаи Кат ба улуси Чиғатой тобеъ шуданд. Охири **солҳои 60-уми асри XIV** ҳангоми рўй додани ошўбҳо дар Олтин Ўрда сўфиёни Қунғирот дар Хоразми Шимолӣ ҳукмронии сулолаи навро ба роҳ мемонанд. Баъд, шаҳрҳои Кат ва Хеваро фатҳ намуда, заминҳои Хоразми Шимолӣ ва Ҷанубиро муттаҳид мекунанд. Амир Темур бошад, тамоми Хоразмро қисми ҷудонопазири улуси Чиғатой ҳисоб мекард. Аз ин рў, вай сиёсати ба давлати худ ҳамроҳ кардани Хоразмро пеш гирифт.

Амир Темур аз **соли 1372** ба Хоразм панҷ маротиба юриш мекунад ва Хоразм **соли 1388** пурра тобеъ мегардад.

Ҳамин тариқ, Амир Темур Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразмро муттаҳид сохта, давлати калони мутамарказеро ташкил медиҳад. Муттаҳидшавии халқҳои маскуни ин ҳудуди азим дар тақдирашон аҳамияти мусбӣ касб намуд.

1. Низои байни Амир Темур ва Амир Ҳусайн чӣ гуна анҷом ёфт?
2. Аҳамияти таърихии машварате, ки 11-уми апрели соли 1370 ба амал омад, аз чӣ иборат аст?
3. Дар бораи хизматҳои Амир Темур оид ба аз нав бунёд намудани шаҳри Самарқанд чиро медонед?
4. Ҳудудҳои шарқии Мовароуннаҳр бо кадом роҳ муттаҳид шуданд?
5. Дар бораи юришҳои Хоразм ва натиҷаҳои он ҳикоя кунед.
6. Хизматҳои таърихии Амир Темур дар ин давр аз чӣ иборат буданд?

## § 31. ЮРИШҲОИ ҲАРБИИ АМИР ТЕМУР

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Мубориза бар зидди Олтин Ўрда. Ҷанги Анқара. Хизматҳои Амир Темур дар назди Аврупо.***

**Дар роҳи амнияти мамлакат**

Неруҳое, ки ба салтанати Амир Темур хавф доштанд, ҳанўз пурра бартараф нагашта буданд. Аз як тараф хонҳои Муғулистон ба муттаҳид намудани улуси Чиғатой ҳаракат намуда, оромӣ надоштанд. Аз тарафи дигар, хонҳои улуси Ҷўҷӣ

низ, ки ба **Олтин Ўрда** ва **Оқ Ўрда** ҷудо шуда буданд, аз шимол ба Хоразм хавфнок буданд.

Аммо, дар ин давр барои давлати Амир Темур пурзўртарин хавф Олтин Ўрда ва Оқ Ўрда буданд. Акнун Амир Темур ба Олтин Ўрда зарба зада, барои заиф гардонидани он саъю кўшиши ҷиддӣ намуд. Лекин ў ба давлати худ ҳамроҳ намудани улуси Ҷўҷиро ният накарда буд. Амир Темур мақсад дошт, ки қисми шарқии ба Мовароуннаҳр ҳамҷавори Олтин Ўрдаро зери таъсири худ даровarda, роҳи корвонгузарро, ки ба воситаи пойтахти **он шаҳри Берка** мегузашт, ба самти Мовароуннаҳр баргардонад.

Барои амалӣ гардондани мақсадҳои худ Амир Темур аз зиддиятҳои дохилаи улуси Ҷўҷӣ моҳирона истифода бурд. Дар Олтин Ўрда барои тоҷу тахт муборизаи шадид оғоз ёфт. Дар чунин шароит баъзе чингизиён ба самтҳои мухталиф фирор намуда, ҷон ба саломат мебурданд. Яке аз онҳо **Тўхтамиш** аз Оқ Ўрда гурехта ба Самарқанд омад. Амир Темур нисбати вай иззату икром зоҳир карда, ниҳоят вай бо кўмаки Амир Темур соҳиби тахти Олтин Ўрда шуд.

### Амир Темур ва Тўхтамиш

Минбаъд Тўхтамиш роҳи хоиниро пеш мегирад. Ў бар зидди Амир Темур ба муборизаи ошкоро гузашт. Оқибат, Амир Темур маҷбур шуд, ки ба муқобили Тўхтамиш се маротиба лашкар кашад.

Охирин ҷанги беамон **15-уми апрели соли 1395** дар соҳили дарёи Тарак (Терек)-и Қафкози Шимолӣ ба вуқўъ пайваст. Муҳорибаи шиддатнок (ҷамъ, задухўрд)се рўз давом кард. Ин дафъа қўшуни Амир Темур усули аз асп фуромада бо камон зери тир гирифтани душманро истифода кард.Сафи қўшуни Тўхтамиш, ки ба зарби тир ва шамшер тоб наовард, вайрон гашта, ақиб нишаст ва пароканда шуд. Тўхтамишхон бо аскарони бошумори худ ба ҷангалзор гурехт ва аз таъқиби ғолибон халос шуд. Тибқи маълумоти муаррихони Россия **Б. Д. Греков** ва **А. Ю. Якубовский** ғалабаи Амир Темур аз болои Тўхтамиш на танҳо барои Осиёи Миёна, балки барои тамоми Аврупои Шарқӣ, инчунин барои муттаҳидшавии князигариҳои рус низ аҳамияти бузург дошт.

### Юриш ба Эрон, Ироқ, Шом, Ҳиндустон

Бо мақсади мустаҳкам ва васеъ намудани сарҳадҳои ҷанубии салтанати худ Амир Темур ба **Эрон, Озарбойҷон, Ироқ, Шом (Сурия)** се маротиба лашкар кашид. Юришҳои мазкур дар таърих юришҳои сесола, панҷсола ва ҳафтсола ном гирифтаанд.



Дар натиҷаи юришҳои ҳарбии сесола (1386—1388) **Эрон, Форс, Озарбойҷони Ҷанубӣ, қисми шимолии Ироқ, Гурҷистон** ва **Арманистон (атрофи кӯли Ван)** забт мегарданд. Ба шаҳрҳое, ки ихтиёран таслим мешуданд, Амир Темур кордор намешуд, ба он маҳал қӯшун намедаровард.

Ҳаракати ҷудоихоҳонаи намояндагони сулолаи **Музаффариён, Ҷалолиён** дар Эрон, ошӯбҳо дар **Мозандарон, Эрони Ҷанубӣ** ба юриши навбатии Амир Темур ба Эрон оварда расонд. Дар давоми юриши мазкури **панҷсолае**, ки (1392—1396) амалӣ гардиданд, **Эрони ғарбӣ, Ироқи Аҷам** ва **Кафкоз** ишғол гардиданд. Солҳои 1398–1399 ба Ҳиндустон юриш карда, Деҳлиро ишғол менамоянд.

**Солҳои 1399—1404** ба Эрон, Осиёи Пеш ва Сағир якчанд юришҳо анҷом пазируфтанд. Ин юриш дар таърих **юриши ҳафтсола** ном гирифтааст.

Дар натиҷаи юришҳои васеи ҳарбӣ сарҳади салтанати Соҳибқирон Амир Темур ба сарҳади давлати туркони Усмонӣ рафта расид. Амир Темур тарафдори беҳтар намудани муносибатҳо бо султони туркони усмонӣ Боязид Йилдирим буд. Ба мақсади бо роҳи дипломатӣ ҳал намудани зиддиятҳо вай чор маротиба ташаббускори мукотиба гардид. Аммо ҳар дафъа якравӣ, манманӣ ва ҳатто нисбати Амир Темур суханҳои номақбул навиштани султон Боязид Йилдирим дар манбаъҳои таърихӣ қайд шудаанд. Боязид ҳаракатҳои қароқӯюнлиён, музаффариён, ҷалолиёнро бар зидди Амир Темур дастгирӣ мекард. Ба туфайли ин қабил омилҳо бархӯрд байни ин ду давлат муқаррар гашта буд.

### Ҷанги Анқара

Ҷанги ҳалкунанда байни қӯшунҳои Амир Темур ва Султон Боязид **20-уми июли соли 1402** дар наздикии шаҳри **Анқара** — мавзеи Чубуқ ба амал омад. Ин ҷанг дар таърих бо номи **«Ҷанги Анқара»** шӯҳрат дорад. Дар ин набард, ки се рӯз идома ёфт, аз ду тараф ҷамъ 360 ҳазор нафар, аз ҷумла тахминан 200 ҳазор аскари Амир Темур ва 160 ҳазор нафар аскари султони Усмониён ширкат варзиданд. Ба қисми марказии қӯшуни дар мавқеи қуллаи ҷанггоҳ ҷойгирифта худи Амир Темур сарварӣ мекунад. Дар ҷанги пуршиддат ва тӯлонӣ неруҳои Соҳибқирон қӯшуни туркро торумор месозад. Султон Боязид якҷоя бо писараш Мусо Чалабӣ асир меафтад. Амир Темур аскарони римиро таъқиб намуда, Бурса ва шаҳри Измирро, ки дар соҳили шарқии баҳри Миёназамин ҷойгузин

буд, забт намуда ба охирин қароргоҳи салибгарони Шарқи Наздик хотима мебахшад. Миср низ итоати худро ба Амир Темур изҳор месозад. Боҷҳое, ки аз Византия ва аз дигар олами христанӣ ба Боязид пардохта мешуданд, акнун ба Амир Темур дода мешуданд.

Бо вуҷуди ҳамин ба муносибати ғалабаи бузург аз болои Боязид Амир Темурро шоҳи Фаронса **Карл VI** (1380—1422), шоҳи Англия **Генрих IV** (1399—1413), инчунин шоҳи Кастилия ва Лион **Генрих III** (1390—1407) муборакбод намуданд. Чунки Соҳибқирон ба туркони усмонӣ, ки ба Аврупои рӯ ба эҳё хавфи калоне дошт, зарба зада, ба халоскори тамоми Аврупо табдил ёфта буд.

Амир Темур, ки аз Осиёи Сағир ба Самарқанд баргашта буд, **27-уми ноябри соли 1404** бо 200 ҳазор қӯшун аз ин ҷо ба сафари Чин мебароянд. Аммо юриш ба Чин ба туфайли фавти ногаҳонии Амир Темур **(18-уми феврали соли 1405)** амалӣ намегардад.

**Мавқеи Амир Темур дар таърихи Ватанамон ва ҷаҳон**

Амир Темур дар давоми 35 сол мамлакатро идора карда, салтанати азимеро, ки ҳудуди калонеро аз Ҳиндустон ва Чин то ба баҳри Сиёҳ, аз баҳри Арал то ба халиҷи Форс рафта мерасид, ба вуҷуд овард. Ғайр аз ин, Осиёи Сағир, Сурия, Миср ва Волгаи поёнӣ, соҳилҳои Дон, кӯли Балхаш ва дарёи Елсуви, мамлакатҳоро то ба Ҳиндустони Шимолӣ ба худ тобеъ намуд. Вай на танҳо Мовароуннаҳр ва Туркистонро обод кард, балки шаҳрҳои мамлакатҳои тобеи худро низ аз нав бунёд сохт. Шаҳрҳои **Бағдод, Дарбанд ва Байлакон** аз ҷумлаи чунин шаҳрҳо буданд. Дар роҳҳои корвон работ, қалъа, пулҳо, дар шаҳрҳо масҷиду мадрасаҳо, инчунин боғу бӯстонҳо барпо кард. Аз ҳама, муҳимтар ба парокандагӣ дар Эрон, Озарбойҷон ва Ироқ барҳам зада, роҳҳои қадимии корвонро, ки Шарқу Ғарбро мепайваст, барқарор сохт. Бо ин роҳ ба рушди иқтисодӣ ва мадании на танҳо Мовароуннаҳр, балки инчунин мамлакатҳои Шарқи Дур ва Наздик, ба наздикшавии халқу мамлакатҳо саҳми бузурге гузошт. Амир Темур бо шоҳигариҳои бузурги Аврупо, аз қабили Фаронса, Англия ва Кастилия робитаҳои бевоситаи тиҷоратӣ ва дипломатиро барқарор кард.

Хотима бахшидани парокандагии сиёсӣ ва ташкил ёфтани давлати мутамарказ натиҷаҳои мусбӣ бахшид. Барои барқарор намудани қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат ва эҳёи иқтисодиёте, ки дар натиҷаи ҳукмронии муғулҳо тӯли

# ХАРИТАИ ДАВЛАТИ АМИР ТЕМУР



якуним аср гирифтори бўҳрон шуда буд, шароити қулай фароҳам омад. Дар айни замон, дар зироаткории обёришаванда, ки асоси хоҷагидорӣ буд, тағйиротҳои муайяне рўй доданд. Каналҳои нав ба нав канда, майдони зироаткорӣ, домани обёришаванда густурд. Ҳунармандӣ, савдои дохилӣ ва беруна инкишоф ёфта, илму фан рў ба инкишоф ниҳода, шаҳрҳо обод ва серодам шуданд.

Соҳибқирон Амир Темур ба сифати арбоби машҳури давлатӣ, сарлашкари моҳир дар пешрафти давлатдории Ўзбекистон нақши муҳиме бозид. Дар манбаъҳои таърихӣ Амир Темур баробари номи Соҳибқирон бо унвони *«соҳиби ҷаҳон»*, *«соҳиби адл» — соҳиби Адолат* низ ёд мешавад. Бо ташаббуси ташкилоти байналхалқии Юнеско соли 1996 тавлиди Амир Темур васеъ таҷлил ёфт ва ҳамон сол, Соли Амир Темур эълон гардид.



1. Дар роҳи амнияти мамлакат Амир Темур чӣ гуна чораҳоро андешид?
2. Аз чӣ сабаб Амир Темур бар зидди Олтин Ўрда юришҳо ташкил кард?
3. Дар бораи натиҷаҳои юришҳои «се», «панҷ», «ҳафт»-солаи Амир Темур ҳикоя кунед.
4. «Ҷанги Анқара» кай ба вуқўъ пайваст, он чӣ гуна натиҷа бахшид?
5. Ғалабаи Амир Темур аз болои Султон Боязид дар тақдири Аврупо чӣ гуна нақше бозид?

## § 32. СОХТИ МАЪМУРӢ ВА ҲАРБИИ САЛТАНАТИ АМИР ТЕМУР

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Идораи салтанат. Заминҳои суюрғол. Сохтори қўшун. «Тузукоти Темур»***

### Идораи салтанат

Соҳибқирон Амир Темур мувофиқи талаб ва эҳтиёҷоти замони худ идораи давлатро такмил дод, ба он рўҳ ва мазмуни нав бахшид. Ҳарчанд асоси сохти таркибии давлатро тартиби ҳарбии сиёсӣ ташкил дода бошад ҳам, таъмини ривоҷи ҷомиа, манфиати тамоми табақаҳои иҷтимоиро ба назари эътибор гирифта буд.

Давлатдорӣ дар салтанати Амир Темур аз ду идора — **даргоҳ** ва **вазорат** (девон) иборат буд. Даргоҳро худи ҳукмдори олӣ идора менамуд. Ҳокимияти иҷроия — девонро девонбегӣ (сарвазир) сарварӣ мекард. Дар девон вазири ҳарбӣ, вазири

мулк ва корҳои андоз, масрафи сарой — вазири молия фаъолият пеш мебурданд. Ғайр аз ин ҳама боз се нафар вазир буданд, ки ба идораи сарҳадҳо ва мамлакатҳои тобеъ машғул гашта, ба девонбегӣ ҳисобот медоданд.

Дар низоми ҳокимияти марказӣ шайхулислом, қозикалон, садри аъзам, додхоҳ, ясовул, муҳассил, тавочӣ, мӯҳтасиб ва дигар амалдорон хизмат менамуданд.

Дар даргоҳ *сарҳоҷиб, хазинабон, хонсоҳо, қӯшчӣ, баковул, котибон, катибанависон, табибон, созандагон, дастурхончиён* хизмат кардаанд.

**Заминҳои суюрғол**

Амир Темур кишварҳои зери итоати салтанати азимро ба писаронаш, наберагон ва амирони хизматнишондода ба тарзи суюрғол туҳфа карда, тавассути онҳо идора менамуд. Вай пештар аз марги худ, ғайр аз Мовароуннаҳр тамоми вилоят ва мамлакатҳои дар зери итоаш бударо байни писарон ва наберагон чунин тақсим кард: Озарбойҷон, Эрони Ғарбӣ, Ироқ, Арманистон, Гурҷистонро ба ихтиёри **Мирзо Умар ибн Мироншоҳ**, Форсро ба **Пирмуҳаммад ибн Умар Шайх**, Хуросон, Мозандарон, Рай ва Сиистонро ба **Шоҳрух Мирзо**, мулки Султон Маҳмуд Ғазнавиро аз Кобул ва Қандаҳор то Ҳиндустони Шимолӣ якҷоя бо ҳавзаи дарёи Синд ба **Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир**, Тошканд, Сайрам, Ӯтрор ва аз Ашпара то сарҳади Чин ба **Улуғбек**, Фарғона, аз Тароз то Хутан, яъне ҷануби ғарбии Туркистони Шарқиро ба **Иброҳим** Султон дод.

*** Хонсоҳо – дастурхончӣ. Шахсе, ки бо корҳои кашондани ғизо ба ҳузури ҳукмдор машғул гардидааст.**
**Баковул – мансабдори ҳарбие, ки аз болои тайёр кардани озуқа ба ҳукмдор ва лашкар назорат бурдааст. Тақсимкунии маош ва ғизо ҳам дар зиммаи баковулҳо буд.**
**Катибанависон – мансабдороне, ки тамоми корҳои навишти хон ва ҳокимони маҳаллиро ба ҷо меоварданд.**

Улусҳо ҳарчанд ба ҳукумати марказӣ итоат кунанд ҳам, аммо онҳо ба андозае мустақил буданд. Девонхонаи алоҳидаи давлатӣ, қӯшуни ҳокимони улусҳо амал мекард. Тобеияти онҳо иборат аз ба ҳукумати марказӣ аз фиристодани як қисми хироҷ ба Самарқанд, иштирок дар юришҳои ҳарбии ҳукмдори

олӣ бо қӯшунҳои худ ё ҳангоми талаб кардан фиристодани аскар буд.

### Сохти қӯшун

Амир Темур дар роҳи мустақилӣ ва муҳофизати давлат ҳангоми пеш бурдани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ асосан ба қӯшун такя мекард. Барои ҳамин, вай ба масъалаҳои интихоби сардорони қӯшун ва тарбияи онҳо, қисмҳои ҳарбӣ ва тартиби ҷойгирсозии онҳо, мусаллаҳ гардонидани навкар ва сарбозон, инчунин масъалаи интизом аҳамияти хеле калон медод.

Қӯшуни Амир Темур аз қисмҳои ҳарбие, ки асосашро воҳидҳои аскарии даҳнафара ташкил медод, иборат буд. Қӯшун ба воҳидҳои **«туман»** — даҳ ҳазор нафар, **«ҳазора»** — ҳазор нафар, **«қӯшун»** — сад нафар ва **«айл»** — даҳ нафар тақсим мегардид. Амир Темур барои идоракунии аскарони даҳҳазорнафара мансаби ҳарбии *«туман оғаси»*, барои воҳидҳои ҳазора — ***«мири** ҳазора»*, барои саднафара — ***«қӯшунбошӣ»*** ва барои даҳнафара — ***«айлбошӣ»***-ро таъсис дод. Ҳаққу ҳуқуқ, маошу моҳонаи онҳоро мувофиқи дараҷаи ишғолкардаашон муқаррар менамояд. Барои амироне, ки дар ҷангҳо ҷасорат нишон дода, ғалаба ба даст меоварданд, инъомҳо дода мешуданд. Амире, ки қӯшунро мағлуб намуда, мамлакате ё вилоятеро забт кардааст, бо мартабаи баҳодурӣ ва ҳуқуқи ташрифи озодонаи шӯрои давлатӣ, инчунин вазифаи ноибии ягон сарҳад тақдир мегардид.

Бо ҷамъоварии қисмҳои аскарӣ аз вилоятҳо амалдоре машғул мешуд, ки онро мансаби **тавочӣ** мегуфтанд.

### Усули пеш бурдани ҷанг

Ҳангоми юришҳои ҳарбӣ дар пеш *«хабарчиҳо»*, аз паси онҳо воҳиди «ясовулон», аз паи онҳо бошад, қисми пешгарди *«манглай»* ҳаракат менамуд. Дар байни фосилаи «манглай» ва қисмҳои асосии қӯшун бошад, қароргоҳи фармондеҳ ва қисмҳои захираи атрофи он ҷойгир гашта, он **«изофа»** номида мешуд.

Қисмҳои асосии ҷанговари қӯшуни Амир Темур аз марказ, рост — **«буронғор»** ва чап — **«ҷувонғор»** иборат буд. Пешопеши ҳар як қанот яктоӣ «манглай»-и **пешгарди** посбони иловагӣ, дар паҳлӯҳо бошад, яктоӣ воҳидҳои аскарии посбони *«қанбул»*-ҳо ҷойгир буданд. Ҳамин тариқ, қӯшун аз ҳафт қисм — (даста)-ҳо иборат буд. **Шарофуддини Алии Яздӣ** менависад, ки тартиби ба ҳафт «қӯл» — қисмҳо ҷудо карда ҷойгир намуданро аввалин шуда Амир Темур ҷорӣ сохт. Ин «қӯл»-ҳо дар ҷангҳо мустақилона ҳаракат карда, танҳо ба фармондеҳи



қӯшун итоат менамуданд. Амир Темур услубҳои нави ҳарбии пеш бурдани ҷангро истифода бурдааст.

**«Тузукоти Темур»**

Ҳанӯз замони зиндагии Амир Темур бахшида ба санъати ҳарбӣ ва услуби идораи давлатдориаш асари махсус таълиф гардида, он бо номи **«Тузукоти Темур»** шӯҳрат меёбад. Дар он тартиби ҳангоми идораи давлат ба кӣ такя кардан, ваколату вазифаҳои соҳибони тоҷу тахт, таъини вазир ва сардорони қӯшунҳо муқаррар гашта буданд.

Гуфтаҳои Амир Темур *«...нӯҳ ҳиссаи корҳои давлатро бо шӯро, тадбир ва машварат, як ҳиссаи боқимондаро бо шамшер амалӣ намудам»*, *«Қувва (неру) дар адолат аст»*- гувоҳи бо ақлу заковат ва адолат идора намудани давлат мебошанд.

Ҳамин тариқ, Соҳибқирон Амир Темур дар идоракунии давлат ва соҳаи ҳарбӣ усули ба худ хосеро офарида, бо давлати хеш, ки дар ҳамин асос барпо гашта буд, ҷаҳонро ба ҳайрат гузошт.



1. Салтанати Амир Темур чӣ тавр идора карда мешуд?
2. Дар ҳокимият амалдорони кадом мансабҳо хизмат мекарданд?
3. Дар бораи улусҳои давлати Амир Темур чиҳоро донистa гирифтед?
4. Заминҳои суюрғол ба киҳо ва барои чӣ дода мешуданд?
5. Қӯшуни Амир Темур бо кадом тартиб ташкил шуда буд?
6. Амир Темур бо кадом усул ба ҷанг медаромад?
7. Дар «Тузукоти Темур» чиҳо баён шудаанд?

## § 33. ДАР РОҲИ ОБОДОНИИ МАМЛАКАТ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Оқсарой. Кӯксарой. Кӯктош. Боғҳои Амир Темур. Тиҷорати дохила ва беруна.***

**Ободонии шаҳрҳо**

Амир Темур барои шаъну шӯҳрати давлаташ ба ободонии қисми марказии он — Мовароуннаҳр, хусусан, пойтахташ — Самарқанд таваҷҷӯҳи хосе зоҳир мекунад. Вай одат дошт, ки ин ё он воқеаи зафарбору сурурбахшро бо барпо намудани обидаи мӯҳташами меъморӣ қайд кунад. Бо ҳамин мақсад садҳо хиштчинони моҳир аз Ҳиндустон, устоҳунармандони машҳури Шероз, Исфаҳон ва Димишқ дар мамлакат имораrу иншоотҳои зебо бунёд мекунанд. Амир Темур дар **Табрез** масҷид, дар **Шероз** сарой, **дар Бағдод** мадраса

ва дар **Туркистон** сари қабри Аҳмад Яссавии машҳур мақбара бунёд намуд.

Амир Темур дар шаҳри Шаҳрисабз сари қабрҳои падараш ва писараш Ҷаҳонгир мақбара созонд, масҷиди ҷомеи калон бунёд намуд. Дар Шаҳрисабз Оқсарой қад афрохт, ки ба дунё машҳур аст. Дар байни нақшҳои гулдори пештоқи кошинкор ва парчинкори Оқсарои машҳури Шаҳрисабз хитобномаи «*Агар ба қувва ва қудрати мо бовар накунед, ба иморатҳои бунёдкардаи мо бингаред*!» навишта шудаанд.Дар бунёди мақбараи Аҳмад Яссавии шаҳри Туркистон низ чунин мақсад дар назар дошта шуда буд.

## Самарқанд-пойтахти давлат

Шаҳри Самарқанд, ки дар давоми истилои муғулҳо тамоман вайрону валангор гардида буд, дар давраи ҳукмронии Соҳибқирон Амир Темур дар ҷанубтар аз ҷои қадимии худ сар то сар аз нав барқарор карда мешавад. Атрофи шаҳр бо шаш девор-қалъаи нави мустаҳкам ва дарвозадор, ки бо номҳои ***Оҳанин, Шайхзода, Чорсу, Коризгоҳ, Сӯзангарон* ва *Фирӯза*** ном бурда мешуданд, иҳота мегардад. Дар арки шаҳр қароргоҳи Амир Темур — *Кӯксарой* ва *Бӯстонсарой* қад меёзонанд. Бинобар бо кошинҳои нилгун, парчинҳои нақшинкор ва гулдор пӯшонда шудани гумбаз ва деворҳои бинои чаҳорошёна, он бо номи **Кӯксарой** шӯҳрат пайдо кард.Дар Кӯксарой курсӣ-тахти сангин — **Кӯктошро** гузоштанд, ки барои маросимҳои ба тахти подшоҳӣ шинонидани хонҳо пешбинӣ гашта буд. Ғайр аз ин, дар арк иморатҳо, аз қабили девонхонаи давлат, устохонаи аслиҳасозӣ, аслиҳахона, хонаи сикказанӣ, ҳабсхона ҷойгир буданд.

Дар Самарқанд саройҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо, мақбараҳо сохта мешаванд. Берун аз шаҳр бошад, боғу роғ бунёд мегардад. Сафири Испониё Клавихо, ки солҳои 1403—1404 дар Самарқанд шуда буд, аз корҳои бунёдкоронаи Амир Темур дар ҳайрат мондааст. Маҳз дар ҳамин давр як қатор мақбараҳои аҷоиби маҷмӯи ёдгориҳои меъмории Шоҳи Зинда, аз қабили Масҷиди ҷомеъ, ки алҳол бо номи Бибихонум машҳур аст ва ғайра бино мегарданд.

Ҳамон давр дар Самарқанд ғайр аз биноҳои нав, зебо ва мӯҳташам боз маҳаллаҳои ҳунармандони соҳиби касбу корашон гуногун қад афрохтанд. Амир Темур барои фаъолияти ҳамаи онҳо шароити хубро муҳайё карда буд.

**Боғҳои Амир Темур**

Амир Темур дар атрофи Самарқанд боғҳои сершумори зебоеро бунёд намуд. Чорбоғҳо, аз қабили ***Боғи Дилкушо, Боғи Чинор, Боғи Биҳишт, Боғи Баланд, Давлатобод, Боғи Нав, Боғи Шамол, Боғи Ҷаҳоннамо, Боғи Майдон***, ки ба воситаи ақлу заковат, меҳнату маҳорати меъморони моҳир, соҳибкорони таҷрибанок барпо шудаанд ва кӯшкҳои зебои онҳо намунаи санъати боғдории ҳамон давр мебошанд. Аз рӯи сохт боғҳо ба ду навъ ҷудо мешуданд. Боғҳои навъи якум чорбоғҳои чоркунҷае буданд, ки ҳамаи тарафҳояш тақрибан ба 1 км тӯл кашидаанд. Боғҳои навъи дуюм шакли геометрӣ надоштанд, дар канори дарахтзор ва чакалакзорҳои табиӣ барпо гашта буданд, барои шикори ҳукмдор пешбинӣ шуда буд.

Дар самти шарқии шаҳр **Боғи Дилкушо** маскан дошт. Дар ҳавлии берунаи он сарои мӯҳташаме ҷойгир буда, дар он аскарони мусаллаҳ меистоданд, дар ҳавлии дохила бошад, шаш ҳайкали фил саф мекашид. Ҳавлии сеюм, қароргоҳи дорои тахти тиллоии Амир Темур буд, ки дар он меҳмонҳоро қабул мекард. Амир Темур Клавихоро маҳз дар ҳамин боғ пазироӣ кардааст. Дигар боғҳо низ бо усули аҷоиби ба худ хос барпо шуда буданд.

**Савдои дохила ва беруна**

Ҳамон давр дар воҳаҳои деҳқонии Мовароуннаҳр, хусусан дар водии Зарафшон даҳҳо шабакаҳои обёрикунӣ сохта, майдонҳои кишт васеъ гаштанд. Деҳаҳои нав ба нав барпо мегарданд. Амир Темур якчанд деҳотро, ки дар атрофи пойтахти давлаташ — шаҳри Самарқанд қад кашиданд, бо номи шаҳр ва давлатҳои машҳури Шарқ — **Димишқ, Миср, (Қоҳира), Бағдод, Султония** ва **Шероз** номгузорӣ мекунад. Чунки Самарқанд аз ҷиҳати бузургӣ, зебоӣ, инчунин ободонии гирду атрофаш мебоист аз калонтарин шаҳрҳои ҷаҳон пеш меистод.

Дар савдои беруна низ Самарқанд нақши муҳим дошт. Ба Самарқанд аз мамлакатҳои хориҷа, хусусан аз Хуросон маъданҳо, аз Ҳинд ва Синд ёқут, алмос, аз Чин атлас, чой, мушк ва ғайра молҳои мухталиф, аз мамлакатҳои дигар тилло ва нуқра оварда мешуданд. Клавихо аз пойтахти Чин – Хонбалиқ оварда шудани корвони тиҷоратии иборат аз 800 шутурро дар рӯзномаи худ қайд кардааст.



**Мақбараи Гӯри Амир дар Самарқанд.**

Ҳамон давр Амир Темур ва ноибони маҳаллии ӯ оид ба таъмини амнияти ҳаракати корвонҳои савдо дар роҳи савдои байналхалқии **«Роҳи бузурги абрешим»**, ки аз Чин ва Ҳиндустон ба воситаи Осиёи Миёна ба мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Аврупо мерафтанд, тадбирҳои муҳим андешиданд. Робитаҳои савдову тиҷоратӣ ва сафоратии байни Шарқ ва Ғарб инкишоф ёфт. Ин ҳол ба устувории робитаҳои берунаи иқтисодӣ ва дипломатии давлати Амир Темур оварда расонд.

1. Амир Темур кадом иншоотҳои меъмориро бунёд намуд?
2. Навиштаҷоти «Агар ба нерӯ ва қудрати мо бовар накунед, ба иморатҳои сохтаи мо бингаред» дар куҷо сабт шудааст?
3. Кадом аз биноҳое, ки дар Самарқанд қад афрохтаанд, солҳои истиқлолият аз нав таъмир гаштанд?
4. Кадом омилҳо ба ривоҷи ҳунармандӣ таъсири мусбат расонданд?
5. Дар бораи боғҳои барпонамудаи Амир Темур ҳикоя кунед.
6. Барои чӣ Амир Темур ба деҳоти атрофи Самарқанд номи шаҳру давлатҳои машҳури Шарқро гузоштааст?

## § 34. АЛОҚАҲО БО ДАВЛАТҲОИ АВРУПОИ ҒАРБӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ба Амир Темур наздикшавии Аврупо. Алоқаҳои дипломатӣ. Ташрифи сафирон.***

**Вазъияти сиёсии байналхалқӣ**

Амир Темур ба ҳаёти сиёсии ҷаҳонӣ низ таъсир расонд. Маълум аст, ки ҳамон давр, аз як тараф тазйиқи султон Боязид нисбати давлатҳои нимҷазираи Балкан афзуда, ба тамоми Аврупо хавф меовард. Аз тарафи дигар, худи Боязид ҳам ба тазйиқи сахти рақиби хавфнок — Амир Темур, ки ба самти Ғарб бошиддат пеш мерафт, дучор гашта буд. Дар чунин вазъияти сиёсӣ муттаҳид гаштани қувваҳои зидди Боязид ба дараҷаи муайян ҳолати табиӣ гардид.

Сараввал, ҳукмдорони мамлакатҳои Осиёи Хурд, ки аз Боязид мағлуб гашта, аз замину мулкҳои худ маҳрум гардида буданд, аз Амир Темур мадад ҷуста, ба қароргоҳи вай дар Қаробоғ ҳозир мешаванд. Ҳатто ноиби Генуя дар Византия ва Ғалата, шоҳи Фаронса, инчунин мубаллиғи католикии шаҳри Султония кӯмак хоста, ба Амир Темур муроҷиат мекунанд. Ба ивази ин, онҳо ваъда медиҳанд, ки ҳангоми юриши ҳарбӣ ёрӣ мерасонанд ва боҷеро, ки Константинопол ва Пера ба Боязид медоданд, ба Амир Темур месупоранд. Чунин пешниҳод бешак ба Амир Темур маъқул меояд. Зеро, барои аз такягоҳи соҳили баҳр маҳрум намудани Туркия ба вай аз баҳр мадад лозим буд. Ҳамин тариқ, охири асри XIV ва ибтидои асри XV барои задани зарба ба султон Боязид вазъияти мусоид фароҳам омад. Аз ин вазъият Амир Темур моҳирона истифода бурд.

**Мукотибаҳои байнидавлатӣ**

Ҳамон давр Амир Темур баробари ба роҳ мондани мукотибаи дипломатӣ бо Боязид, ҳаракат мекард, ки барои задухӯрди дар пешистода аз киштиҳои ҳарбии Трапезунд ва Константинопол истифода барад. Ба ин мақсад ӯ ба Генуя ва Венетсия бо тӯҳфаҳо ва мактуб сафир мефиристад.

Дар масъалаи кӯмаки ҳамдигарӣ Амир Темур бо ноиби Константинопол **Иоанн VII** Палеолог низ мукотибаро бо роҳ мемонад. Назар ба мазмуни мактуби Амир Темур ба унвони **Иоанн VII Палеолог аз 15 маи соли 1402** ноиби Константинопол ва ҳокими Генуя дар Пера ӯҳдадор шудаанд, ки дар мубо-

ризаи зидди Боязид ба Амир Темур кӯмак мерасонанд. Инро сафири Испания Клавихо низ дар рӯзномаи худ қайд намудааст.

Ҳамон давр Амир Темур бо шоҳи Фаронса **Карл VI**, шоҳи Англия **Генрих IV**, шоҳи Кастилия ва Лион **Генрих III де Трастамара** алоқаҳои дипломатӣ барқарор сохта, мукотибаҳоро пеш мебарад. Барои ҳимояи замин ва мулки генуягиҳо, ки шаҳрвандони Фаронса ба ҳисоб мерафтанд ва алалхусус мустамликаҳои худ дар Ғалата, **Карл VI** дар навбати худ аз Амир Темур мадад мехост ва барои барқарор кардани робитаҳои дипломатӣ ҳаракат менамуд. Чуноне ки дар мукотибаи Амир Темур ва **Карл VI** қайд шудааст, Соҳибқирон шоҳро ҷиддӣ дастгирӣ мекунад. Пас аз ғалабаи бузург аз болои қӯшуни 160 ҳазораи туркҳо дар назди Анқара мазмуни алоқаҳои Амир Темур бо давлатҳои Аврупои Ғарбӣ куллан тағйир меёбад. Акнун Амир Темур ба масъалаҳо, аз қабили мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстона ва ба роҳ мондани робитаҳои тарафайни савдову тиҷорат бо онҳо аҳамияти калон медиҳад.

**Алоқаҳои дипломатӣ**

Тобистони **соли 1402** Амир Темур ба Фаронса ва Англия ба воситаи сафирони махсус ба унвони Карл VI ва Генрих IV мактубҳо мефиристад. Сафирон ба Париж **моҳи маи соли 1403** рафта мерасанд. Онҳо таъмини пеш бурдани муносибатҳои озоди тиҷоратиро барои савдогарони ду мамлакат ва агар шоҳ ва герсогҳо розӣ бошанд, тавассути аҳднома ё шартнома мустаҳкам намудани ин савдои озодро пешниҳод мекунанд. Бинобар ин Амир Темур дар мактуби худ, ки ба унвони шоҳи Фаронса Карл VI фиристода буд, дар ин бора чунин навиштааст: *«Минбаъд, одамони Шумо ба заминҳои мо, одамони мо, ба кишвари Шумо, чун дар замони аҷдодони мо рафтуомад намоянд, дар ҳама ҷой номи Шумо ва моро бузургдошт кунанд, барои савдогарони мамлакатҳоямон нафъ оваранд, хеле мамнун мешудем. Бояд зикр кард, ки акнун дар кишварамон бехавфии савдогарон таъмин мегардад»*.

Аз мактуби шоҳи Фаронса Карли VI ба Амир Темур аз 15 июни соли 1403 маълум мешавад, ки пешниҳодоти Амир Темур аз ҷониби Фаронса бо мамнуният пазируфта шудааст.

Айнан ҳамон давр дар муносибатҳои дипломатии Амир Темур бо шоҳи Англия **Генрих IV** ҳокими вилоятҳои ғарбӣ **Мироншоҳ** фаъолона ширкат варзид. Мироншоҳ — ҳокими

мулке, ки Эрони Шимолӣ, Ироқ, Табрез ва Султонияро дар бар мегирифт, дар давраи пирии Амир Темур таваҷҷӯҳи ҳукмдорони Аврупои Ғарбиро ба худ ҷалб месозад. Ҳамон давр ӯ ба мақсади ҷоннок намудани алоқаҳои савдо бо давлатҳои Аврупо, ба руҳониёни насронӣ хайрхоҳӣ зоҳир карда, дар роҳи таъмини дахлнопазирии савдогарон тадбирҳо андешид. Аз ин рӯ, дар Ғарб Мироншоҳ ба зудӣ ба сифати «ҳомии маҷрои католикӣ» шӯҳрат меёбад.

Шоҳи Кастилия (Испания) **Генрих III** ба Шарқ таваҷҷӯҳи калон дошт. **Баҳори соли 1402** сафирони Испания аввал ба қароргоҳи Амир Темур ба Осиёи Хурд фиристода мешаванд. Ба сафирон вазифа гузошта шуда буд, ки қудрат, боигарӣ ва миқдори қӯшуни Амир Темур ва Боязидро муайян сохта, ҳамчунин дар бораи урфу одат, дин ва қонунҳои халқҳои тобеи онҳо маълумотҳои аниқро ҷамъ оваранд. Дар қатори сафирони Шарқ ва Ғарб сафирони Испания низ аз тарафи Амир Темур пазироӣ шуда, бо мактуб ва унвони шоҳ ва тӯҳфаҳо гуселонида мешаванд. Дар айни замон Амир Темур **Муҳаммадқозӣ** ном вакили худро ба Испания чун сафир мефиристад. Соли 1403 Генрих III ба ҳузури Амир Темур бори дуюм сафирашро мегуселонад. Ба он Клавихо раҳбарӣ мекард. Сафирон, ки аз Испания **21 маи соли 1403** ҳаракат карда буданд, ба Самарқанд омада аз ҷониби Амир Темур ботантана пазироӣ карда, ба онҳо эътибор ва эҳтироми калон зоҳир менамоянд.

Сафирони Испания таҳти сарварии **Клавихо** моҳҳои сентябр-ноябри **соли 1404** дар Самарқанд мешаванд. Ба муносибати юриши Амир Темур ба сӯи Чин дар қатори дигар сафирони давлатҳо сафирони Испанияро низ **21 ноябри соли 1404** аз Самарқанд мегуселонанд. Клавихо моҳи марти соли 1406 ба Самарқанд баргашта меояд. Таассуроти сафари Клавихо таҳти унвони ***«Таърихи Темури Кабир»***, ***«Қароргоҳи Темур»*** ва ***«Рӯзномаи саёҳат ба Самарқанд»*** ба забони испанӣ якчанд маротиба аз нашр мебароянд.



1. Вазъияти сиёсии байналхалқии ибтидои асри XV чӣ гуна буд?
2. Барои чӣ ҳукмдорони Аврупо барои барқарор намудани алоқаҳои дипломатӣ бо Амир Темур ҳаракат мекарданд?
3. Дар бораи мукотиба бо шоҳи Фаронса Карл VI ҳикоя кунед.
4. Барои чӣ Мироншоҳ дар Ғарб бо номи «ҳомии маҷрои католикӣ» машҳур шуд?

# § 35. МУБОРИЗА БАЙНИ ВОРИСОНИ АМИР ТЕМУР БАРОИ ТОҶУ ТАХТ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Мухолифат. Мубориза барои тахти салтанат. Барқарор шудани ҳукмронии Шоҳрух.***

### Мубориза барои тахт

Соҳибқирон рӯзи **18 феврали соли 1405** ҳангоми юриш ҷониби Чин дар зимистони қаҳратун дар шаҳри Ӯтрор вафот намуд. Баъди вафоти Амир Темур салтанати вай, ки давоми чандин даҳсолаҳо дар натиҷаи саъйу ҳаракати ӯ барпо шуда буд, рӯ ба парокандагӣ ниҳод. Сабаби асосии он гуногунии кишвар ва халқҳои зери тасарруфи салтанат, ба масофаи хеле азим тӯл кашидани ҳудуд ва душвории аз як марказ идора намудани он буд. Дар айни замон нерӯҳои мухолифат барои ҷудоӣ вақти мусоидро мунтазир буданд.

Ба парокандашавии салтанат зиддият ва ҷангҳои дохила, ки барои тоҷу тахт байни ворисони Амир Темур солҳои тӯлонӣ давом доштанд, низ сабаб шуд.

Амир Темур пеш аз вафоти худ наберааш **Пирмуҳаммадро** (ҳукмдори вилоятҳои Кобул, Қандаҳор ва Ҳиндустон) ворис таъин кард. Ҳарчанд тарафдорони ба тахт шинондани ӯ пурзӯр бошанд ҳам, вале писари Мироншоҳ **Халил Султон Мирзо 18 марти соли 1405** худсарона Самарқандро забт намуда, худро **ҳукмдори олии Мовароуннаҳр** эълон кард. Бо нияти бастани роҳи Пирмуҳаммад ва вайрон кардани нақшаҳои вай ӯ ҳатто заминҳои соҳили рости Амударёро таҳти назорати худ мегирад.

**Халил Султон** гарчанд ба воситаи хазинаи аз бобояш монда қисми муайяни аъён ва киборҳои бонуфузи Соҳибқиронро ба тарафи худ кашида тахти Мовароуннаҳрро соҳиб шуда бошад ҳам, лекин дере нагузашта, ба эътироз ва исёни сахти амирон, ноибони вилоят ва шаҳзодагони содиқи Амир Темур дучор омад. Аввалин шуда ҳокими Туркистон ва Фарғона амир **Худойдод бо Шайх Нуруддин** бар зидди Халил Султон исён бардоштанд. Ҳатто додари худи Халил Султон **Султон Ҳусайн Мирзо** бо нияти барқарор намудани ҳокимияти хеш дар вилоятҳои соҳили чапи Амударё ба муқобили бародараш сар мебардорад. Дар навбати худ валиаҳди қонунии Амир Темур **Пирмуҳаммад** аз Амударё гузашта, бар зидди Халил Султон ба самти Насаф қӯшун мекашад. Муборизаҳои дохила ва сулолавӣ, ки дар Мовароуннаҳр оғоз ёфта буд, хеле авҷ гирифт.

Оқибат, дар Хуросон **Шоҳрух**, дар Балх, Ғазна ва Қандаҳор **Пирмуҳаммад**, дар Эрони ғарбӣ ва Озарбойҷон писарони Мироншоҳ **Умаршайх Мирзо** ва **Абӯбакр Мирзо** ҳокими мутлақ мегарданд. Вилоятҳои воқеи шимоли Сирдарё, Туркистон, Саброн, Ӯтрор, Сайрам дар зери итоати амир **Бердибек** мемонанд. Ӯротеппа ва Фарғонаро амир **Худойдод Ҳусайн** соҳибӣ мекунад. Хоразмро бошад, яке аз амирони бонуфузи Олтин Ӯрда **Идику** забт менамояд. **22 феврали соли 1407** Пирмуҳаммад аз дасти фитнагарон таҳти сарварии вазир **Пир Алӣ Тоз** шаҳид мегардад. 22 апрели соли 1408 дар набард бо сарвари қабилаи Қароқуюнлии туркманҳо **Қора Юсуф Мироншоҳ** ҳалок мешавад. Вилоятҳои Озарбойҷон ва Ироқ аз дасти темуриён меравад.

Баҳори соли 1409 дар Мовароуннаҳр вазъият боз ҳам шаддид мегардад. Амир Худойдод шаҳрҳои Ӯротеппа ва Шоҳрухияро ба осонӣ ба даст оварда, ба самти Самарқанд лашкар мекашад. Дар ҷанге, ки дар **наздикии Шероз**, дар соҳили дарёи Зарафшон ба амал омад, қӯшуни **Халил Султон** мағлуб гашта, худи ӯ бошад, асир меафтад.

**Қарор ёфтани ҳокимияти Шоҳрух**

Ҳамон давр Шоҳрух, ки исёни амиронро дар Хуросон пахш кард, акнун тамоми диққату эътиборро ба Мовароуннаҳр нигаронд. Чунки ӯ наметавонист ба ҳодисаҳои ватани падараш бефарқ бошад. **25 апрели соли 1409** вай аз Амударё гузашта, ба сӯи Самарқанд юриш мекунад. Муборизаҳои дохила ва ошӯб, ки қариб панҷ сол давом карданд, боиси эътирози ҷиддии халқ шуданд. Бинобар ин ҳаракати оғознамудаи Шоҳрух, ки ба мақсади хотима гузоштан ба муборизаҳои байни темуризодаҳо ва амирон равона шуда буд, аз тарафи аксарияти табақаҳои мамлакат ҷонибдорӣ шуданд. Аз ин рӯ, ӯ ба бесомониҳои Мовароуннаҳр хотима гузошта, дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳукмронии худро муқаррар месозад, инчунин ба барқарор намудани сулҳу осоиштагӣ дар мамлакат муваффақ мегардад.

Дар давраи ҳукмронии тӯлонии Шоҳрух қисми асосии салтанати Амир Темур зери итоати вай бошад ҳам, аммо ин мамлакати азим ба ду давлат ҷудо шуда буд. Яке аз онҳо давлат таҳти сарварии Шоҳрух дар ҷануби Амударё ҷойгир шуда, марказаш шаҳри Ҳирот, давлати дуюм бошад, дар шимол аз Амударё, дар Мовароуннаҳр ва Туркистон таҳти сарварии Улуғбек ташкил ёфта, пойтахташ Самарқанд буд.



1. Сабабҳои парокандагии салтанати Амир Темур дар чӣ буд?
2. Муборизаҳои дохилаи байни шаҳзодаҳо ба чӣ оқибатҳо оварда расонд?
3. Шумо ҳаракатҳои Халил Султонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
4. Шоҳрух Мирзо кай ба Самарқанд юриш кард, барои чӣ ӯро халқ ҷонибдорӣ намуд?
5. Андеша ронед: парокандагии кишвар ба ҳаёти шаҳрвандонаш чӣ гуна таъсир расонд? Барои нигоҳ доштани ягонагии кишвар чӣ бояд кард?

## § 36. УЛУҒБЕК — АРБОБИ МАЪРИФАТПАРВАРИ ДАВЛАТӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ба майдони сиёсӣ баромадани Улуғбек. Сиёсати дохила ва хориҷаи Улуғбек. Фоҷиаи Улуғбек.***

### Улуғбек — ҳокими Мовароуннаҳр

**Соли 1409 Шоҳрух** пеш аз бозгашташ ба Ҳирот Мирзо Улуғбекро ҳокими Мовароуннаҳр ва Туркистон таъин мекунад. Улуғбек ҳарчанд ҳокими Мовароуннаҳр ва Туркистон эълон шуда бошад ҳам, дар асл ҳокимияти ӯ аввал танҳо бо вилоятҳои Самарқанд, Бухоро ва Насаф маҳдуд мегардид. Чунки дар ибтидо аз ҷониби Шоҳрух Фарғона то Ӯзган ба **Амирак Аҳмад**, Ҳисори Шодмон ба **Муҳаммад Ҷаҳонгир** тӯҳфа шуда буданд. Туркистон зери итоати **Шайх Нуриддин** буд. Ҳамон вақт вай Улуғбек ва Шоҳрухро эътироф накард. Барои ҳамин мамлакат ҳанӯз ноором буд.

Шайх Нуриддин ба Туркистон қаноат ҳосил намекунад. **Соли 1410 бо Муҳаммад Ҷаҳонгир**, ҳокими вилоятҳои Янги ва Сайрам амир Абдулхолиқ, инчунин аз хонзодаҳои Оқ Ӯрда **Чингиз ӯғлон** иттифоқ баста, бар зидди Темуриён ошӯб мебардорад. 20 апрели **соли 1410** дар мавзеи Қизилработи назди Самарқанд байни иттифоқи ошӯбгарон ва қӯшунҳои Мирзо Улуғбек задухӯрд ба амал омад. Дар ҷанг Улуғбек мағлуб гашта, ба самти Калиф ақибнишинӣ мекунад. Шоҳрух ба Самарқанд омада, исёни Шайх Нуриддинро пахш мекунад.

Идоракунии Мовароуннаҳр ва Туркистон ба дасти Улуғбеки 18-сола мегузарад.

Улуғбек соли 1414 Фарғона ва Қошғарро ишғол менамояд.

**Соли 1413** Шоҳрух Хоразмро аз зери итоати Олтин Ӯрда



Мирзо Улуғбек.

бароварда, амнияти сарҳадҳои ғарбӣ ва ҷанубии давлати Улуғбекро устувор мекунад, аммо самтҳои шимоли ғарбӣ ва шимоли шарқии он ҳанӯз боиси хавотирӣ буд. Аз ҳамин сабаб, Улуғбек маҷбур мегардад, ки ба низои дар Дашти Қипчоқ оғозёфта, инчунин ба муборизаи дохилаи дар Муғулистон авҷгирифта эътибор зоҳир намуда, ба онҳо дахолат кунад.

Улуғбек бо розигии падар баҳори **соли 1425** ба Муғулистон юриш сар мекунад. Дар бархӯрде, ки дар наздикии Иссиққӯл содир гашт, Улуғбек аз болои муғулҳо ғалаба карда нерӯҳои мухолифро бартараф сохта, сарҳадҳои шарқии мамлакатро мустаҳкам мегардонад. Дар байни ғаниматҳое, ки ба даст даровардаанд, ду порча санги нефрит (яшми сабз) низ буд. Баъдтар аз ин санги нефрит барои мақбараи Амир Темур санги қабр тарошида мешавад. Катибаи ба ном «Зафарнома», ки ба муносибати ғалабаи Улуғбек дар ҷанги Муғулистон аз тарафи Улуғбек соли ҳиҷрии **828** (1425) дар дараи Илонӯтии назди Ҷиззах навишта шудааст, то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Дар юриши зидди Дашти Қипчоқ бошад, кори Улуғбек омад накард. Танҳо бо қӯшуни калон расида омадани падараш Шоҳрух Улуғбекро аз мағлубият наҷот бахшид.

### Мубориза барои тахт

**12 марти соли 1447** ҳангоми пахши исёни набераи худ Султон Муҳаммад, Шоҳрух вориси худро дар вилояти Рай таъин накарда аз олам даргузашт. Баробари фавти Шоҳрух дар Хуросон ва Мовароуннаҳр байни шаҳзодаҳои темурӣ мубориза барои тоҷу тахт боз ҳам авҷ гирифта, мамлакат ба бекарорӣ ва ларзаҳои амиқи иҷтимоӣ-сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз рӯи одат ба тахт мебоист писари калонии Шоҳрух, Улуғбек шинад. Аммо тахт ба **Алоуддавла** — писари Бойсунқур соҳиб мегардад. Барои тоҷу тахт боз мубориза оғоз меёбад.

Шоҳзодагони худсар бар зидди Улуғбек ҳаракат мекунанд ва баҳори **соли 1447** Алоуддавла қӯшуни писари Улуғбек **Абдулатифро** торумор намуда, ӯро асир мегирад. Дар чунин шароит Улуғбек маҷбур мешавад, ки бо Алоуддавла сулҳ бандад. Мувофиқи он, Абдулатиф озод карда, Улуғбек бошад, аз даъвои

худ ба Ҳирот ва Хуросон даст мекашад. Вале дере нагузашта сулҳ вайрон мегардад. Баҳори **соли 1448** қўшуни муттаҳидаи Улуғбек ва Абдулатиф ба Ҳирот юриш сар мекунад. Дар ҷанге, ки дар наздикии Тарноб шуда гузашт, қўшуни Алоуддавла торумор карда, Ҳирот ба даст медароянд. Улуғбек Абдуллатифро дар Хуросон гузошта, худ ба Самарқанд бармегардад. Чунки дар Мовароуннаҳр бар зидди Улуғбек ошўб сар шуда буд.

Ҳарчанд ба Абдулатиф нишастан ба тахти бобояш Шоҳрух дар Ҳирот муяссар шуда бошад ҳам, аммо нисбати падар дар ў ҳисси адоват пайдо мегардад. Дар фатҳномаҳое, ки оид ба ғалаба дар гирду атроф паҳн шуда буданд, пас аз номи додараш Абдулазиз зикр шудани номи ў, хазинаи қалъаи Ихтиёриддинро гирифта бурдани Улуғбек барои Абдулатифи шўҳратпараст ва чашмгурусна баҳона шуданд. Ў бо душманони падар забон як карда, ногаҳонӣ бар зидди Улуғбек ҳаракат сар мекунад. Абдулатиф дар Ҳирот ҳамагӣ 15 рўз ҳукмронӣ мекунад. Аз наздикшавии қўшуни **Абулқосим Бобур** ба шаҳр огоҳ ёфта, пойтахтро беҷанг холӣ карда, ба самти Мовароуннаҳр мегурезад. Бо фармони Улуғбек ¬ ноиби Балх таъин гардида, дар вилоят андози «тамға»-ро бекор намуда, савдогаронро ба тарафи худ ҷалб месозад. Амирони аз падараш норозиро дар атрофи худ ҷамъ меоварад. Ҳатто бо Абулқосим Бобур робита пайдо карда, ўро ба муборизаи зидди Улуғбек моил мекунад. Ҳамин тавр, Абдулатиф ба роҳи душмании ошкорои зидди падар мегузарад.

**Фоҷиаи Улуғбек**

Барои нигоҳ доштани якпорчагии давлат аз юриш бар зидди писари исёнкор ва маккори худ Улуғбек дигар чорае надошт. Аммо баробари ин, дар мамлакат вазъияти сиёсӣ шиддат ёфта, аҳволи Улуғбек боз мушкилтар мегардад.

Ҳангоми бозгашт аз Ҳирот ба Самарқанд аз пеш Улуғбек ба ҳуҷуми бодиянишони Дашти Қипчоқ дучор мегардад. Ҳамон замон кўчманчиён таҳти сарварии Абулхайрхон деҳоти атрофи Тошканд, Шоҳрухия, Самарқанд ва Бухороро тороҷ намуда, чорбоғ ва кўшкҳои подшоҳ ва мансабдорони воқеи атрофи шаҳрро вайрон мекунад. Дар натиҷаи задухўрд бо душманҳое, ки аз ду тараф омада буданд, қўшуни Улуғбек сахт шикаст хўрда, заиф мегардад. Ҳамин вақт дар Самарқанд норозигии амирони вай бар зидди писари хурдии Улуғбек Аб-



дулазиз, ки ноиби муваққатӣ таъин шуда буд, пурзӯр мегардад ва Улуғбек маҷбур мешавад онро бартараф намояд.

Абдулатиф, ки дар ҳолати вазнин мондани падарашро мушоҳида мекард, аз фурсати мусоид истифода бурда, сар мебардорад ва аз Амударё гузашта, Тирмиз, Шаҳрисабз ва Ғузорро ба осонӣ ишғол мекунад. Сипас ба Самарқанд роҳ пеш мегирад. **Октябри соли 1449** дар наздикии деҳаи Димишқ ҷанги сахт ба вуқӯъ мепайвандад ва дар ин ҷанг Улуғбек мағлуб мегардад. Амири Самарқанд **Мироншоҳ** дарвозаҳои шаҳри **Қавчинро** баста, Улуғбекро ба шаҳр роҳ намедиҳад. Ӯ ба Шоҳрухия низ даромада наметавонад ва маҷбур ба Абдулатиф таслим мешавад. Ба муқобилияти қозии шаҳр **Шамсиддин Муҳаммад Мискин** нигоҳ накарда, Абдулатиф фатвои уламои ҷаҳолатпарастро бароварда, қатли падарашро ташкил мекунад.

Ҳамин тариқ, Улуғбек Мовароуннаҳрро чил сол идора кард. Дар ин давр сарфи назар аз муборизаҳои шадид дар ҳаёти сиёсии мамлакат ба мустаҳкам намудани давлат, нигоҳ доштани якпорчагии мамлакат ва равнақи ҳаёти мадании он ҳаракат кард.

1. Ҳукмдори Мовароуннаҳр шудани Улуғбек чӣ тавр ба амал омад?
2. Улуғбек барои чӣ ва дар кучҳо юриш кард?
3. Баъди вафоти Шоҳрух кадом воқеаҳо рӯй доданд?
4. Оид ба тақдири фоҷиавии Улуғбек ҳикоя кунед.
5. Дар давоми 40 соли ҳукмронии худ дар идоракунии давлат Улуғбек ба чиҳо эътибор дод?
6. Дар бораи Абдулатифи «падаркуш» дар Шумо чӣ гуна тасаввурот ҳосил шуд?

## § 37. БА ТАНАЗЗУЛ РӮ ОВАРДАНИ САЛТАНАТИ ТЕМУРИЁН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Беқарории сиёсӣ. Оғози парокандагии салатанат. Аҳволи Хуросон.***

**Беқарории сиёсӣ**

Баъд аз чанд рӯзи ба қатл расондани Улуғбек ба мақсади халос шудан аз даъвогарони тахт **Абдулатиф** додараш **Абдулазиз** ва амирони содиқи падарашро ба қатл расонда, тоҷу тахти Мовароуннаҳрро пурра соҳиб гардид. Абдулатиф, ки аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат ба унвони «падаркуш» лаънатзада шуда буд ва тарафдорони вай дар тахт бисёр набуданд. Аз байн шашуним моҳ нагузашта, дар сарой бар зидди Абдулатиф фитнаи табаддулот ташкил карда, ӯ кушта мешавад. Сари вай аз танааш ҷудо карда, дар майдони Регистон ба пештоқи мадрасаи Улуғбек овезон мегардад.

Неруҳои мухолиф дар **Самарқанд** набераи Шоҳрух **Мирзо Абдуллоҳ**, дар **Бухоро** набераи Мироншоҳ **Абӯ Саидро** ҳоким таъин мекунанд. Оқибат дар байни онҳо барои ҳокимият боз мубориза оғоз меёбад.

Муборизаҳои байниҳамдигарӣ, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросон пайваста идома дошт, барои ҳокимони Дашти Қипчоқ хеле мусоид омад. **Соли 1451** Абулхайрхон бо қӯшуни калон бо дастгирӣ ва иштироки **Абӯ Саид** ба воситаи Тошканд, Чиноз ва Ҷиззах ба Самарқанд зидди Мирзо Абдуллоҳ юриш мекунад. Дар паҳлӯи анбори Булунғури наздикии деҳаи Шероз ҷанг сар мешавад. Дар ин муҳориба Мирзо Абдуллоҳ мағлуб ва дар ҷанг ҳалок мешавад. Ҳамин тариқ, бо ёрии Абулхайрхон Абӯ Саид Самарқандро забт намуда, ҳокими Мовароуннаҳр мегардад.

Хуросон дар ин давр зери тасарруфи набераи Шоҳрух Абулқосим Бобур буд. Дар Хуросон парокандагии сиёсӣ хеле авҷ мегирад. Тибқи навиштаи муаррихони давраи Темуриён, ҳамон давр Хуросон ба ёздаҳ қисм ҷудо шуда, дар байнашон ҷангу ҷидол беист давом мекард. **Соли 1457** пас аз вафоти **Абулқосим Бобур** вазъият боз мураккабтар мегардад. Ҳам дар Хуросон ва ҳам дар Ҳирот даъвогарони ҳокимият зиёд бошанд ҳам, лекин ҳеҷ яке аз онҳо дорои қудрати идора намудани давлатро надоштанд. Абӯ Саид аз чунин вазъияти мусоид истифода бурда, **соли 1457** тахти Ҳиротро ишғол мекунад ва ба муттаҳид наму-

дани ҳар ду қисми салтанат муваффақ мегардад. Вале ба саъю кӯшиши мустақилона ҳукмронӣ кардани ҳокимони вилоят, ба парокандагӣ барҳам дода натавонист. Ӯро хусусан исёни Султон Ҳусайн — авлоди Умаршайх Мирзо, ки баъди вафоти Абулқосим Бобур Хоразмро ишғол кард, бештар ба ташвиш андохта буд.

**Баҳори соли 1469 Абӯ Саид** дар ҷанги зидди туркманҳо, ки вилоятҳои Озарбойҷон, Эрони Ғарбӣ ва то Ироқро ишғол карда буданд, ҳалок мешавад. Пас аз вафоти падари худ ворисони Абӯ Саид ба задухӯрд бо Султон Ҳусайн ҷуръат накарда, ба Мовароуннаҳр баргаштанд. **24 марти соли 1469 Султон Ҳусайн** ба сифати ҳокими Хуросон тантанавор вориди Ҳирот мегардад. Дар натиҷа, салтанати Темуриён боз ба ду қисми мустақил: Хуросон, ки таҳти ҳукмронии Султон Ҳусайн ва Мовароуннаҳр таҳти ҳукмронии писари Абӯ Саид – Султон Аҳмад ҷудо мешавад.

### Парокандагӣ

Дар Мовароуннаҳр писарони Абӯ Саид аввал **Султон Аҳмад** (1469—1494), баъд **Султон Маҳмуд** (1494—1495) ва баъдтар писари Султон Маҳмуд **Султон Алӣ** (1498—1500) мустақилона ҳукмронӣ мекунанд. Вале, дар Мовароуннаҳр парокандагӣ доманадор мегардад. Ҳамон вақт Мовароуннаҳр ба вилоятҳои зиёде таҳти ҳукмронии шаҳзодаҳои темурӣ, ки байни ҳам низоъ доштанд, тақсим шуд. Дар лаҳзаҳое, ки ба сари мамлакат, халқу кишвар ташвишҳои зиёде омаданд, яке аз намояндагони тариқати суфия **Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрор** дар роҳи рафъи мусибатҳо чандин бор ҷонбозиҳо нишон дод. **Соли 1454** вақте ки ҳокими Ҳирот Абулқосим Бобур ба Мовароуннаҳр зада даромада, Самарқандро ба муҳосира мегирад, Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрор ба моҷаро ҳамроҳ шуда, рақибонро водор мекунад, ки ба муросо оянд.

### Султон Ҳусайн ва Алишери Навоӣ

Султон Ҳусайн Бойқаро дар сарзамини воқеъ дар ҷануб аз Амударё ҳукмрон буда, дар зери итоати худ Хуросон, Хоразм, инчунин вилоятҳои Эрони Шарқӣ ва Шимолиро муттаҳид карда буд. Ӯ охирин ҳокими Темуриён буд, ки қариб 40 сол ҳукмронӣ карда, дар давраи ӯ сарфи назар аз парокандагиҳои шаҳзода ва амирон ҳаёти хоҷагӣ ва фарҳангии мамлакат боло рафт. Дар ободонии Хуросон, ривоҷу равнақи он, баробари ҳокими тадбиргар ва

донои замони худ Султон Ҳусайн хизмати адиб ва арбоби давлатии барҷаста Алишери Навоӣ низ хеле калон буд.

**Алишери Навоӣ соли 1441** дар Ҳирот дида ба дунё кушодааст. Падару бобояш дар сарои Темуриён хизмат намудаанд. Бо Султон Ҳусайн Алишер дар як мактаб таҳсил кардааст. Онҳо ҳанӯз дар давраи ҷавонӣ дар хизмати ҳукмдори Хуросон Абулқосим Бобур буданд. Пас аз вафоти вай, давоми 12 сол дар шаҳрҳои гуногун зиндагонӣ кардаанд. Дар ин давр Ҳусайн аввал дар Хоразм, баъд дар Обивард, Нисо, Машҳад ва дигар вилоятҳои Хуросон дар ба дар гашта, қувва ҷамъ оварда, бар зидди Абӯ Саид исён мебардорад. Алишери Навоӣ он солҳо аввал дар Машҳад ва Ҳирот таҳсил мегирад. Аллакай ҳамон вақт ӯ ба туфайли истеъдоди шоирии худ шӯҳрат пайдо карда буд. Алишер, ки аз ҷавонӣ бо Султон Ҳусайн наздик буд, дар худ нисбати Абӯ Саид кайфияти адоватро пай бурда, ба Самарқанд рафта, маҷбур мешавад, ки муддати муайян дар ҳамон ҷо истиқомат кунад. Дар Самарқанд ӯ бо илму фан ва шеърият машғул мегардад. Дар он ҷо вай аз олими машҳур, донишманди соҳаи фалсафа, мантиқ, ҳуқуқ, забони арабӣ, адабиёт ва шеърият **Фазлуллоҳ Абулайси Самарқандӣ** таълим мегирад. **Соли 1469** Султон Ҳусайн Ҳиротро ишғол намуда, Навоиро ба ҳузури худ даъват мекунад. Алишерро ӯ аввал ба мансаби *мӯҳрдорӣ*, баъдтар бошад *вазир* таъин менамояд.

Дар давраи ҳукмронии Султон Ҳусайн Алишери Навоӣ дар мамлакат дар роҳи ба вуҷуд овардани салтанати муттамаркази мустаҳкам, обёрӣ ва ободонии вилоятҳо, рушди деҳқонӣ дар деҳот, ҳунармандӣ дар шаҳрҳо ва инкишофи савдо хизматҳои калоне кард. Алишери Навоӣ тарафдори равнақи адабиёт, санъат ва илму маърифат, зиндагонии осоиштаи аҳолӣ буд.

Лекин давлати Султон Ҳусайн мувофиқи хоҳиши Алишер нашуд. Дар ин давлат, ки асосашро суюрғол ташкил медод, якум, исёни ҳокимони вилоятҳо ва ҳатто валиаҳдони тоҷу тахт **Бадиуззамон ва Музаффар Ҳусайн Мирзо** рӯй медиҳад. Дуюм, дар натиҷаи зулм дар Ҳирот ва вилоятҳои он ошӯбҳои халқӣ ба вуҷуд меоянд. Сеюм, маъмурони чашмгуруснаи сарой, ки манфиати худро дар назар доштанд, фитнаву фасодро авҷ гиронда, ба ботлоқи он Султон Ҳусайнро низ ғарқ мекунанд. Чунин вазъият, бешубҳа, барои аз сарой ва ҳатто аз пойтахт дур сохтани Алишери доно, ки вазифаи сарвазирро адо мекард, оварда расонд.



Ҳамин тариқ, ба туфайли вазъияти сиёсии беқарор дар нимаи дуюми асри XV салтанати Темуриён рӯ ба таназзул ниҳод.

1. Тақдири Абдулатифи падаркуш чӣ гуна анҷом пазируфт?
2. Султон Абӯ Саид бо кадом роҳ ҳокимиятро дар Мовароуннаҳр ба даст гирифт?
3. Вазъият дар Хуросон чӣ гуна буд?
4. Султон Абӯ Саид тахти Ҳиротро кай ва чӣ тавр соҳиб гардид?
5. Дар роҳи осоиштагии Мовароуннаҳр хизмати Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрор аз чӣ иборат буд?
6. Дар бораи Султон Ҳусайн Бойқаро ва Алишери Навоӣ чиҳоро донистед?

## § 38. ДЕҲҚОНӢ. МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Ҳаёти иқтисодӣ. Заминдорӣ. Намудҳои андоз.***

**Деҳқонӣ ва чорводорӣ**

Сарфи назар аз ҷангҳои дохила, ки дар мамлакат тез-тез рӯй медоданд, асри XV ҳам дар деҳоти Мовароуннаҳр ва Хуросон корҳои ободонӣ ба амал бароварда мешаванд. Ҳама гуна фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ оид ба кушодани заминҳои нави даштҳо, кандани каналҳо, бунёди боғҳо ва обод намудани заминҳои бекорхобида аз тарафи темуриён дастгирӣ мешуданд. Ҳатто ин гуна соҳибкорон дар бадали як-ду сол аз ҳама гуна андоз ва пардохтҳо озод мешуданд.

Иншоотҳои бузурги обёрикунӣ барпо карда, таъминот бо оби вилоятҳои деҳқонӣ беҳтар гаштанд. Яке аз калонтарин корҳои обёрӣ барқарор намудани **канали қадимаи Ангор** дар воҳаи Самарқанд буд, ки аз Дарғом, аз дарёи Зарафшон ибтидо дошт. Ба воситаи ин канал ба воҳаи камоби Қашқадарё оби иловагӣ бароварда мешуд.

Давраи ҳукмронии Улуғбек дар сарҳади ҷанубӣ-ғарбии воҳаи Бухоро ба дашти Сомонҷуқ об бароварда, заминҳои нав аз худ карда шуданд. Барқарор карда шудани сарбанди асосии дарёи Мурғоб — **Султонбанд** аз ҷониби Шоҳрух ва ба туфайли аз лойқа тоза намудани шабакаҳои обёрикунӣ таъминот бо

оби шаҳри Марв ва воҳаи Мурғоб куллан беҳтар гардид. Дар давраи ҳукмронии султон Ҳусайн Мирзо бошад, бо ташаббуси ӯ аз Марвируд канали нав гузаронда майдони калони замин обёрӣ ва обод мегардад.

Бо ташаббуси Алишери Навоӣ дар қисми болоии вилояти Тӯс обанбори **Туруқбанд** сохта, дар масофаи даҳ фарсах (60—70 км) канал канда, оби дар Туруқбанд ғуншуда ба Машҳад оварда мешавад. Оқибат Машҳад бо об беҳтар таъмин гашта, заминҳои атрофи шаҳр обёрӣ ва обод мегарданд.

Дар ҳаёти иқтисодии хоҷагӣ хусусан *чорводории чарогоҳӣ, аспарварӣ, шутурпарварӣ*, инчунин *говпарварӣ* нақши муҳим доштанд.

Давоми асри XV дар Мовароуннаҳр ва Хуросон чун пештара асосан чор шакли заминдорӣ ва мулкдорӣ: «*Мулки девонӣ*» — заминҳои давлат, «*Мулк*» — заминҳои хусусӣ; «*Мулки вақф*» — заминҳои зери итоати мадраса ва масҷидҳо; ниҳоят заминҳои ҷамоа мавҷуд буданд. Қисми калонтарини заминҳои деҳқонӣ мулки давлат ба ҳисоб мерафт. Ин заминҳоро чун пештара ҳукмдори мамлакат султон ё амирон ихтиёрдорӣ мекарданд.

Дар давраи Темуриён ба тарзи «*суюрғол*» инъом кардани заминҳои давлатӣ васеъ истифода мегардад. Дар сурати ба ҳукумати марказӣ итоат накардани соҳибони суюрғол онҳо аз ҳуқуқи суюрғол маҳрум мешуданд ва он ҳуқуқ ба шахси дигар дода мешуд.

Ҳамон давр ба соҳибони мулкҳои калон бароиягон хизмати шоисташон додани «*васиқаи тархонӣ*» аз ҷониби ҳукмдори олӣ васеъ паҳн гашта буд. Мулкдороне, ки васиқаи тархонӣ мегирифтанд, дар асоси он аз тамоми андоз ва пардохтҳо озод мешуданд. Васиқаи тархонӣ одатан ба амирон, бекҳо, амалдорони сарой, саидҳо ва дигар намояндагони табақаҳои болоӣ дода мешуд. Ба исми шахси мулкдор, ки чунин васиқа гирифтааст, мартабаи «*тархон*» ҳамроҳ мешуд.

Асри XV низ мисли пештара замин ва обҳои зиёде ба ихтиёри масҷид, мадраса, хонақоҳ, мақбара ва мазорҳо вогузошта шуда буданд, ки чунин заминҳо «*мулки вақф*» ном доштанд. Одатан ғайр аз замин ва об дӯкон, корхона, осиёб, обҷувоз, растаҳои бозор, корвонсаройҳо низ вақф гардида, даромаде, ки аз онҳо гирифта мешуд, ба таъмин ва таҷҳизоти масҷид, мадраса, шифохона ва хонақоҳ, нафақаи мутаваллӣ,



мударрис, табиб ва талабаҳо, инчунин хароҷоти рӯзмарраи мусофирхонаю шифохонаҳо сарф мегаштанд.

**Навъҳои андоз**

Андози асосӣ, ки аз заминҳои обёришаванда ситонида мешуд, **«хироҷ»** ном дошт. Хироҷ дар шакли маҳсулот ё пул ситонда мешуд. Он аз рӯи ҳосил ва ҳосилхезии замин муайян мегардид. Чунончи, хироҷро аз заминҳое, ки бо ёрии обҳои дарё, чашма ва корез обёрӣ мешуданд, ба миқдори сеяк (33 фоиз) меситонданд. Аз заминҳои лалмӣ ба миқдори шашяки ҳосил, яъне аз 16,5% то ҳаштяк, яъне 12,5 % андоз гирифта мешуд.

Аз як қисми заминҳои мулк **«ушр»**, яъне ба миқдори даҳяки (10 %) ҳосил андоз мегирифтанд. Ин гуна заминҳо одатан зери итоати уламо ва машоихҳое, ки дар ҳаёти илму фан, маърифат ва маънавии замони худ нуфузи калон доштанд, вуҷуд доштанд. Аз чорво ба миқдори чиҳиляк, яъне 2,5 % закот мегирифтанд.

Ғайр аз андозҳои асосӣ аҳолии меҳнаткаш ба корҳои *бегор* низ иштирок мекарданд. Ҳар як фарде, ки дар бегор иштирок мекард, барои кор кардан асбобу ускуна ва лавозимоти заруриро бояд бо худ меоварданд.



*** Бегор — ӯҳдадории бемузд кор кардани аҳолии меҳнаткаш дар корҳои сарой, биноҳои ҷамоатӣ, иншоотҳои мудофиавӣ ва обёрикунӣ, инчунин сохтмони роҳ ва таъмири он, ҳашари оммавии муқаддас.**



1. Дар давраи Темуриён деҳқонӣ ба кадом дараҷа ривоҷ ёфта буд?
2. Оид ба сохта шудани иншоотҳои обёркунӣ мисолҳо оред.
3. Дар бораи намудҳои заминдорӣ чиро медонед?
4. Дар давраи Темуриён кадом навъи андозҳо буданд?
5. Дар бораи васиқаи “тархон” нақл кунед.



**Бегор — Ҳашар. Садаи XV.**

## § 39. АЛОҚАҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ҲУНАРМАНДӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Намудҳои ҳунармандӣ. Савдои дохила ва хориҷӣ. Муомилоти пул.***

**Ҳунармандӣ**

**Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Шоҳрухия, Тирмиз, Шаҳрисабз, Қаршӣ** ва бисёр дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба маркази ҳунармандӣ табдил ёфтанд. Дар шаҳрҳо миқдори маҳаллаҳои ҳунармандӣ зиёд гашта, гузар, кӯча, растаҳои бозор, тимҳо ва тоқҳо (бозорҳои гумбаздор)-и алоқаманди касбу кор пайдо шуданд. Дар аксарияти шаҳрҳо маҳаллаҳои ҳунармандӣ, аз қабили заргарӣ, мисгарӣ, сӯзангарӣ, моҳутбофӣ, сангтарошӣ, шишарезӣ амал мекарданд.

Дар шаҳрҳо аз наху риштаҳо ва мӯинаву абрешим газворҳои гулдори нафису зебо бофта мешуданд.

Дар асри XV сохтани ашёҳои аҳолӣ, яроқу аслиҳа ва асбобҳо ба дараҷаи баланд баромад. Аксарияти ҳунармандоне, ки ашёи фулузӣ меофариданд, иборат аз устоёни оҳангари ашёҳои рӯзгор, яроқу аслиҳа ва асбобу ускунасоз буданд. Дар байнашон мехсозон, наългарон ва кордсозон барин ҳар гуна устоёнро дидан мумкин буд.

Дар шаҳрҳо, махсусан Самарқанд ва Ҳирот заргарӣ инкишоф ёфта буд. Байни заргарони шаҳр шумораи устоёне, ки аз омехтаи нуқра ва биринҷӣ зебу зиннатҳои гуногун ва ҷиҳозоти олимақом сохта, онҳоро бо нафосати хоса ороиши бадеӣ медоданд, кам набуд. Аз рӯи одат чизҳои нақшинкор ҳашамати сарватмандон ба ҳисоб рафта, онҳо танҳо мансуби табақаи мулкдорон буданд.

**Бинокорӣ, кандакорӣ**

Дар ҳунармандии асрҳои миёна кулолӣ ба соҳаи сернуфуз табдил меёбад. Ба он косагарон, хум ва хумчасозон шомил буданд. Ҳамон давра сангро суфта намуда, дар он ҳаккокӣ намудан, ҳамчунин нақшу нигор ва хушнависӣ инкишоф меёбад. Лавҳи сангин барои гузоштани Қуръон дар масҷиди Бибихонуми Самарқанд, санги нефрити сари қабри Амир Темур дар Гӯри Амир, сангҳои мармарини Шоҳизинда ва мақбараҳои дигар нақшҳои гуногун, оятҳо ҳаккокӣ шуда, марсия ва қайдномаҳои таърихӣ сабт ёфта буданд.

Ҳамон давра дар шаҳрҳои калонтарини мамлакат, алалхусус Самарқанд ва Ҳирот сохтмон хеле ривоҷ ёфта, мавқеи би-

нокорӣ меафзояд. Аз рӯи касби бинокорон шахсони хиштчину қади иморатро бардоранда ***"банно"***-ён ва ба пештоқу равоқу тоқ парчину гиреҳдиҳандаву пардоздиҳанда ***"устоз"*** ном бурда шудаанд.

Дар асри XV шишасозӣ низ рӯ ба инкишоф ниҳода буд Дар Самарқанд ҳатто маҳаллаи шишасозон буд. Дар он давра чӯбкорӣ низ аҳамияти муҳим дошт. Устоёни моҳири чӯбкор бо кандакории чӯб низ машғул шудаанд. Онҳо дарҳои пурнақш, панҷара, сутун, тоқу равоқ, хонтахта, курсӣ ва дигар чизҳоро омода кардаанд. Дарҳои бо оятҳои Қуръон нақшинкорикардашудаи Гӯри Амир ва Шоҳи Зинда аз маҳорату санъати нодири устоёни садаи XV дарак медиҳад.

Дар ҳунармандии Самарқанд истеҳсоли коғаз мавқеи хоса дорад. Коғази Самарқанд дар байни хаттотони Шарқ машҳур буда, қисми маълуми он ба хориҷа бароварда шудааст.

Ҳамон давр ошдиҳии чарм ва чармпазӣ, аз ҷумла соҳаҳои маҳсидӯзӣ, кафшдӯзӣ, мӯзадӯзӣ, зинсозӣ хеле инкишоф ёфта буд.

Дар бозорҳои Самарқанд нонҳои ширмол, седонапайванд, нони заргарон, нони осиёӣ барин нонҳои хушлаззат, зиравор, молҳои атторӣ фурӯхта мешуданд.

### Робитаҳои тиҷоратӣ

Дар асри XV давлати Темуриён бо як қатор мамлакатҳои ҳамсояи дуру наздик: **Чин, Ҳиндустон, Тибет, Эрон, Рус, Сибир** ва соҳили **Волга** мунтазам савдову тиҷорат мекард. Аз **Чин** асосан *абрешим, шоҳӣ, газвор, алалхусус атлас* ва *парча*, ҳамчунин *чиннӣ, лаъл, гавҳар* ва *мушк*; аз **Ҳиндустон** *газворҳои сафедранги нафис, рангҳои нилӣ зиравориҳои хушбӯй*; аз **Эрон** *сурб, марворид, дур*; аз **Рус, Тотористон** ва **Сибир** *мӯинаи қиматбаҳо, пӯст* ва *мӯй* оварда мешуданд. Аз молҳое, ки дар мамлакатҳои Аврупо оварда мешуданд, дар Самарқанд газворҳои *фаранг, моҳут* ва *корди черкасс* мавқеи муҳим доштанд

Аз Самарқанд ба мамолики хориҷа, хусусан ба Рус, Тотористон ва Сибир газворҳои пахтагини арзон, махсусан *бӯз, духоба, шоҳӣ, ҳамчунин коғаз, меваи хушк, биринҷ, пахта* ва *калоба* бароварда мешуданд.

Дар инкишофи савдову тиҷорати дутарафа бо давлатҳои хориҷа алоқаи сафоратии Темуриён бо мамлакатҳои ҳамсоя нақши муҳим мебозид. Дар байни давлатҳои Улуғбек, Шоҳрух ва Чин мунтазам мубодилаи сафирҳо ба амал меомаданд.





**Тангаҳои мисин ва нуқрагине, ки Амир Темур сикка занонда буд.**

Соли 1418 сафирони Шоҳрух тахти сарварии Ардашер ба Чин рафтанд. Соли 1419 ҷавобан ба ин сафар **Ли До** ва **Жонг Фу** ба сифати сафир аз Чин ба Самарқанд ва Ҳирот меоянд. Сафирон ба Улуғбек ва Шоҳрух тӯҳфаҳо ва мактуб дар бораи ривоҷи муносибатҳои дӯстонаи тарафайн месупоранд. Соли 1420 Шоҳрух ва Улуғбек корвони сафирии иборат аз 530 нафарро ба Чин мефиристад. Сафирони Темуриён беш аз ду сол дар Чин гашта, соли 1422 ба ватани худ бармегарданд.

Дар замони Шоҳрух ва Улуғбек бо Тибет ва Ҳиндустон низ муносибатҳои неки ҳамсоягӣ барқарор гардинанд. **Соли 1421** аз Тибет ба Бухоро ва Самарқанд сафирон меоянд. **Солҳои 1441–1422** Шоҳрух ба Ҳиндустон ба сарои *Вижаянагар* тахти сарпарастии муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ сафирони худро мефиристад. Ӯ саёҳати ба воситаи Кармон, Ҳурмузд ва Халиҷи Форс ба Ҳиндустон кардаи худро дар навиштаҳояш боқӣ гузоштааст.

**Муносибатҳои пулӣ**

Бояд таъкид кард, ки пешвариҳои ҳаёти иқтисодии мамлакат ба дараҷаи муайян ба ислоҳоти пулии ҳамон давр низ вобаста буданд. Маълум аст, ки **соли 1428** Улуғбек ислоҳоти *пулҳои фулусии* дар муомилот бударо ба амал мебаро-

*** Тамға — боҷи савдо, андозе ки аз савдогарон ситонда мешуд.**
*** Фулус — пули майдаи мисин.**

рад. Ӯ зарб намудани пулҳои майдаи сабуквазни дар муомилот бударо манъ менамояд. Пулҳои майдаи кӯҳнаро бо пули нав иваз намуда, дар айни замон барои қонеъ сохтани талаботи савдои дохила ба пулҳои майдаи мисин якбора дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Тошканд, Шоҳрухия ва Андиҷон зарбхонаҳо ташкил дода, *фулусҳои* вазнашон як хелаи навро зарб намуда, ба муомилот мебарорад. Дар байни халқ фулусҳои нави Улуғбек, ки бо номи "*Фулуси адлия*", яъне "*тангаи адолатнок*" шӯҳрат ёфта буд, ба савдои чаканаи дохила роҳи васеъ кушод. Баробари ин бо мақсади зиёд кардани даромад аз савдои беруна Улуғбек андози "*тамға*"-ро низ каме баланд бардошт.

Ҳамин тавр, дар замони Улуғбек инкишофи савдои дохила ва беруна дар мамлакат сабабгори асосии вусъати ҳаҷми маҳсулоти ҳунармандӣ, ривоҷи соҳаҳои касбу ҳунар гардид.

**1.** Дар давраи Темуриён кадом намудҳои ҳунармандӣ ривоҷ ёфта буд?
**2.** Дар бораи инкишофи чӯбкорӣ ва истеҳсоли коғаз мисол оред.
**3.** Робитаҳои тиҷоратӣ чӣ гуна ба роҳ монда шуда буданд?
**4.** Дар бораи ислоҳоти пулии Улуғбек ва натиҷаҳои он чиҳоро медонед?

# § 40. РАВНАҚИ ИЛМУ ФАН

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Фарҳангистони Самарқанд. Нашри ҷаҳон. Афлотуни замон.***

### Марказҳои илму фан

Дар асри XV дар Самарқанд ва Ҳирот гурӯҳи калони олимону фозилон, шоирону бастакорон ҷамъ шуданд. Дар тараққиёти илму фан ва санъат нақши Улуғбек, ки дар муҳити доираи фарҳангии замони худ тарбия ёфта, аз ҷавонӣ ба сифати олими номдор шӯҳрат ёфта буд, хеле калон аст. Улуғбек дар баробари идора намудани мамлакат бо корҳои илмӣ машғул мегардид, дар мунозираҳои олимон фаъолона ширкат меварзид. Улуғбек асарҳои гузаштагони худ **Аҳмад Фарғонӣ, Абӯнаср Форобӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Абӯрайҳон Берунӣ** ва **Ибни Синоро** муфассал меомӯзад. Ба воситаи асарҳои мутафаккирони мазкур вай бо асарҳои мумтози олимони Юнони қадим **Афлотун, Арасту, Гиппарх, Птоломей** шинос мегардад. Бо фармони Улуғбек соли 1417 дар Бухоро, соли 1420 дар Самарқанд соли 1433 дар Ғиждувон, мадрасаҳо қад бардоштанд. Ҳатто дар дарвозаи мадрасаи Бухоро ***"Илм андӯхтан вазифаи ҳар як мусулмон — зан ва мард аст"*** навишта шуда буд. Даргоҳҳои илмие, ки дар ин се шаҳри қадимаи Мовароуннаҳр барпо гардида буданд, хусусан мадрасаи Самарқанд дорулфунуни замонаи худ ба ҳисоб мерафт. Дар ин мадрасаҳо дар қатори илмҳои илоҳӣ Қуръон, Ҳадис, тафсир, фиқҳ (қонун ва қоидаҳои дин ва шариат), ҳамчунин илмҳои дунявӣ аз қабили риёзиёт (математика), ҳандаса (геометрия), ситорашиносӣ (астрономия), тиббиёт (медитсина), таърих, ҷуғрофия, илми арӯз (назмшиносӣ), забони арабӣ ва морфологияи (қофияи) он омӯхта мешуданд.

### Мадрасаи Улуғбек

Мадрасаи Самарқанд, ки **соли 1420** дари худро боз намуд, иборат аз ду ошёна ва панҷоҳ ҳуҷра буд. Ҳар як ҳуҷра се хона: анбор, хонаи хоб ва дарсхона дошт. Дар мадраса беш аз сад талаба истиқомат мекард ва таълим мегирифту ба он яке аз олимони бонуфузи он замон **мавлоно Шамсиддин Муҳаммад Хавофӣ** мударрисӣ мекард. Олимони машҳури асрҳои миёна **Қозизодаи Румӣ, Ғиёсиддини Ҷамшеди Кошонӣ, Мирзо Улуғбек** ва шогирди ӯ **Алоуддини Алӣ Қушчӣ** аз фанҳои гуногун дарс гуфтаанд. Рӯзи кушоиши мадраса дарси аввалро



**Шамсиддин Муҳаммад Хавофӣ** гузарондааст. Дар дарс навад нафар толибилмон иштирок кардаанд. Дар мадраса илми ҳайат: "астрономия"-ро ***Қозизодаи Румӣ*** таълим додааст. Ба толибилме, ки на кам аз понздаҳ-шонздаҳ сол дар мадраса таҳсил гирифта, аз рӯи барномаи он фанҳоро пурра аз худ карда, дар имтиҳон дониши худро хуб намоиш дода тавонистааст, **"санад"** — *яъне шаҳодатнома* дода мешуд.

**Расадхонаи Улуғбек**

Бо иштирок ва кӯмаки бевоситаи олимоне, ки Улуғбек дар Самарқанд дар атрофи худ гирд оварда буд, солҳои **1424—1429** дар назди анҳори Обираҳмат воқеи атрофи шаҳр расадхона бунёд гардид. Баландии ин иморати бузург, ки то ба имрӯз шавқи олимонро бедор мекунад, 31 метрро ташкил медод.

Таҳти сарварии Ғиёсиддин Ҷамшед асбоби асосии ченаки расадхона — секстанти машҳур гузошта мешавад. Ҳамон давра секстанти Самарқанд яке аз калонтарин секстантҳои Шарқ ба ҳисоб мерафт. Улуғбек дар назди расадхона бойтарин китобхонаи замонаашро ташкил медиҳад. Дар он доир ба тамоми соҳаҳои илму фан тақрибан понздаҳ ҳазор ҷилд китоб маҳфуз буд.

Дар атрофи расадхона барои олимон ва хизматчиён ҳуҷраҳои калону хурд сохта мешаванд. Дар саҳни расадхона бошад, ду чорбоғ барпо мегардад. Яке аз онҳо **Боғи Майдон**, дигаре бо номи **Чиннихона** шӯҳрат дошт.

Мавзеи ҷойгиршудаи расадхона дар байни аҳолии маҳаллӣ бо номи "Нашри ҷаҳон" машҳур буд.

Бо иштироки фаъолонаи Улуғбек ва сарварии ӯ расадхона ба илмгоҳи дорои асбобу анҷомҳои замонавии ба хубӣ ҷиҳозонидашуда табдил меёбад. Дар расадхона баробари худи Улуғбек як қатор олимон, аз ҷумла риёзидон ва астрономҳои машҳури замон **Қозизодаи Румӣ**, ки бо номи ***Афлотуни замон*** маълум аст, **Ғиёсиддини Ҷамшеди Кошонӣ** — *Птоломейи замон*, **Алӣ Қушчӣ** ва дигар олимони зиёд корҳои



**Намуди дохилаи расадхонаи Улуғбек.**

* **Академия — муассисаи олии илмӣ.**
* **Расадхона (обсерватория) — муассисаи илмие, ки барои тадқиқоти ҷирмҳои осмонӣ махсус ҷиҳозонида шудааст ва ҷое, ки ҳамин муассиса ҷойгир аст.**
* **Санад — шаҳодатнома.**
* **Секстант — асбоби инъикоскунанда, ки барои муайян намудани баландии равшанидиҳандаи осмон пешбинӣ шудааст.**

илмӣ ва тадқиқотиро пеш бурдаанд. Хуллас, Улуғбек дар Самарқанд мактаби астрономиро ташкил кард.

Ба туфайли тадқиқоти мушоҳидаҳое, ки дар расадхона амалӣ шудаанд, мавқеъ ва ҳолати 1018 ситораи собит муайян карда, ҷадвали астрономии онҳо тартиб дода мешавад. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳое, ки дар расадхона пеш бурда-

**ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ XV**



анд, оид ба математика ва астрономия як қатор асарҳои нодир иншо гардиданд

Шоҳасари Улуғбек "Зиҷи ҷадиди Кўрагонӣ" (Ҷадвали нави астрономии Кўрагонӣ) ном дорад. Зиҷи ҷадиди Кўрагонӣ асосан аз ду қисм: муқаддимаи мукаммал ва ҷадвали муайянкунандаи мавқеъ ва ҳолати 1018 ситораи собит иборат буд. Ҷадвали астрономии Улуғбек дар байни ҷадвалҳои ба он монанди замонааш бо дараҷаи баланди дақиқии худ фарқ карда меистод. Ҳамчунин ҳисоби соли Улуғбек аз ҳисоби ҳозира танҳо ба як дақиқаву ду сония фарқ мекард. Ин ҳол барои асри XV дақиқии хеле баланд гашта, ба ченакҳои замони ҳозира хеле наздик буд.



*** Ҳаёти Улуғбек ва фаъолияти илмии ў яке аз санги маҳаки пойдевори маънавиёти халқамон буда, дар кишварамон аз ин чандин замонҳо пеш ба ривоҷи фанҳои фундаменталӣ то ҷӣ андоза аҳамияти калон дода шуданашро нишон медиҳад.**
**Ислом Каримов "Маънавиёти воло – қувваи мағлубнопазир"**

Улуғбек ҳамчунин асари таърихии "*Таърихи чор улус*" (таърихи арбаъулус) ва доир ба илми мусиқӣ панҷ рисола низ таълиф намуд. Мактаби ситорашиносии Улуғбек академияи ба худ хоси давраи худ буд. Он аз ҷониби файласуфи машҳури Фаронса, нависанда ва муаррих **Волтер** (1694—1778) эътироф гардидааст. *"Улуғбек дар Самарқанд ба академия асос гузошт. Барои чен кардани кураи Замин амр дод ва дар мураттаб намудани ҷадвали астрономӣ иштирок кард"* — навишта буд Волтер.



**Фарҳангистони Самарқанд баъди соли 1004 дар пойтахти қадимаи Хоразм — Гурганҷ ташкил гардидани «Хонаи донишмандон» («Академияи Маъмун») дуюмин «Дорулилм» буд.**



1. Дар бораи саҳми Улуғбек ба ривоҷи илму фан чиҳоро дониста гирифтед?
2. Дар бораи расадхонаи Улуғбек ва аҳамияти илмии он ҳикоя кунед.
3. Мадрасаҳои бунёднамудаи Улуғбекро номбар кунед.
4. Дар ин илмгоҳ ғайр аз Улуғбек боз кадом олимони номдор фаъолият нишон додаанд? Дар бораи онҳо ҳикоя кунед.



## § 41. ҲАЁТИ МАДАНӢ

**Мафҳумҳои такягоҳӣ:** ***Санъати китобат. Санъати тасвирӣ. Хаттотӣ. Мактаби мусаввирии Ҳирот. Мусиқӣ. Намояндагони адабиёти мумтоз.***

### Санъати китобат

Дар асри XV санъати китобат, яъне аз нав навиштани асарҳои дастнавис ва баробари он санъати хаттотӣ, мусаввирӣ, лаввоҳӣ ва саҳҳофӣ низ, ки ба он вобастаанд, хуб ривоҷ меёбанд.

Дар замоне, ки ҳанӯз матбаа ва нашри китоб ба вуҷуд наомада буд, офаридани китоб ва нусхабардорӣ намудани он кори хеле мушкиле буд, ки меҳнати вазнин ва вақти зиёдеро талаб мекард. Ҳар як китоб аз коғаз сар карда то ба муқова, аз сиёҳӣ то рангу зарҳал мувофиқи нақша ва қоидаи муайян тайёр карда мешуд. Барои хаттот шудан вақти зиёде бо сабру таҳаммул машқ кардан, мукаммал саводнок будан, диди баланди бадеӣ доштан, эҷодкор будан лозим буд. Хаттотони моҳир усул ва услуби худро ба шогирдон меомӯзонданд. Ҳамин тариқ, анъанаҳои хаттотӣ идома ва ривоҷ меёфтанд.

Хаттоти машҳур **Миралии Табрезӣ (1330—1404)** услуби хаттотии навро бо номи настаълиқ кашф намуд. Яке аз хаттотони хушнавис **Султоналӣ Машҳадӣ (1432—1520)** буд. Ӯ асарҳои ***Низомӣ, Аттор, Ҳофиз, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳусайн Бойқаро*** ва дигар шоиронро нусхабардорӣ намудааст. Беш аз 50 китобе, ки Султоналӣ нусхабардорӣ кардааст ва қитъаҳои зиёди он то ба замони мо омада расидаанд. Султоналӣ дар санъати кандакорӣ низ устои моҳир буд. Навиштаҷоти деворҳои қасри ***«Боғи ҷаҳоноро»***-и Ҳусайн Бойқаро ва лавҳаи санги сари қабри ӯро низ Султоналӣ кандакорӣ кардааст. Ӯ оид ба намудҳои санъати хаттотӣ низ асари махсусе таълиф намудааст. **Султоналии Машҳадӣ** бо номҳои ***«Қиблатул куттоб»*** (Қиблаи котибон) ва ***«Султонул хаттотин»*** (Султони хаттотӣ) шӯҳрат меёбад.

Дар Самарқанд ва Ҳирот махсус китобхонаҳои сарой ташкил шуданд. Ба корҳои китобхона ***«доруғаи китобхона»*** ё ***«китобдор»*** раҳбарӣ мекард. Таҳти роҳбарии ӯ хаттотони хушнавис, мусаввирону наққошони чирадаст, саҳҳофону лаввоҳони моҳир адои вазифа менамуданд. Масалан, дар Ҳирот дар китобхонаи додари Улуғбек — Бойсунғур чил нафар хат-

тот ва чанд нафар наққошон бо нусхабардории дастнависҳо ва ороиши онҳо банд буданд. Соли 1429 дар китобхона достони машҳури Абулқосим Фирдавсӣ **«Шоҳнома»** нусхабардорӣ гардида, он бо 20 намуд миниатюраҳои аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа рангоранг оро ёфт.

Ҳусайн Бойқаро ва Алишери Навоӣ барои бо асарҳои нодир бой гардонидани китобхонаи сарой ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

## Санъати тасвирӣ

Обидаҳои санъати тасвирии асри XV аз портрет, лавҳаҳои ҳаётӣ, манзараҳои табиат, тасвирҳо, бино ва асарҳои бадеӣ иборат буданд. Дар байни тасвирҳо қиёфаҳои **Ҷомӣ, Навоӣ, Абдулло Хотифӣ, Беҳзод, Ҳусайн Бойқаро, Бобур** ва дигарон то ба замони мо омада расидаанд. Мусаввирон кӯшидаанд, ки симои зоҳирии ин шахсони таърихиро дақиқ ва мукаммал тасвир намуда, баъзан ҳатто саъй кардаанд то ки олами маънавии онҳоро низ ба риштаи тасвир кашанд. Масалан, дар тасвири Навоӣ, ки аз ҷониби рассоми машҳур **Маҳмуд Музаҳҳиб** кашида шудааст, шоир ба асо такя намуда, қоматаш андаке хамида, дар нигоҳҳои ӯ хастагӣ, бузургӣ ва олиҷанобӣ бо ҳам омехта ба назар мерасад.

**Камолиддини Беҳзод** намояндаи барҷастаи санъати тасвирии асри XV буд. Ӯ дар мусаввирӣ асосгузори як услуби нави эҷодӣ бо номи «*Мактаби Ҳирот*» гардид. Беҳзод ба сифати устод — санъаткор ба ривоҷи санъати тасвирии Осиёи Миёна, Эрон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо таъсири пурсамаре гузошт. Эҷодиёти Беҳзод дорои мазмуни гуногун буда, он аз портрети симоҳои таърихӣ (Ҳусайн Бойқаро, Шайбонихон, Алишери Навоӣ) сар карда, то маросимҳои қабули сарои серҷилои ҳукмдор ва манзараҳои майдони ҷангро ҳаққонӣ ва таъсирнок тасвир намудааст Хусусан, миниатюраҳое, ки ба манзараҳои лирикии достони ***«Лайлӣ ва Маҷнун»***-и Деҳлавӣ, ё манзараи майдони ҷанги пуршиддат,ки барои ***«Зафарнома»***-и Шарофиддини Алии Яздӣ офарида



**Камолиддини Беҳзод.**

шудаанд, хеле пурҷозиба ва таъсирнок мебошанд. Алқисса, дар робитаи ҳамдигар ривоҷ ёфтани асарҳои санъати тасвирӣ ва адабиёти бадеӣ, таъсири самараноки якеро ба дигарӣ нишон медиҳад.

## Мусиқӣ

Дар асрҳои XIV–XV оҳанг ва сурудҳои нав, доир ба асбобҳои навозандагӣ ва назарияи мусиқӣ асарҳои нодир офарида шуданд. Созанда, оҳангсоз ва ҳофизони боҳорат ба воя расиданд. **Абдуқодири Найӣ, Қулмаҳаммади Шайхӣ, Ҳусайни Удӣ, Шоҳқули Ғиҷҷакӣ, Қосими Раббонӣ** ва дигарон аз ҷумлаи онҳо буданд. Баробари мусиқинавозони болаёқат шоир ва мутафаккирон, аз қабили Улуғбек, Навоӣ, Ҷомӣ, Биноӣ низ бо санъати мусиқӣ машғул гардида, ба ривоҷи он ҳиссаи калон гузоштанд. Масалан, Улуғбек навоҳои ***«Булӯҷӣ», «Шодиёна», «Ахлоқӣ», «Табрезӣ», «Усули равон» ва «Усули отлиқ»***, Навоӣ **«Исфаҳонӣ»**-ро офаридаанд. Ҷомӣ ва Биноӣ оид ба назарияи мусиқӣ асарҳо эҷод намудаанд. Санъати мусиқӣ дар пайвастагии узвӣ бо дигар намудҳои санъат ва шеърият тараққӣ ёфта, ба зинаи нави пешрафт бардошта шуд.

## Адабиёт



**Расми Навоӣ мансуб ба қалами мусаввир Маҳмуд Музаҳҳиб.**

Адабиёти халқҳои Осиёи Миёна аз ҷиҳати услуби бадеӣ такмил ёфта, ба зинаи нав баромад. Ҳам дар наср ва ҳам дар назм асарҳои зиёди нодири бадеӣ ва лирикӣ офарида шуданд. Дар байни адабиёти халқҳои Осиёи Миёна, хусусан, ӯзбеку тоҷик робита ва ҳамкорӣ инкишоф ёфта мустаҳкам мегардад. Адабиёти тарҷумавӣ ба вуҷуд омад. Баробари рушди адабиёти бадеӣ дар ҳоли пайвастагӣ адабиётшиносӣ низ равнақ ёфта, асарҳои пурарзиши илмӣ офарида шуданд.

Ҳамон давр, шоир ва адибони соҳибистеъдоди замона **Кутбии Хоразмӣ, Сайфии Саройӣ, Ҳайдари Хоразмӣ, Дурбек, Амирӣ, Яқинӣ, Атоӣ, Саккокӣ, Лутфӣ, Бобур, Муҳаммад Солеҳ** ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Достони ***«Юсуф ва Зулайхо»*** дар коркарди нави Дурбек, девони

шоири тошкандӣ Атоӣ аз дурдонаҳои адабиёти бадеии ҳамин давр мебошанд. Дар байни шоирони ўзбеки ин давр **Лутфӣ (1366—1465)** мавқеи алоҳида дорад. То Навоӣ дар шеърияти ўзбек шоире набуд, ки ба дараҷаи Лутфӣ расида бошад. Ў на танҳо ба забони ўзбекӣ, балки инчунин ба забони форсӣ низ қасидаҳо эҷод намудааст. Дар эҷодиёти Лутфӣ фикрҳои аз қабили дўст доштани ҳақиқат ва адолат, тарғиб намудани шафқат ва муруввват, дўст доштани илм ва санъат мавқеи муҳим доранд.



**Алишери Навоӣ.**

Дар равнақи адабиёти бадеии асри XV саҳми арбоби барҷастаи давлатӣ, шоири бузург, олим, мутафаккир ***Алишери Навоӣ*** ва шоири бузурги тоҷик ***Абдураҳмони Ҷомӣ*** бағоят калон аст. Навоӣ тамоми фаъолият ва эҷодиёти худро ба мубориза баҳри бахту саодати инсон, осоиштагии халқ, пешгирии ҷангҳои дохила, корҳои ободонӣ, равнақи илму фан, санъат ва адабиёт бахшид. Ў забони адабии ўзбек, адабиёти классикии ўзбекро ба зинаи нав бардошт. Навоӣ беш аз 30 асари калони бадеӣ навишт. *«Хамса», «Хазойинул маонӣ», «Маҳбубул қулуб», «Лисонут тайр»* аз ҳамин ҷумла мебошанд.

Навоӣ аҳамияти калон доштани таърихдониро таъриф намуда, одамонро ба омўхтани таърих даъват месозад. Ба фикри ў, фанни таърих тарҷумаи ҳоли шоҳон, ҳукмдорон набуда, балки чун таърихи мамлакат бояд омўзонида шавад. Навоӣ чунин меҳисобид, ки чӣ ба таназзул ва чӣ ба фаровонӣ овардани мамлакат, ба туфайли кадом корҳо обод шудани он, барои халқ фароғат ва бахт фароҳам оварданро бояд таърих нишон диҳад.

Навоӣ имконпазирии ободонии мамлакатро бо ёрии адолат ва зарурати бо хулқу одоби хеш хурсанд кардани одамонро барои ҳар як фард таъкид менамояд.

Хуллас, шоир ва мутафаккири бузурги халқи ўзбек Алишери Навоӣ бо ғояҳои инсонпарваронаи худ дар фаъолият ва эҷодиёт, инчунин дар асарҳои бебаҳои хеш аз радифи санъаткорони барҷастаи ҷаҳон ба худ мавқеи муносиб ишғол намуд. Абдураҳмони Ҷомӣ, ҳамзамон, устоз ва дўсти Алишер Навоӣ буд. Дўстӣ ва ҳамкории онҳо тимсоли равшани дўстӣ ва ҳамкории халқҳои ўзбек ва бародар мебошад.

**Агар ин зоти бузургро авлиё гӯем, ӯ авлиёи авлиёҳо, мутафаккир гӯем, мутафаккири мутафаккирон, шоир гӯем, султони шоирон аст.**

**Ислом Каримов «Маънавиёти воло – қувваи мағлубнопазир».**

1. Санъати китобат чӣ хел ривоҷ ёфт?
2. Ривоҷёбии китобхонаҳоро бо мисолҳо фаҳмонед.
3. Комёбиҳоро дар санъати тасвирӣ бо мисолҳо нақл кунед.
4. Дар бораи Камолиддини Беҳзод ахбори мухтасарро омода созед.
5. Дар бораи ривоҷи санъати мусиқӣ чиҳоро донистед?
6. Дар равнақи адабиёти ӯзбек хизмати Навоӣ аз чӣ иборат аст?

## САБАҚҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МАЪНАВИЁТ ДАР САДАИ ГУЗАШТА

*(Ба ҷои хотима)*

Шумоён дар давоми соли таҳсил бо таърихи Ватанамон — Ўзбекистон дар садаи IV ва аввали садаи XVI ошно гардидед. Ба таърихи ватанамон, ки дар замонҳои қадим бо номҳои Тўрон, дар асрҳои миёна Туркистон ва Мовароуннаҳр шўҳрат пайдо намудааст, хотима дода, ба он эътибор додан лозим аст, ки саравал ин гузаштаи кўҳнаи халқамон таърихи фаъолияти бузурги бунёдкоронаи муқаддаси он мебошад. Дар ин давра ба туфайли меҳнати бардавоми ў дар кишварамон пеши роҳи дарёҳои азим, сойҳои хурду калон ва шохаҳои онҳо гирифта, майдони кишоварзӣ фарох гардид, боғу роғзор ва бўстонҳо барпо шуданд. Воҳа ва вилоятҳое, ки алҳол мову шумо ҳаёт ба сар мебарем, ташаккул ёфт ва обод гардид. Шаҳру деҳаҳои бешумор қад кашиданд. Шаҳрҳо васеъ гардида, ба марказҳои ҳунармандӣ, тиҷорату маърифат, илму фан, ҳамчунин маданият тадбил ёфтанд. Соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ ривоҷу равнақ ёфта, ашёву асбобҳо, ҳамчунин зебу зинат, ки аз тарафи ҳунармандони дасташон гулу бо диди нозук ва маҳорати эҷодӣ сохташуда ҳамчун асари бузурги санъат ба қиёмаш расонда шуданд.

Аз як тараф кишоварзии обёришаванда ва чорводорӣ, аз тарафи дигар тараққиёти ҳунармандӣ боиси инкишофи тиҷорати дохилаву беруна гашта, алалхусус алоқаҳоро дар бозори беруна мустаҳкам сохт ва он бешак ба пешрафти хату савод, тараққиёти илму фан ва маърифат оварда расонд. Маҳз дар ҳамин давр Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ, Аҳмад ал-Фарғонӣ, Абунаср Форобӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абўали ибни Сино ва Мирзо Улуғбек барин алломаҳои бузурги асримиёнагӣ ба камол расиданд. Онҳо ба пешрафти илму фанни ҷаҳонӣ ҳиссаи беназир гузоштаанд.

Дар боби идоракуниии кишвару диёр, ҳам давлатдорӣ қонуну қоидаҳои ба худ хос, низомҳои ҳаққу ҳуқуқ нисбати замину мулк ба вуҷуд омаданд. Дар ин диёр аз ҳокимони маҳаллӣ сар карда, ки ба вилоятҳои калон сарварӣ кардаанд, то Ҳоқонати турк, салтанати Сомониён, Ҳоқония-Қорахониҳо, Хоразмшоҳиён ва Амир Темур барин давлатҳо ташкил ёфтанд. Ин воқеияти таърихӣ ҳаминро қатъан тасдиқ менамояд, ки дар ҳудуди Ватанамон маданияти давлатдорӣ дар асрҳои миёна боз ҳам ривоҷ ёфта, ба дараҷаи низоми идораи салтанатҳои бузург бардошта шудаанд.

Бешак, равнақи давлатҳо аз давлатҳои бузург ва ба дараҷаи Салтанати марказонидани онҳо, яъне дараҷаи шоҳаншоҳӣ

(империявӣ), ҳамчунин камол ёфтани аҳолии он мувофиқи дин ва эътиқоди умумидавлатӣ, алалхусус дар асоси мафкураи исломӣ, бешак аҷдодонамонро муттаҳид сохт, ки аз қадимулайём дар минтақаи таърихии Тӯрон-Туркистон ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар ин давр Имом ал-Бухорӣ, Абӯисо ат-Тирмизӣ, Бурҳониддини Марғинонӣ, Хоҷа Аҳрор ва Баҳоваддини Нақшбанд барин даҳо ва уламоҳои номдор ба камол расиданд. Онҳо ба рушди дини ислом, қонуншиносии он ва ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ бардошта шудани он ҳиссаи калон гузоштанд. Ислом эътиқоди одамонро мустаҳкам намуд.

Барои дар ҷараёни ташаккулёбии онҳо ба сифати халқ чун қувваи мағлубнопазир омили асосӣ гардид. Мувофиқи тақозои таърих қабилаҳои мансуби гурӯҳҳои этникии мухталиф аз Шарқу Ғарб ба диёрамон омада, бо аҳолии таҳҷоӣ якҷоя шуда, омехта гардид. Дар натиҷаи рӯй додани ин қабил ҷараёнҳои этникӣ дар давоми садаҳо халқи ӯзбеке ташаккул ёфт, ки соҳиби ҳудуд, давлат, забон, тарзи ҳаёти маънавиву мадании худ буд.

Меҳнати машаққатнок, баракоти кишоварзӣ, роҳату азоби он, муносибатҳои ихтиёрдорӣ кардани замин ба тарзи зиндагонӣ, хулқу атвори халқамон таъсири пурқувват расонда, дар ӯ одоби эътиқоди мустаҳкам, ахлоки пок, сабру тоқатро ташаккул дод.

Туркистон — Ӯзбекистони таърихӣ, ки дар боби ба вуҷуд овардани ин қудрати ҷамоавии забардаст нақши калон бозидааст, дар таърих бо роҳи Корвони бузург барои ташаккул ёфтани муносибатҳои байниҳамдигарии иқтисодӣ ва мадании давлатҳои Шарқу Ғарб ва васеъ ҳамоҳангӣ пайдо кардани он ба сифати мамлакати таҳаммулноку омилкор ва ҳамчун сипар фаъолият нишон дода меояд.

Таърихи дуру дарози Ватанамон гувоҳӣ медиҳад, ки вақте ки адолат аз байн рафта, зулми истибдод пурзӯр гардид, дар мамлакатамон нооромӣ ва ҳолати танг ба вуқӯъ пайваст. Ошӯбҳои халқӣ сар зада, мамлакат ба бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ дучор меояд. Дар ин вазъияти душвору мушкил ҳатту ҳаракатҳои бесару сомони ҳокимҳои маҳаллӣ нисбати ҳокимияти Марказӣ авҷ мегирад. Дар ин давр мамлакат рӯ ба таназзул ниҳода, давлат барҳам мехӯрад. Ба ин қисмати фоҷиавии салтанати Темуриён махсусан сабақ мегардад.

Падару бобоёнамон, ки аз ана ҳамин қисматҳои Ватан — Модарамон сабақ бардоштаанд, беҳуда ин ибораро ба забон нагирифтаанд: *«Дӯст доштани Ватан аз имон аст»*. Дар замири ин суханони пуршараф олам-олам маънову мазмун ниҳон мебошад. Муҳаббат ба Ватан аз иззату икром нисбати волидон ва устодон, садоқат ва эътиқод нисбати оила оғоз меёбад.

# М У Н Д А Р И Ҷ А


*Муқаддима* ........................................................................ 3

## Б О Б И I
## ТАШАККУЛ ВА РИВОҶЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА

§ 1. Тағйиротҳои иҷтимоиву иктисодӣ ........................................ 5
§ 2. Давлатҳои ибтидоии асрҳои миёна ........................................ 8
§ 3. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ дар давраи Эфталҳо ..... 13
§ 4. Халқҳои Осиёи Миёна дар давраи Ҳоқонати Турк ............... 17
§ 5. Ҳоқонати Ғарбии Турк ........................................................22
§ 6. Ташкил ёфтани ҳокимиятҳои маҳаллӣ ................................ 25
§ 7. Ҳаёти маданӣ дар асрҳои VI–VII ........................................ 29

## Б О Б И II
## ИСТИЛОИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ТАРАФИ ХИЛОФАТ. ОШӮБҲОИ МАРДУМӢ (САДАҲОИ VII–VIII)

§ 8. Дини ислом ва Хилофати араб ........................................... 33
§ 9. Оқибатҳои иқтисодӣ ва маънавии забти Мовароуннаҳр ....... 37
§ 10. Ошӯбҳои халқӣ бар зидди хилофат ....................................... 39
§ 11. Хуросон ва Мовароуннаҳр дар давраи ҳукмронии Аббосиён. Исёни Абӯмуслим ................................................... 41
§ 12. Шӯриши «Сафедҷомагон» .................................................... 43

## Б О Б И III
## ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛИ МОВАРОУННАҲР

§ 13. Сустшавии хилофат, оғози ташаккулёбии давлатҳои мустақил ........................................................................... 47
§ 14. Сомониён ........................................................................... 51

§ 15. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии давраи Сомониён ........................ 54
§ 16. Муносибатҳои заминдорӣ дар асрҳои IX–X.
Таназзули сулолаи Сомониён.Давлати Ғазнавиён ................ 58
§ 17. Давлати Қарохониён ва Мовароуннаҳр ................................. 63
§ 18. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асрҳои XI–XII ....................... 65
§ 19. Давлати Хоразм ва пешрафти он ......................................... 67
§ 20. Мутафаккирони Осиёи Миёна.Равнақи илму фан ................71
§ 21. Давраи нав дар ҳаёти мадании Мовароуннаҳр ва
Хоразм (Асри IX — ибтидои асри XIII) ...............................75
§ 22. Меъморӣ, санъат, мусиқӣ ва эътиқоди динӣ .................... 79
§ 23. Ҷараёнҳои этникӣ ва ташаккулёбии халқи ӯзбек ................. 84

## БОБИ IV
## МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ ХАЛҚҲОИ ВАТАНАМОН БА МУҚОБИЛИ ЗУЛМУ ИСТИБДОДИ ЧИНГИЗХОН

§ 24. Муносибати салтанати Хоразмшоҳиён бо давлати муғулҳо ... 87
§ 25. Истилои Чингизхон ............................................................. 92
§ 26. Ҳалокати давлати Хоразмшоҳиён ........................................ 97
§ 27. Ташкил ёфтани улуси Чиғатой ........................................... 101
§ 28. Ҷоннокшавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ ........... 104

## БОБИ V
## АМИР ТЕМУР ВА ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН

§ 29. Ба майдони муборизаи сиёсӣ баромадани Амир Темур ..... 108
§ 30. Амир Темур асосгузори давлати мутамарказ .......................112
§ 31. Юришҳои ҳарбии Амир Темур ...........................................114
§ 32. Сохти маъмурӣ ва ҳарбии салтанати Амир Темур .............. 119
§ 33. Дар роҳи ободонии мамлакат ..............................................122
§ 34. Алоқаҳо бо давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ................................ 126
§ 35. Мубориза байни ворисони Амир Темур барои тоҷу тахт
ва оқибатҳои он ................................................................... 129
§ 36. Улуғбек — арбоби маърифатпарвари давлатӣ .....................131
§ 37. Ба таназзул рӯ овардани салтанати Темуриён ................... 135
§ 38. Деҳқонӣ. Муносибатҳои заминдорӣ ................................... 138
§ 39. Алоқаҳои тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ ....................................142
§ 40. Равнақи илму фан ...............................................................146
§ 41. Ҳаёти маданӣ .......................................................................150

*Сабақҳои таърихӣ ва маънавиёт дар садаи гузашта*
(Ба ҷои хотима) ................................................................... 155

**Abdulahad Rahimjonovich**
**Muhammadjonov**

O'quv nashri

# O'ZBEKISTON TARIXI

**(IV ASRIDAN XVI ASR BOSHLARIGACHA)**

**7-SINF UCHUN DARSLIK**

*(Tojik tilida)*

***O'zbekiston Respublikasi Xalq ta'limi vazirligi umumiy o'rta ta'lim maktablari uchun darslik sifatida tasdiqlagan***

Ikkinchi nashri

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent — 2013

Тарҷумон *Э. Турдиқулов*
Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири нашриёт *А. Баҳромов*
Муҳаррири бадеӣ *Т. Қаноатов*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Саҳифабанди компютерӣ *Ҳ. Шарипова*

**Nashr litsenziyasi AI № 201, 28.08.2011 yil.**

Ба чопаш 25.06.2013 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x90 1/16. Гарнитураи «Таймс». Ба усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,7. Теъдоди нашр 6897 нусха. Супориши № 3041.

**Матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Шарқ», 100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Тӯрон, 41.**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми ба иҷора додан**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли таҳсил | Ҳолати китоби дарсӣ вақти гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоби дарсӣ вақти супурдан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

***Китоби дарсӣ ба иҷора дода, дар поёни соли таҳсил баргардонида мешавад, ҷадвали болоӣ аз ҷониби раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:***

| | |
|---|---|
| ***Нав*** | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
| ***Хуб*** | Муқова бутун аст, аз қисми асосии китоб канда нашудааст. Ҳамаи варақҳо дар ҷояш, надаридаанд, дар саҳифаҳо хатҳо ва навиштаҷот нестанд. |
| ***Қаноатбахш*** | Муқова афсурда шудааст, то андозае хатҳо пайдо шудаанд, канораҳои китоб хӯрда, муқова аз қисми асосии китоб ҷудо шудааст, аз ҷониби истифодабаранда ба таври қаноатбахш тармим гаштааст. Саҳифаҳои беҷошуда ё аз ҳам каноррафта аз сари нав ҷо ба ҷо гаштаанд, дар баъзе саҳифаҳо хатҳо кашида шудаанд. |
| ***Ғайриқаноатбахш*** | Дар муқова хатҳо пайдо шудаанд, даридааст, аз қисми асосӣ канда шудааст ё ки тамоман нест, ба таври ғайриқаноатбахш тармим шудааст. Варақҳо даридаанд, камбудии миқдорӣ доранд, дар онҳо хатҳо пайдо шудаанд, ранголуд гаштаанд. Китоби дарсиро аз нав барқарор кардан имконнопазир аст. |